**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

СУД 338.6 (537,5) *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРОВ АБДУВАЛИ МАҲМАДСАИДОВИЧ**

# ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)

***Роҳбари илмӣ:***

*номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*

*Мирзоалиев А.А.*

**Душанбе - 2023**

## МУНДАРИҶА

| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| **МУҚАДДИМА** | ........................................................................ | **3** |
| **БОБИ I.** | **АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР...** | **12** |
| **1.1.** | Нақш ва аҳамияти рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ........................................ | **12** |
| **1.2.** | Хусусиятҳои хос ва омилҳои ба рушди хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ таъсиррасон............ | **27** |
| **1.3.** | Таҷрибаи хориҷии рушд ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ.................................................................... | **44** |
| **БОБИ II.** | **ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2017-2021)..................** | **58** |
| **2.1.** | Тамоюли рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир....................................................... | **58** |
| **2.2.** | Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ........................ | **73** |
| **2.3.** | Таҳияи модели иқтисодию риёзии рушди хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ................................. | **103** |
| **БОБИ III.** | **ДУРНАМОИ РУШДИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ САЙЁҲӢ.................** | **115** |
| **3.1.** | Таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ............................................................ | **115** |
| **3.2.** | Такмили механизми дастгирии давлатии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон................................ | **127** |
| **3.3.** | Роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ........................ | **139** |
| **ХУЛОСА** | ........................................................................ | **157** |
| **РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** | ........................................................................ | **161** |
| **ЗАМИМА** | ........................................................................ | **181** |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Тамоюли устувори рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ташаккули он, инчунин ба шароити имрӯза мувофиқ гардониданi сатҳу сифати хизматрасонии сайёҳӣ ба болоравии вазъи зиндагии аҳолии кишвар, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва таҷдиди дигар сохторҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Вазъи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳукумати мамлакат ҷиҳати тадриҷан боло бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат ва паст намудани шиддати бекорӣ барномаҳои ҳадафманд қабул намуда, бо мақсади таъмини рушди босуботи иқтисодиёт ташабусҳои нав ба наву созандаро ба роҳ мондааст. Аз ҳамин лиҳоз ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат идома дошта, ба омили муҳим, яъне такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ такя менамояд. Раванди мазкур имконият медиҳад, ки дар мамлакат ҷойҳои кории нав ба вуҷуд омада, аҳолии қобили шуғл ҷалб гардад ва дар ин замина иқтисодиёти кишвар рушд намояд.

Дар қатори дигар соҳаҳо: мошинсозӣ, телекоммуникатсия, хизматрасониҳои маишӣ, кишоварзӣ, тиб, маориф, шаҳрсозӣ, сайёҳӣ низ соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт ва таъминкунандаи рушди тараққиёти стратегӣ ба ҳисоб меравад

Аз инҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки: «Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвари мо «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад. Ин ташаббус солҳои минбаъда низ идома ёфта, дар Паёми навбатии худ солҳои 2019-2021-ро Сарвари давлат «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон доштанд ва дар ин замина, чорабиниҳои мушаххас гузаронида шуда истодаанд[1]. Соҳаҳои сайёҳӣ ва ҳунармандӣ ду самти

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу, Ваҳдати миллӣ, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [26.12.2028, ш. Душанбе].

афзалиятноки сарватҳои миллӣ ҳастанд, ки бо ҳам алоқамандии зич доранд ва барои муаррифии фарҳангу таърихи куҳани халқи тоҷик, табиати биҳиштосо, обҳои мусаффои Тоҷикистон ба ҷаҳониён аҳамияти муҳим доранд. Сайёҳон бо таваҷҷуҳ ба ҳунарҳои миллӣ ба кишвари мо рӯ оварда, маҳсулоти ҳунармандони тоҷикро харидорӣ мекунанд, аз меҳмонхонаю тарабхонаҳо истифода мебаранд.

Вобаста ба талаботи имрӯза шаклҳои нави соҳибкорӣ дар ин замина ташаккул ёфта, бахшҳои нави фаъолияти иқтисодӣ: соҳаи хизматрасонӣ, кишоварзӣ, савдо, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра рушд намудааст, ки боиси эҷоди ҷойҳои нави корӣ гардидааст. Ҳолати воқеии рушди мусбати сайёҳӣ боиси тағйири иқтисодиёти минтақа гардида, шаҳракҳо, шаҳрҳои саноатӣ ва сайёҳӣ ба вуҷуд омаданд.

Омили дигаре, ки ҳамвора ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад, таҷдиди инфрасохтори он, бо мақсади истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои сифатноки сайёҳӣ мебошад. Вазъи имрӯзаи соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки бинобар сабабҳои ҷалб нагардидани сарчашмаҳои мушаххаси маблағгузорӣ, инфрасохтори сайёҳӣ ба дараҷаи кофӣ рушд накардаистодааст.

Самтҳои пешниҳодгаштаи такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ ба муҳимияти мавзӯи интихобгардида дар шароитҳои муосир ишора менамоянд.

Монеаҳои ҷойдошта боис гардиданд, ки дар раванди таҳқиқот масоили такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аз ҳамин хотир таҳқиқи масъала дар шароити имрӯза ниҳоят зарур ва муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи таҳлилу омӯзиши адабиёти гуногуни ба рушди сайёҳӣ бахшидашуда, ки аз тарафи муҳаққиқони сермаҳсули ватанию хориҷӣ ба итмом расонида шудааст, рӯйи кор омада, бо истифодаи усулҳои зерин: таҳлилӣ, муқоисавӣ, мушоҳидавӣ, баҳодиҳӣ, коршиносӣ ва амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ

асоснок карда шудааст.

Дар ин раванд саҳми олимони хориҷӣ Ю.А. Александрова, К.З. Адамова, Л.В. Баталова, М.Б. Биржаков, Н.Ю. Блиничкина, В.С. Боголюбов, Л.Д. Бугаева, Ф.Р. Бисчокова, А.В. Власов, К.И. Вахлис, В.Г. Герасименко, Г.А. Дремина, М.Ю. Кварталнов, А.С. Кусков, И.П. Магидович, В.С. Петровский, А.И. Паншин, М.Э. Портер, Ж.Ж. Руссо, Т.А. Фролова, Е.Е. Юрченко, С.А. Шербакова ва дигаронро чашмрас ва бомавқеъ маънидод намудан мумкин аст.

Олимони ватанӣ А. Аминов, Д. Қодирзода, Ф.А. Ҷабборов, Ғ. Ҷурабоев, С.С. Мизробов, Р.К. Раҷабов, Ф.Р. Шаропов, А.А., Мирзоалиев, С. Хабибов, М. Ҷамшедов, Ҳ.Н. Фақеров ва дигарон доир ба самтҳои мухталифи рушди соҳа таҳқиқот анҷом додаанд. Новобаста аз ҷанбаи баланди илмию амалӣ доштани таҳқиқоти анҷомдодашуда ҳолати рушди соҳаи сайёҳӣ, хусусан масоили такмили механизми ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба тариқи пурра ва фарогир мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Зарурати баргузории таҳқиқоти мо низ дар он зоҳир мегардад, ки масоили ба рушди сайёҳӣ алоқамандро омӯхта, ҷиҳати такмили механизмҳои муосири ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ тавсияҳои илман асоснокро роҳандозӣ намоем. Рузмарра будани мавзӯи зикргардида низ ба омилҳои болозикр алоқаманд мебошад.

Зарурати гузаронидани таҳқиқоти мазкур, ба пешниҳоди хизматрасониҳои эътимодноки ширкатҳои сайёҳи алоқаманд мебошад. Айни замон таҳқиқи саривақтии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкур пеш омадааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, ба масъалаҳои таъмини рақобатнокии субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ ва дар ин замина рушди соҳаи сайёҳӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот** аз асоснокгардонии муқаррароти илмию назариявӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас вазифаҳои зерин пеш гузошта шудааст, ки ҳалли онҳо мавқеи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро баланд мебардорад. Аз он ҷумла:

- таҳқиқи асосҳои назариявию амалии механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ;
- ошкорсозии омилҳои таъсиррасон ба рушд ва баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин асоснокнамоии нақш ва мавқеи хизматрасониҳои сайёҳӣ дар шароити муосир;
- омӯзиши хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ дар мисоли ширкатҳои миллӣ, инчунин дар асоси таҷрибаи пешқадами ширкатҳои фаромиллии рушдкарда пешниҳоди тавсияҳои мушаххас;
- таҳлили ҳолати рушди сайёҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, зимни таҳлили маҷмӯи ошкорсозии монеаҳо, арзёбии омилҳо ва таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати ин навъи хизматрасониҳо дар кишвар ваояндабинии нишондиҳандаҳои асосии соҳа бо истифодаи нишондиҳандаҳои омории соҳавӣ;
- таҳқиқи самтҳои асосии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ;
- ошкорсозии монеаҳои асосии рушди соҳа ва татбиқи механизмҳои муосири ташкилию иқтисодии рушди иқтидори хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ.

**Объекти тадқиқотро** ширкатҳои сайёҳие ташкил медиҳанд, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ машғуланд.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ баромад мекунанд, ки ба такмили механизми ташкилию иқтисодии

рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ нигаронида шудаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба баланд бардоштани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ ва дар ин замина рушди соҳаи сайёҳӣ асос ёфтааст.

**Асосҳои назариявию методологии тадқиқотро** назарияи заминасози рушди муносибатҳои иқтисодӣ, корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ оид ба рушди устувори соҳаи сайёҳӣ, барномаҳои мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ роҷеъ ба инкишофи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот**: санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ; додашудаҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохтору мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин раёсатҳои он дар ноҳияҳо; Маркази қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд; маводи воқеии дар монографияҳои алоҳидаи олимон нашршуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии таҳқиқгари мавзӯи диссертатсияи мазкур.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузоштешуда, услубҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-математикӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2023 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии назариявию амалии хусусиятҳои рушди сайёҳӣ, механизми дастгирии давлатии рушди соҳа ва коркарди тавсияҳо оид ба такмилдиҳии самтҳои асосии он иборат мебошад.

Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои навоварии илмӣ мебошанд, бандҳои зерин дохил мешаванд:

1. тақвият бахшидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди сайёҳӣ ва

пешниҳоди таърифи нави рушди сайёҳӣ дар асоси адабиёти илмии ба мавзӯъ бахшидашуда, инчунин омилҳои ба рушди сайёҳӣ таъсиррасон ошкор карда шудааст;

2. бо мақсади муқаррар намудани ҳолати рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ба ин васила таҳқиқи объектҳои асосии рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, усули ягона таҳия гардидааст;

3. дар натиҷаи таҳқиқи амиқи вазъи соҳа бо дарназардошти омилҳои мухталифи ба сифати хизматрасонии сайёҳӣ мутаассир, инчунин таҳлили пурсишномаи анҷомдодашуда, ки аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, SWOT таҳлил гузаронидашуда, ҳолати муосир ва тавсияҳои амалӣ коркард гардидааст.

4. амсилаи иқтисодӣ математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ таҳия гардида, дар ин асос ояндабинии ҳолати соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ошкорсозии монеаҳои рушди соҳа, ки дар натиҷаи истифодаи афзорҳо ва услҳои маъмул ҷамъбаст гардидааст, пешниҳод шудааст.

5. самтҳои асосии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизмарасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ошкор гардида, омилҳо ва механизмҳои асосии соҳа дар бандҳои алоҳида зимни баррасӣ ва муҳокимаҳо бо ироаи тавсияҳои мушаххас таҳия карда шудааст;

6. механизми муосири ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ тарҳрезӣ карда шуда, муқаррар гардидааст, ки рушди минбаъдаи соҳа ба бартарафсозии мушкилоти зерин: молиявӣ - қарзӣ, иттилоотӣ - таҳлилӣ, ташкили фазои мусоиди корӣ, психологияи муосири ҷомеа рабт мегирад ва ба васеъ гардонидани иқтидори иқтисодии объектҳои сайёҳӣ вобаста мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. тақвият бахшидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди сайёҳӣ ва пешниҳоди мафҳуми нави сайёҳӣ;

2. таҳлили вазъи муосири рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ ва дар ин асос таҳқиқи объектҳои асосии рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. бо дарназардошти омилҳои мухталифи ба сифати хизматрасонии сайёҳӣ мутаассир, инчунин таҳлили пурсишномаи анҷомдодашуда, ки аз тарафи субъектҳои соҳа иҷро шудааст, SWOT таҳлил гузаронидашуда, ҳолати муосир ва тавсияҳои амалӣ коркард гардидааст.

4. амсилаи иқтисодӣ математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ таҳия гардида ояндабинии ҳолати соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

5. самтҳои асосии такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизмарасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ошкор гардида, омилҳо ва механизмҳои асосии рушди он пешниҳод гардидааст;

6. таҳияи механизми муосири ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳод гаштаанд. Пешниҳодоти илмии муаллифро метавонанд ширкатҳои сайёҳӣ дар ҷараёни беҳтаргардонии фаъолияташон истифода намоянд. Тавсияҳои назариявӣ ва методӣ, ки дар рисола оварда шудаанд, дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тадбиқ карда шудаанд ва дар таълими фанҳои сайёҳӣ, сайёҳии байналмилалӣ, асосҳои сайёҳӣ, ахлоқи меҳмоннавозӣ, ташкил ва технологияи хизматарсониҳои меҳмонхонаҳо, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда мешаванд.

**Дараҷаи мутобиқати диссертатсия.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ): 1.1. Рушди асосҳои назариявӣ ва методологии сайёҳӣ ва консепсияҳои асосии иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ, 1.3. Хусусиятҳои рушди иқтисодии соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, 1.4. Нақш ва мавқеи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ, 1.10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳо, ташкилот ва маҷмааҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия.

Мутаносибияти фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва маҷмааҳои соҳаи сайёҳӣ, 1.20. Самтҳои асосӣ ва омилҳои рушди сайёҳии дохилӣ, воридотӣ ва содиротӣ, 1.21. Хусусиятҳо ва механизми амалкунии бозори сайёҳӣ. Таъмини рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ дар бозор, 1.34. Механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкорӣ дар сайёҳӣ дар Тоҷикистон, 1.35. Таъсири иқтисодии саноати сайёҳӣ дар рушди намудҳои алоҳидаи саноат, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии назариявӣ ва методии рисола дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар давоми солҳои 2019-2020 баргузор гардидаанд, пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд.

**Натиҷаҳои тадкиқот.** Дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои олии таълимӣ ҳангоми омоданамоии мутахассисони соҳаи сайёҳи мавриди тадбиқ қарор дода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар ташкили раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо, таҳияи барномаҳои корӣ, аз рӯйи ихтисоси «Менеҷменти сайёҳӣ», «Менеҷменти меҳмонхонадорӣ», «Сайёҳии байналмилалӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 12 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 6,8 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 5 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия аз 182 саҳифаи матни компютерӣ, ки аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳоро дар бар мегиранд, иборат мебошад. Дар он 15 ҷадвал ва 14 расму диаграмма ифода ёфтааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

## 1.1. Нақш ва аҳамияти рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ

Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок, зудрушдкунанда ва унсури асосии даромади миллии аксар мамлакатҳо гаштааст. Дар баробари аҳамияти ниҳоят муҳимми иқтисодӣ доштан, рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки равандҳои тиҷорат ташаккул ёфта, боиси муаррифии арзишҳои фарҳангии миллии мамлакатҳо дар сатҳи байналмилалӣ гардад. Ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаи мушаххаси рушд ворид гардида, ҷиҳати тақвият бахшидани он тадбирҳои муассир роҳандозӣ шуда истодаанд.

Ҷанбаи муҳимми мавзӯи таҳқиқотӣ ба тамоюли ҷаҳонишавии бахши сайёҳӣ дар давоми солҳои охир алоқаманд буда, дар ин марҳила сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои ояндадори иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфта истодааст[2]. Модернизатсияи унсурҳои таркибии иқтисоди миллӣ ба бунёди инфрасохтори сайёҳӣ низ такя намуда, имконият медиҳад, ки мавқеи сайёҳӣ дар қатори дигар бахшҳои воқеӣ иқтисодиёт амалан баланд бардошта шавад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи мазкур дар диссертатсия масоили такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш гузошта шудааст, ки таҳқиқи он бо назардошти ҷаҳонишавии раванд ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Ба назари мо таъсири мусбии сайёҳӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакат, ташаккули соҳаи хизматрасониҳо, тақвият бахшидани иқтисодиёти хизматрасонӣ вобастагии қавӣ дорад. Ояндабинии самаранокии иқтисодию

---

[2] Щербакова С.А. Влияние международного туризма на экономику стран мира: экономико-географичеякая оценка: дисс... канд. геог. наук: 08.00.05/Щербакова Светлана Александровна/МГУ им. М.В. Ломоносова, Москва. 2004. С. 62-78

иҷтимомии соҳаи сайёҳӣ гувоҳӣ медиҳад, ки сайёҳӣ бояд дар ҳамҷоягӣ бо дигар бахшҳои иқтисодӣ рушд намояд.

Имрӯз ҳама оид ба  чунин як падидаи монанди сайёҳӣ тасаввуроти гуогунандешӣ дорад. Барои баъзеҳо, саёҳат саёҳат ба кишварҳои хориҷӣ аст, дар қисми дигар ин истироҳат дар баҳр, барои дигарон ин сафар бо борхалта ба ҷангали наздиктарин, гуфтугӯи маҳрамона дар атрофи оташ ва сурудҳо бо гитара. Ва аввал, дуюм ва саввум дуруст хоҳад буд, зеро сайёҳӣ падидаи гуногун ва васеъ аст. Барои аксари одамоне, ки сайёҳиро ҳамчун як фанни алоҳида ва намуди тиҷорати алоҳида, ки фоидаи кофӣ ва устувор меорад, омӯхта наметавонанд, эҳтимолан бештар бо сафарҳое, ки барои истироҳат фароҳам оварда шудаанд. Аммо, сарфи назар аз он, ки саёҳат ва сайёҳӣ ду мафҳуми бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки фаъолияти мушаххаси инсонро тавсиф мекунанд, онҳо таърифҳои гуногун ва як қатор фарқиятҳои куллӣ доранд.

Дар доираи сафар маънои ҳама гуна ҳаракати одамон дар фазо. Одаме, ки сафар мекунад, новобаста аз кадом мақсаде, ки вай ба кадом самт ҳаракат мекунад, кадом воситаи нақлиётро истифода мебарад ва то чӣ андоза вай мусофир номида мешавад. Ва аллакай, вобаста аз ҳадафҳо, воситаҳои нақлиёт, самт ва дигар хусусиятҳои муҳим ва ночиз, сайёҳон ба маллоҳон, кайҳоннавардон, табиатшиносон ва ғайра тақсим карда мешаванд. Аз замонҳои қадим одамон бо майли азхуд кардани заминҳои нав ва захираҳои нав тавсиф мешуданд. Тавоноҳо заминҳои нав кашф карданд, фазои кушодро забт карданд ва дар харитаҳо ҷазираҳои нав ва қитъаҳои нав пайдо шуданд. Ҳоҷиён барои паҳн кардани эътиқод ва дини худ саъй мекарданд, ҷойҳои муқаддасро барои ибодат ва ҳифз боздид мекарданд.

Ҳамин тавр, сафар ҳамчун роҳи ҳаёт аз замонҳои қадим маълум буд. Дар бораи сайёҳӣ, тақрибан то ибтидои асри XIX. дар ҳеҷ як забони дунё ин калима вуҷуд надошт. Тибқи гуфтаҳои иқтисоддони итолиёвӣ Франко Палошия, он аз решаи tornos-tornus юнонӣ-лотинӣ омадааст, ки маънои "сафар, рафтан, сафар" -ро дорад. Моҳи майи соли 1904 дар Италия

нахустин намоишгоҳи бахшида ба сайёҳӣ кушода шуд. Маҳз дар ҳамон вақт, дар забони италиявӣ сифатҳои “турист” ба таври расмӣ аз калимаи “сайёҳӣ” муқаррар карда шуд.

Имрӯз мафҳуми «сайёҳӣ» чӣ гуна аст? Моҳияти он чист ва он аз сафар чӣ фарқ дорад?

Албатта, баъзе саёҳатҳои дар замонҳои қадим содиршударо сайёҳӣ метавон номид. Аммо, таваллуди сайёҳӣ ба маънои муосири он аз миёнаи асри XIX пайдо нашудааст. Он бо номи пастори машҳури баптист Томас Кук алоқаманд аст. Имрӯз вай асосгузори сайёҳии муосир дониста мешавад. Дар соли 1843 Т. Кук аввалин сафари худро ба шаҳри ҳамсоя барои рамаи худ ташкил кард. Баъдтар тиҷорати экскурсия ба тиҷорати муваффақ табдил ёфт.

Дар луғати калимаҳои хориҷӣ шумо метавонед муайяне созед, ки мувофиқи он **сайёҳӣ** (**сайёҳии** фаронсавӣ аз сайёҳӣи фаронсавӣ - «саёҳат, сафар») - саёҳат бо мақсади истироҳат ва дониши минтақаҳои гуногуни кишвари шумо ва ё кишварҳои дигар сохта шудааст ва дар баъзе ҳолатҳо бо унсурҳои варзиш омехта шудааст. [1].

Дар соли 1954, Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мафҳуми сайёҳӣро ҳамчун як шакли фаъолияте муайян кард, ки ба саломатӣ ва рушди ҷисмонии шахс, ки берун аз ҷои истиқомати доимии ӯ амалӣ мегардад, таъсир мерасонад.

Соли 1993 Комиссияи омори СММ ба таърифи сайёҳӣ тағирот ворид кард. Тибқи ин тағиротҳо, **сайёҳӣ** фаъолияти одамоне мебошад, ки бо мақсади истироҳат, тиҷорат ва дигар мақсадҳо дар ҷойҳои берун аз муҳити муқаррарии худ бештар аз як соли пайдарпай сафар мекунанд ва мемонанд. Имрӯз маҳз ин таърифи сайёҳӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон маъмултарин ва қонунӣ мебошад.

Сайёҳат ин сафарест, ки берун аз ҳудуди макони зисти доимӣ барои ягон мақсад, ғайр аз дарёфт кардан ва иваз кардани ҷои доимии зиндагӣ, инчунин қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоӣ (фароғатӣ, тиҷорат, сиёсӣ,

маърифатӣ ва ғайра) марбут аст, ки ба зарурати ҳаракат додани оммаи одамон дар фазо дахл дорад .

-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҷои истиқомати доимӣ дар соҳаи тиб ва солимгардонӣ, истироҳатӣ, маърифатӣ, ҷисмонӣ, варзишӣ, касбӣ-тиҷоратӣ, мазҳабӣ ва ғайра бидуни машғул шудан бо фаъолияте, ки ба даромад аз манбаъҳои воқеъ дар ҷои истиқомати муваққатӣ алоқаманд аст.

Аз таҳлили ҳолатии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои мутараққӣ бармеояд, ки дар ин мамлакатҳо сайёҳӣ аз соҳаи сердаромадтарин ва шохаи сеюми даромади миллӣ ба шумор меравад. Таҳлили нишондиҳандаҳои худмашғулиятии аҳолӣ, сатҳу сифати зиндагонӣ дар кишварҳои аврупоӣ, Эрон, Чин, Россия шаҳодат медиҳад, ки даромади муайяни аҳолӣ аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Нуқтаи дигари ҷолиби диққат дар он ифода меёбад, ки дар шароити имрӯза ташкили корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ ва таъмини аҳолии қувваи корӣ бо ҷойҳои кор ба ҷалби сармояи ниҳоят калони молиявӣ марбут мебошад. Барои бартараф намудани мушкилоти зикргардида истифодаи имкониятҳои васеи сайёҳӣ, ки қисми зиёди қаламрави ҷумҳуриро фаро мегирад, манфиатовар ва бартарафсозандаи масоил мебошад.

Вобаста ба масоили рушди сайёҳӣ, аҳамияти иҷтимоию иқтисодии он корҳои зиёд ва арзишманди илмию амалӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст. Новобаста аз ин ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ ба хулосае омадем, ки дар рушди ояндаи соҳаи сайёҳӣ як қатор монеаҳо ҷой доранд, ки инҳо бештар ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва дар заминаи он таҷдиди инфрасохтори объектҳои сайёҳӣ вобаста мебошанд.

Доир ба нақш ва мавқеи сайёҳӣ дар соҳаи иқтисодиёт корҳои илмии зиёд ба итмом расонида шудааст. Аз он ҷумла дар таҳқиқоти Мизинтсева М.Ф.[3],

---

[3] Мизинцева М.Ф., Диаманти Э. Основные направления развития экологического туризма в рамках рационального природопользования в современных странах (на примере Республики Албания) / М.Ф. Мизинцева, Э. Диаманти // Science Journal of VolSU. Global Economic System. 2018. Vol. 20. No. 1. C. 119-126.

Сардарян А.Р.[4], Блиничкина Н.Ю. [5], Мейланова И.А.[6], Тахтаева Р.Ш.[7], Филоненко В.В.[8], Амонова Д.С.[9], Ҷураева А.О., Ҳайдар Л.[10], Фақеров Ҳ.[11], Обидов Ф.[12], Қодирзода Д.Б., Мирбобоев Ф.Н. [13], Ғ. Ҷурабоев[14], Ҷамшедов М., Ҳабибов С.[15], Машокиров Ҷ.Н., Шаропов Ф.Р.[16], Мирзоалиев А.А.[17], Ҷабборов Ф.А.[18], Бобохонов С., Наҷмиддинов Ф.Н.[19], Мизробов С.С.[20], ва дигарон ба

---

[4] Мизинцева М. Ф., А. Р. Сардарян Оценка персонала: учебник и практикум для вузов / М. Ф. Мизинцева, А. Р. Сардарян. - Москва: Издательство Юрайт, 2023. - 378 с.

[5] Блиничкина Н.Ю. Развития туризма как основа системы экономической безопасности Республики Таджикистан. Н.Ю. Блиничкина/Азимут научных исследований: экономика и управление: ТГУБП, Худжанд. 2015. №4(13). С. 11-14.

[6] Мейланова И.А. Формирование системы управления качеством услуг в туристической организации. И.А. Мейланова: дисс. канд. экон. наук: 08.00.05. Махачкала, 2005. 161 с.

[7] Тахтаева Р.Ш. Состояние, проблемы и перспективы развития инфраструктуры туризма в Республике Казахстан / Р.Ш. Тахтаева // Алтайский вестник Финансового университета. 2018. № 3. С. 77-86.

[8] Филоненко В.В. Перспективные направления развития рынка туристских услуг Хабаровского края: дис. канд. экон. наук: спец. 08.00.05 / Валентина Владимировна Филоненко; Хабаровская государственная академия экономики и права. Хабаровск, 2015. 152 с.

[9] Амонова Д.С. Зарубежный опыт развития гостиничного бизнеса и его использование в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, 2020. - №4-2 (34) – С. 226-233.

[10] Хайдар Л., Джураева А. Повышение качества туристических услуг / Л. Хайдар, А. Джураева // Вестник Педагогического университета. 2013. № 5-1 (54). С. 199-204.

[11] Факеров Х.Н. Потребительский рынок: состояние и перспективы. Монография. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 290 с.

[12] Обидов Ф.С., Рахимов С.Х. Состояние и перспективы развития международного туризма в современных условиях // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2019. - № 3 (28). - С. 198-204. 86.; Обидов Ф.С., Саидова М.С. Роль и место предпринимательского туризма в развитии экономики Республики Таджикистан // Экономика Таджикистана. 2019. - № 3. - С. 82-86.

[13] Кодирзода Д.Б., Курбонов Ё.С. Методика оценки эффективности гостиничных предприятий // Таджикистан и современный мир, 2019. – №3(66). – С. 13-23. 61.; Кодирзода Д.Б., Мирбобоев Ф.Н. Формирование и развитие сферы туризма: теоретические аспекты // Таджикистан и современный мир, 2019. – № 4 (67). – С. 15-26.

[14] Джурабаев Г.Д. Региональная стратегия инновационно-ориентирвоанного развития промышленных предприятий / Г.Д. Джурабаев, Ф.А. Каюмова. –Душанбе: Ирфон, 2016. –162 с.; Джурабаев Г.Д. Некоторые особенности стратегического управления инновационным развитием промышленности регионов РТ в условиях нестабильности / Г.Д. Джурабаев, Н.Р. Мукимова // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). -Душанбе: Типография РТСУ, 2017. - №1(57). -С.101-108.; Джурабаев Г.Д. Проблемы и перспективы развития инновационной деятельности в пищевой промышленности Ирана / Г.Д. Джурабаев, С. Покдил // Вестник ТНУ. -Душанбе, 2012. -№1(83). –С.42-51.

[15] Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Вазъи муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Ҳ., М.Ҷ. Ҷамшедов / Паёми ДДТТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳибкорӣ. 4/1(*38)/2022*. С. 11-17.

[16] Шаропов Ф.Р. Таҳқиқоти моҳияти арза ва тақозо дар бозори хадамоти сайёҳӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон / Машокиров Ҷ.Н., Шаропов Ф.Р. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати / Тоҷикистон – Душанбе, 2020. - № 4-1 (33). – С. 20-27

[17] Абдуганиев Ш.К., Мирзоалиев А.А. Факторы и формирование развития управления рынка туристических услуг в Республике Таджикистан / Ш.К. Абдуганиев, А.А. Мирзоалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2015. № 2/6 (175). С. 154-158.

[18] Джабборов Ф.А., Файзизода М.С. Приоритетные направления обеспечения национальной экономической безопасности Республики Таджикистан /Ф.А. Джабборов, М.С. Файзизода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати / Тоҷикистон – Душанбе, 2018. - № 2 (23). – С. 69-75

[19] Наджмиддинов Ф.Н. Исследование факторов, влияющих на развитие предпринимательской деятельности. / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук.-Душанбе: «Сино», 2015, № 2/7 (178). - С. 132-141 .

[20] Мирзоалиев А.А., Мизробов С.С. Механизми батанзимдарорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар деҳот / А.А. Мирзоалиев, С.С. Мизробов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2019. № 4 (29). С.

мафҳуми сайёҳӣ ва мавқеи он дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ вохурдан мумкин аст, ки дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошад. Новобаста аз корҳои иҷрошуда таҳқиқи мавзӯъ бо назардошти хусусиятҳои муосири рушд ба баррасии мушаххас ва васеи илмӣ эҳтиёҷ дорад. Зимни омӯзиш муҳаққиқ ба таҳқиқи категорияҳои иқтисодии ба таркиби мавзӯъ алоқаманд диққат дода, қайд менамояд, ки сайёҳӣ унсури муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, ташаккул ва рушди устувори он дар баробари таҷдиди инфрасохтори соҳа ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин ба амалишавии консепсия ва стратегияи мушаххаси илмӣ такя менамояд.

Аз ҳамин нуқтаи назар таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои назариявию методӣ ва такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, таҳқиқи ҳолати муосири соҳа, ба омӯзиши категорияҳои зерини иқтисодӣ: сайёҳӣ, соҳаи хизматрасониҳо, идоракунии сифати объектҳои сайёҳӣ, нақш ва аҳамияти он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баҳодиҳии ҳолати рушди объектҳои сайёҳи марбут мебошад.

Дар адабиёти илмии ба соҳаи сайёҳӣ бахшидашудаи муҳаққиқи соҳаи сайёҳии рус Александрова Ю.А. нисбат ба мафҳуми мазкур чунин нуқтаи ҷолиби илмӣ пешниҳод намудааст. Сайёҳӣ – ин саёҳаткунанда, шахсе, ки дар муҳлати на зиёда аз 12 моҳ бо мақсади дидан намудан ба минтақаи муайян сафар менамояд ва барои истифода намудан аз хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ маблағи муайян ба ҳисоби муқарраршудаи ширкати сайёҳӣ пардохт менамояд, мавриди назар қарор дода шудааст[21].

Ба назари мо, дар шароити имрӯза сайёҳӣ на танҳо амалеро мемонад, ки бо фароғат маҳдуд мешавад, балки фаъолиятеро бозгӯ менамояд, ки ба рушди васеи дигар соҳаҳо асос гузошта, батадриҷ сайёҳии истеҳсолиро ба вуҷуд

141-147.

[21]Александрова Ю.А. Международный туризм: учебник для вузов. Ю.А. Александрова / Издательство, Москва. 2014. С. 6

меорад.

Аз нигоҳи илми иқтисодиёт сайёҳӣ низоми мураккаби иҷтимоӣ ва иқтисодиеро ифода менамояд, ки ба истеҳсолоти маҷмӯии бисёрсоҳавӣ ё худ сайёҳии саноатӣ майл намуда аз ҷузъҳои таркибии иқтисоди миллӣ мебошад. Аз ҳамин хотир сайёҳиро бо назардошти аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ аз унсурҳои таркибии иқтисодиёт баҳо додан мумкин аст.

Ҷадвали 1.1.

Таснифи умумии соҳаи хизматрасониҳо *

| № р/т | Номгӯи хизматрасониҳо |
|---|---|
| 1. | Хизматрасонӣ оид ба таъминот, харид ва нигоҳдории захираҳои моддию техникӣ |
| 2. | Хизматрасониҳои кредитӣ, молиявӣ ва суғуртавӣ, инчунин амволи ғайриманқул ва дигар хизматрасониҳои бозорӣ |
| 3. | Хизматрасонии таълимӣ, маданӣ, фарҳангӣ |
| 4. | Хизматрасонии илмӣ |
| 5. | Нигоҳдории тандурустӣ, аз чумла варзиш ва сайёҳию солимгардонӣ |
| 6. | Хизматрасонии маишӣ (хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғ.) |
| 7. | Хидматрасониҳои дорои хусусияти шахсидошта (хизматрасонии маишӣ, сартарошхонаҳо, хушкашӯӣ ва ғ.) |
| 8. | Хидматрасониҳои идоракунии давлатӣ |
| 9. | Хидматрасониҳои машваратӣ, касбӣ ва ғайра. |

***Сарчашма:** Экономика сферы платных услуг: под ред. Жильцова Е.Н., Казакова О.Н. – Казань. 1996. - С. 17.; Жильцов Е.Н., Ломанов П.Н. Развитие отраслей социальной сферы в переходной экономике: под ред. Е.Н. Жильцова, П.Н. Ломанова. М.: Экономический факультет МГУ, ТЕИС, 2001. – С. 127.

Ҳангоми таҳқиқ муқаррар гардид, ки то асри 19 ибораи сайёҳӣ ба сифати категорияи мушаххаси илми иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Ибораи «tour» дар забони маъмулии оддӣ ҳаракати муваққатиеро ифода менамояд, ки шахс ва ё нафаре бо мақсади муайян ба ҷое сафар менамояд. Ин мафҳум бо гузашти вақт такмил ёфта дар забони шохаи васеи илмию оммавӣ ибораи «tourism» - ро ба худ касб намудааст.

Дар муҳовараи америкоии Webster N.[22] доир ба мафҳуми чунин мавриди назар карда шудааст: «сайёҳ шахсе мебошад, ки бо мақсади саёҳат аз рӯйи шавқмандӣ ба ҷое сафар менамояд». Дар муҳовараи дигар: «шахсе, ки бо

[22] Webster N. An American dictionary of the English language. - New York, 1828.

мақсади ҳаловат бурдан ва дустдорӣ ба ҷое сафар менамояд, ва ӯ танҳо саёҳат намуда, кореро иҷро карда наметавонад», инчунин «барои ҳаловат ва барқарор намудани саломатӣ анҷом додани сафарҳои дурудароз, миёнамуҳлат»-ро ихтиёр менамояд, воҳӯрдан мумкин аст, ки фаҳмиши сайёҳӣро ба андозаи зарурӣ собит намесозад.

Дар адабиёти илмии ба мафҳуми сайёҳӣ бахшидашуда бо иборaҳои сайёҳии истеҳсолӣ ва саноатӣ низ вохурдан мумкин аст. Аз ин рӯ ба хулосае омадем, ки таърифи мазкур тамоми ҷанбаҳои сайёҳӣро дар бар намегирад. Зарур мешуморем, ки дар раванди такмили қонунгузорӣ дар бандҳои алоҳида ба мафҳуми сайёҳии истеҳсолӣ ва саноатӣ низ диққат дода шавад.

**Ҷадвали 1.2.**

Таснифи хизматрасониҳои сайёҳӣ мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Мафҳумҳо | Шарҳи мазмуни онҳо |
|---|---|
| сайёҳии дохилӣ | ташкили саёҳат (тур) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ доранд |
| сайёҳии сайёр | ташкилӣ саёҳат (тур) ба дигар кишварҳо барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доими доранд |
| сайёҳии ташрифӣ | ташкилӣ саёҳат (тур) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доими надоранд |
| сайёҳии иҷтимоӣ | саёҳате (туре), ки аз ҳисоби маблағҳои аз тарафи давлат барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҷудогардида, пардохта мешавад |
| сайёҳии худфаъолиятӣ | саёҳат (тур) бо истифодаи воситаҳои фаъоли ҳамлу нақл, ки саёҳон мустақилона ташкил мекунанд |
| сайёҳии варзишию кӯҳгардӣ | намуди истироҳати фаъоле, ки ба ташкилӣ хатсайрҳои пиёдагард дар шароити кӯҳсор алоқаманд аст |
| кӯҳнавардӣ (алпинизм) | намуди ғайриоддии сайёҳӣ, ки бо баромадан ба кӯллаҳои кӯҳӣ алоқаманд аст |
| сайёҳӣ | саёҳат (тур) - сафари сайёҳӣ бо хатсайрҳои муайян дар мӯҳлатҳои муайян бо таъмини маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба ҷобаҷокунӣ, ҳамлу нақл, озуқа, хизматрасониҳои экскурсионӣ, инчунин хизматӣ роҳбаладону тарҷумонҳо ва дигар хизматрасониҳо, ки вобаста ба мақсади саёҳат дар мавриди таъмини кафолати амнияти онҳо, ҳимоя ва ҳифзи тандурустии сайёҳон пешниҳод карда мешаванд |
| турист | шаҳрванд, истифодабарандаи хизматрасонии сайёҳӣ, ки аз ҷои истиқомати доимӣ ба кишвари (макони) дигари муваққатӣ ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷорат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба саёҳат сафар мекунад |
| маҳсулоти сайёҳӣ | маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки бо назардошти вазъи |

| | |
|---|---|
| | бозори сайёҳӣ бахри қонеъ гардонидани талаботи турист дар асоси шартнома дастрас мебошанд |
| фаъолияти танзими сайёҳӣ | фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (минбаъд - танзимгари сайёҳӣ) амалӣ карда мешавад |
| фаъолияти агентии сайёҳӣ | фаъолият оид ба пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (минбаъд - агентии сайёҳӣ) амалӣ карда мешавад |
| кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон | номгӯи объектҳои табиӣ ва таърихию фарҳангӣ, ки дастоварди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд |
| саноати сайёҳӣ | маҷмӯи меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиршавӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯроки умумӣ, тамошо, шиносоӣ, хизматӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва воситаҳои таъиноти дигар, ташкилотҳое, ки фаъолияти танзими сайёҳӣ ва агентии туристиро амалӣ месозанд |
| пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ | маҷмӯи тадбирҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ (реклама, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳо, ташкилӣ марказҳои иттилоотии сайёҳӣ оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, нашри феҳристҳо, буклетҳо ва г.) нигаронида шудаанд |
| захираҳои сайёҳӣ | маҷмӯи захираҳои экологӣ, табиию иқлимӣ, фарҳангию таърихӣ ва солимгардонӣ ва захираҳои дигари истироҳатию фароғатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қонеъ гардонидани маҷмӯи талаботи гуногуни сайёҳон мувофиқ мебошанд |
| квотаи сайёҳӣ | маҳдудияти миқдории ташриф ба объектҳои туристию сайёҳӣ ё хатсайрҳо, ки ба таркиби захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, бо зарурати нигоҳдорӣ аз вайроншавӣ ва дигар шартҳои истифодаи он алоқаманд мебошанд |
| субъекти фаъолияти сайёҳӣ | шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ашхоси ҳуқуқи ё воқеии хориҷӣ, ё шахсони бе шаҳрвандӣ, ки хизматрасонии туристиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд |
| истироҳат | барқарорсозӣ ва инкишофи қувваи ҷисмонию маънавии инсон дар шароити табиӣ тавассути дамгирӣ, аз ҷумла сайёҳӣ |
| роҳхати сайёҳӣ | ҳуҷҷати инфиродии тасдиққунандаи ҳуқуқ ба гирифтани хизматрасониҳои сайёҳӣ |
| шикори байналмилалӣ | яке аз намудҳои фаъолияти сайёҳӣ, ки бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти туристии дорои иҷозатномаи дахлдор ташкил карда мешавад |
| таъмини амнияти сайёҳон | таъмини амнияти шахсии сайёҳон, ҳимояи молу мулки онҳо, маҷмӯи тадбирҳо оид ба пешгирии истифодаи сайёҳӣ бо мақсади муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва транзит ба давлатҳои сеюм, истисмори шаҳвонӣ, меҳнатӣ ва дигар намудҳои истисмори шаҳрвандон [Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.13, №1058] |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф мувофиқи сарчашмаҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ ба мафҳуми зерини сайёҳӣ вохурдан мумкин аст. Сайёҳӣ «ин – шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад».

Дар қонунгузории мазкур ба намудҳои зерини сайёҳӣ шинос шудан мумкин аст: хизматрасонии сайёҳӣ – амалӣ гардидани фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ё агенти сайёҳӣ аз рӯи салоҳдиди худ ва ё талаботи аниқи дархосткунанда, ки барои таъмин ва барқароркунии қувваи ҷисмонии турист, нигоҳдории фаъолияти ҳаёти мӯътадил, барқароркунии робитаҳои корӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва зеҳнии ӯ равона шудааст. [Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 19.05.09 №530]; [Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2012, №922][23]

Сайёҳӣ аз ибораи фаронсавии «tourism» гирифташуда то кунун мафҳуми яклухти он аз тарафи муҳаққиқони илми иқтисодӣ муайян карда нашудааст. Муаллифони масоил дар таҳқиқоти илмиашон бо такя ба корҳои илмии иҷрошуда нуқтаи назарашонро оид ба мафҳуми сайёҳӣ пешниҳод намудаанд, ки пуррагии баёни мавзӯро инъикос наменамояд. Ташкилотҳои байналмилалӣ ва шохаи васеи илмию таҳқиқотии сатҳи ҷаҳонӣ бо назардошти таъсир ва нақши сайёҳӣ, шарҳҳои методологӣ ва зарурияти тақвият бахшидани онро асоснок намудаанд, ки дар байни корҳои иҷрошуда ба мафҳумҳои гуногуни сайёҳӣ вохурдан мумкин аст.

Аз он ҷумла муҳақиқи рус А.В. Бабкин дар таҳқиқоти худ сайёҳиро ҳаракати муваққатии шаҳравандон ва шахсони бешаҳрвандӣ ё дигар шахсон, ки бо мақсади барқарор намудани саломатӣ, фароғат, шуғломӯзӣ, варзишӣ ва ғайра ба мӯҳлати на камтар аз 24 соат ва на бештар аз 6 моҳ, бидуни машғул

[23] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм [АМОҶТ с. 1999, № 9, мод. 228; с. 2005, №12, мод. 641; с. 2009, №5, мод. 337; с. 2012, №12, қ.1, мод.1016, с.2013, №12, мод.902], ш. Душанбе, 13.04.2017

шудан бо фаъолияти пулакӣ дар ҷои будубоши муваққатиро номидаанд[24].

Карпинко И.О., Олишевска Ю.А. дар таҳқиқоти илмиашон, ки ба мавзӯи таъсири сайёҳӣ ба иқтисодиёти давлат бахшидашудааст муайян намудаанд, ки дар шароити имрӯза сайёҳӣ падидаи асосии ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб рафта мумкин аст ба ҳайси намуди мустақили фаъолияти иқтисодӣ ва маҷмӯи муносибатҳои фаъолияти иқтисодӣ баромад намояд[25].

Муҳақиқи рус Мейланова И.А. дар таҳқиқоти илмиаш се омилиро пешниҳод намудааст, ки ба андешаи ӯ пуррагии баёни мавзӯи таҳқиқшавандаро инъикос менамояд:

Якум, сайёҳӣ дорои маҳсулоти мушаххас буда, онро хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ ё маҳсулоти сайёҳӣ ташкил медиҳад;

Дуюм, дар заминаи рушди сайёҳӣ низоми тақсимоти меҳнат такмил ёфта шакли нави касбиятро мегирад. Машғул шудан ба пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ ба фаъолияти меҳнатии шахси дигар такя намуда барои фароҳам овардани шароит барои фароғат ва барқарорсозии саломатии одамон равона карда шудааст.

Сеюм, меҳнати дар раванди ба роҳ мондани пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ ба намуди нави фаъолият такя намуда дар ин маврид истеҳсолоти ғайримоддӣ дар самти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд[26].

Бо назардошти таҳқиқ ва омӯзиши васеи адабиёти илмии ба мавзӯъ бахшидашуда, консепсияҳои илмии болозикр мо дар идомаи таҳқиқ сайёҳиро унсури иқтисодие баҳо медиҳем, ки бо ҷалби шаҳрвандони табаадор ва бетабаа минбаъд сайёҳ бо мақсади фароғат, барқарорсозии саломатӣ ва дидан намудан аз гушаҳои таърихӣ сафарбар мешаванд ва амали онҳо боиси

[24] Бабкин А.В. Специальные виды туризма. А.В. Бабкин/учебное пособие. Ростов – на – Дану 2008 год.

[25] Карпинко И.О., Олишевска Ю.А. Влияние туризма на экономику государства / И.О. Карпинко, Ю.А. /// Олишевска/Материалы научной конференции «Молодые научные работники - географической науке» (27 -28 октября), Киев 2006 Украина, КНУ и. Тараса Шевченко. Электронный ресурс: http://www.skole.com.ua/ru/papers/13-turizm/34-turizm-ekonomika.html (дата обращения 09.10.2020)

[26] Мейланова И.А. Формирование системы управления качеством услуг в туристической организации: дисс... канд. экон. наук: 08.00.05 /Мейланова Индира Алиметовна//ДГТУ, Махачкала. 2005. С. 12.

самаранокии иқтисодӣ мегардад, маънидод намудан мумкин аст.

Рушди ҳаматарафаи сайёҳӣ дар баробари барқарорсозии объектҳои сайёҳӣ, таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ, коркарди меъёрҳои ҳуқуқии тақвиятбахшандаи соҳа ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ алоқамандии қавӣ дорад. Вобаста ба ин мо ҳангоми иҷрокунии кори диссертатсионӣ такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳиро дар меҳвари таҳқиқоти мазкур қарор додем, ки барои такмили соҳа ниҳоят зарур ва таҳқиқи масъала бо назардошти хусусиятҳои муосири рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят зарур ва ояндадор мебошад.

Марҳилаҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

***Марҳилаи аввал:*** Марҳилаи якум солҳои 1990-ро фаро гирифта ҳолати пастарини рушди сайёҳӣро дар даврони истиқлол нишон додааст. Ин марҳила бо доман густурдани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ алоқаманд буда иқтисодиёти ҷумҳурӣ зиёда аз 7 млрд доллари ИМА зарар расонид ва Тоҷикистонро ба буҳрони вазнини сиёсӣ - иқтисодӣ дучор намуд. Ба ҳамаи ин камбудиҳо нигоҳ накарда дар ин солҳо *дигаргунии* куллӣ ба амал омад ва як қатор санадҳои меъёрии дорои қувваи ҳуқуқидошта қабул гардид. Шумораи сайёҳон кам гардида ва ташкилотҳои сайёҳӣ фаъолияти худро қатъ намуданд, вале талабот боқӣ монданд. Шурои Вазирони Тоҷикистон оид ба соҳаи сайёҳии хориҷӣ аз 01.03.1990 таҳти №38 «Оиди бозсозии ташкили иқтисоди сайёҳии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оиди ташкил намудани ассотсиатсияи сайёҳии Тоҷикистон», аз 4-уми феврали соли 1994, таҳти № 70, «Оиди тартиботи пешниҳод кардан ҳуқуқ ва суъбектҳои хоҷагӣ оиди шуғли сайёҳии хориҷӣ ва батартибоварии хуҷҷатҳои раводид», Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-майи соли 1997, таҳти № 183, «Оиди додани иморате, ки дар кучаи Пушкин, хонаи 14 ба мувозина (баланси)-и компанияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди сайёҳӣ» ин ҳама дастовардҳо дар ин марҳила ба ҳисоб мераванд. Баъди соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ, оиди соҳаи сайёҳӣ як қатор санадҳо қабул гардиданд. Ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани чораҳои аввалиндараҷа оиди рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1997-1998», «Оиди сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ», «Оиди сайёҳӣ». Ҳамаи ин санадҳо баъзаи меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи сайёҳӣ ба вуҷуд овrepresentanд.

***Марҳилаи дуюм:*** Дар давраи дуюм, ки аз соли 1998 то 2010 дар бар мегирад ба дастовардҳои бузурги сайёҳӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ноил гардид ва ин давраро «Давраи тиллоии сайёҳии тоҷик» номидан афзалтар мебошад. Асос дар он аст, ки Тоҷикистон бо суханони Толиб Рифоҳӣ, Дабири кукли Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ «Шветсарияи Осиёи Маркази» аъзои Созмони Байналмиллалии Сайёҳӣ гардида шумораи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ба маротиб афзуд.

Бо мақсади ба ҷараёни ҷаҳонии сайёҳии байналмилалӣ шомил намудани Тоҷикистон, аз соли 2008 масъулини соҳаи сайёҳӣ дар намоишгоҳҳои калонтарини сатҳи ҷаҳонӣ, ки дар шаҳрҳои Берлин (Олмон), Токио (Япония) ва Лондон (Британияи Кабир) ва Москваи (Федератсияи Россия) баргузор мегарданд, иштирок ва муаррифӣ менамоянд. Дар натиҷа имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун кишвари дорои 4 пайраҳаи Шоҳроҳи абрешим эътироф гардидаст.

Дар ин давра бо мақсади тарғибу ташвиқи сиёсати Ҳукумати кишвар оид ба истифодаи самараноки захираҳои об аз соли 2009 дар доираи Барномаи «Об барои ҳаёт» ҳамасола экспедитсияи байналмилалӣ барои фатҳи қуллаҳои «Исмоили Сомонӣ» ва «Озодӣ» ташкил ва баргузор мегардад. Дар экспедитсия кӯҳнавардон аз давлатҳои мухталифи ҷаҳон, аз қабили Франсия, Испания, Шветсия, Венгрия, Булғористон, Литва, Украина, Россия ва дигар кишварҳо фаъолона ширкат меварзанд.

Дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ рушди соҳа бо ҷорӣ намудани низоми раводиди электронӣ барои сайёҳони хориҷӣ, таъсис додани минтақаҳои сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори зарурӣ таъмин гардида истодааст. Ҳоло дар Тоҷикистон барои шаҳрвандони зиёда аз 78 кишвар низоми соддакардашудаи раводиди электронӣ ҷорӣ карда шудааст. Дар

натиҷа, шумораи сайёҳон дар се соли охир мунтазам афзоиш ёфта, ду баробар (аз 207 то 414 ҳазор нафар) зиёд гардидааст.

***Марҳилаи сеюм.*** Аз соли 2010 то кунун. Бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасони сайёҳӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Инчунин, Ҳукумати мамлакат якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади боз ҳам рушд додани соҳа ва истифодаи васеи имкониятҳои мавҷуда, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи сохтору мақомоти дахлдор ва омода намудани кадрҳои болаёқатро дар ин самт таъмин карда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Миёна беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардида, мувофиқи рейтинги ҷаҳонии мамлакатҳо оид ба хулосаҳои дар сомонаю шабакаҳои иттилотии ҷаҳонӣ, хусусан «BBC» (Британияи Кабир соли 2012), интишоргардида Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, сомонаи интернетии «Globe Spots» соли 2014 дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои сайёҳони ёддоштӣ, нашри русии маҷаллаи маъруфи «National Geographic» дар соли 2016 шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро дар байни 10 роҳи зеботарини дунё, маҷаллаи ТОП - 100 дар соли 2015, 3 минтақаи Тоҷикистон ва дар соли 2016 кӯҳҳои Помири Тоҷикистон ва соли 2016 аз рӯи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Миллати Муттаҳид дуюмин кишваре, ки сайёҳиаш дар ҳоли рушд қарор дорад, ворид гардидааст.

Ҳамзамон, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид,

Тоҷикистон аз 136 ҷойи имконпазир мақоми 107-умро касб кард. Бино ба маълумоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,2 хол гирифта, дар давоми ду сол аз 119-ум ба 107-ум ҷой боло рафт. Беҳтарин нишондодро (5,7 хол) Тоҷикистон дар категорияҳои «амният», «тандурустӣ ва беҳдошт» ба даст овард.

Ҷолиби диққат аст, ки Тоҷикистон дар рӯйхати кишварҳое, ки дар давоми як сол ҷаҳиши беҳтарини сайёҳиро соҳиб гардидааст, алоҳида қайд шудааст. Дар ин рӯйхат Тоҷикистон дар зинаи сеюм қарор гирифт. Дар ҷойи аввал Ҷопон ва дар ҷойи дуюм Озарбойҷон мебошанд.

Ҳамин тариқ дар шароити муҳити рақобатнок яке аз имкониятҳои асосии рушди ширкатҳои сайёҳӣ такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб рафта ба таҳқиқи илмии ҳадафманд такя менамояд.

## 1.2.Хусусиятҳои хос ва омилҳои ба рушди хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ таъсиррасон

Ба ақидаи мо соҳаи сайёҳӣ воситаи мувофиқакунии манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ фарогири бахшҳои зиёд мебошад. Муайян кардани онҳо вазифаи асосии таҳқиқоти мазкур буда ба омӯзиши хусусиятҳои рушд дар заминаи такмили механизми танзими давлатии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ, инчунин таҳлили воқеии иттилооти соҳавӣ, чун унсури ташаккули он ба шумор меравад. Муҳақиқони соҳа оид ба нақш ва мавқеи бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, классификатсияи он нуқтаи назари гуногунро баён кардаанд. Ба андешаи мо, гурӯҳбандии хизматрасониҳои бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ муайян кунандаи ҷузъҳои таркибии ҳангоми арза ва тақозои хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ буда метавонад. Аз ин рӯ, бояд байни гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ амалкунанда фарқият гузошта шавад. Дар сурати таҳлили воқеии талабот байни истеъмолкунандагон (молҳо ё хизматрасониҳо) ашхос ё ташкилотҳо, ниёзҳо ва муносибати онҳо нисбат ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда фарқ мекунанд, дар ин раванд моделҳои гуногуни вобаста ба хусусиятҳои маҳсулот ба миён меоянд.

Таҳқиқи таснифоти дар боло овардашуда шаҳодат медиҳад, ки сайёҳӣ соҳаи мураккабшакли иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши бомуваффақияти хусусиятҳои фаъолияти соҳа дар асоси муносибатҳои дуруст имконпазир мегардад. Ин равиш имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ба гунаи зерин ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад:

а) муттасилии худи сайёҳӣ, яъне вобастагии мутақобила бо илмҳои асосӣ (иқтисодиёт, ҷуғрофия, сотсиология ва ғайра);

б) омилҳо: иҷтимоӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ тасниф карда мешавад.

Таҳқиқи методологии мавзӯи мазкур собит менамояд, ки сайёҳӣ дар марҳилаҳои зерин такмил ёфтааст:

1. Равиши иқтисодӣ (солҳои 50 - аввали солҳои 80-ум);

2. Равиши экологӣ (солҳои 80-ум);

3. Равиши иҷтимоиву фарҳангӣ (охири солҳои 80 - 90) Дар марҳилаи ибтидоии сайёҳии оммавӣ (аз 50 то 70 сол), одамон дар бораи таъсири сайёҳӣ ба ҷомеа ва табиат фикр мекарданд. Дар аввалҳо нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа таваҷҷӯҳи бештари муҳақиқонро ба худ ҷалб намуда буд: даромадҳои асъорӣ, саҳм дар содироти молҳо ва хизматрасониҳо, ҳаҷми сайёҳии воридотӣ ва ғайра. Чунин ақида ба миён омад, ки сайёҳӣ боиси рушди марказҳои сайёҳӣ гардида дорои манфиати иқтисодӣ ба монанди даромадҳои молиявӣ ба буҷетҳои сатҳи маҳаллӣ ва давлатӣ, таъмини шуғл ва даромади аҳолӣ, ҳавасмандгардонӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва инфрасохтори маҳаллӣ мебошад.

Таъсири манфии сайёҳӣ диққати муҳаққиқони соҳаро дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум ба худ ҷалб намуд. Дар ҳамин давра мафҳуми иқтисодиёти сабз як навъ ба шуури ҷамъиятии мардумони кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар миёнаи солҳои 80-ум табдил ёфт, ки усули нави таҳқиқоти сайёҳӣ ба миён омад. Дар саросари ҷаҳон мубоҳисаҳои илмӣ оид ба фоида ва зарари сайёҳӣ дар соҳаи иқтисодиёт, хусусан муҳити зист ва ҷомеа оғоз ёфт, дар ҳоле ки қаблан танҳо дар бораи таъсири мусбии он сухан мерафт. Соли 1975 олими Швейтсария И. Криппендорф бори аввал дар асари «нобудсозандагони табиат» масъалаи таъсири манфии сайёҳӣ ба муҳит, табиатро ба миён гузошт. Соли 1980 муҳаққиқи олмонӣ Р. Юнк дар мақолаи «Дар як гектари соҳил чанд сайёҳ аст?». Соли 1981 китоби Ҳ. Вейсс «Харобии осоиштаи манзара ва чораҳои наҷот додани он дар Швейтсария» ба нашр расиданд, ки доир ба таъсири манфии сайёҳӣ сухан мерафт. Дар солҳои минбаъда оид ба оқибатҳои иҷтимоӣ ва таъсири манфии сайёҳӣ як қатор корҳои илмӣ ба табъ расиданд. [93. С: 45-46]

Дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум муносибати иҷтимоиву

фарҳангӣ васеъ паҳн шудан гирифтанд, ки ҳадафи он таҳлили оқибатҳои сайёҳӣ дар ҳаётгузаронии анъанавӣ ва маданияти аҳолии минтақаҳои ба марказҳои сайёҳӣ мубадалгашта мебошад. Ин равиш мушкилоти зеринро дар бар мегирад:

- тиҷоратикунонии хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- тағйир кардани урфу одатҳои маҳаллӣ дар марказҳои сайёҳӣ бо таъсири сайёҳон;

- ифшои даромади сайёҳӣ аз марказҳои сайёҳӣ ба кишварҳои пешрафтаи Ғарб.

Таҳлили адабиёти соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар давоми даҳсолаи охир сайёҳӣ дар асоси назарияи системаҳо ва омезиши ҳар се равиши қаблӣ ташаккул ёфт.

Назарияи системаҳо як илми расмии сохтор, иртибот ва рафтори ҳама гуна системаҳо мебошад. Вақтҳои охир мафҳумҳои «тағйирёбӣ, мураккабӣ» дар сохтори сайёҳӣ аҳамияти бештар пайдо карданд. Дурнамои нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҷаҳони мо аз шумораи зиёди системаҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст. Системаҳои гуногуни бавуҷудомада тавассути механизмҳои идоракунӣ танзим карда мешаванд, ки дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарӣ қисмҳои система ба вуҷуд меоянд ё онҳоро одамон дидаву дониста сохта ва барҳам зада метавонанд. Ҳамин тариқ, системаро падида ва раванди иқтисодӣ ҳисоб намуда чунин мешуморем, ки дар навбати худ боиси рушди соҳаи сайёҳӣ мегардад. Ғайр аз ин, робитаҳои дохилии системаи омӯхташуда, боиси ҳамкории системаҳои дигар мегардад, ки таъсири он ба рушди маҷмӯии соҳа наззарас мегардад. Аз принсипҳои умумии назарияи система ба системаи мушаххаси «сайёҳӣ» баргашта, бояд қайд кард, ки он дар доираи се зерсистемаи ба ҳам алоқаманд: ҷомеа, иқтисодиёт, муҳити табиӣ ба вуҷуд омада рушд намудааст. Фаъолияти сайёҳӣ ва таъсири он ба муҳити атроф асосан дар бандҳои зерин инъикос карда мешавад:

- сайёҳӣ муҳити атрофро ифлос мекунад (аз ҷумла: сайёҳӣ манбаъҳои табиии марказҳои туристиро истеъмол мекунад ва агар ин раванд назорат

карда нашавад, он метавонад зарарнок гардад);

- сайёҳӣ муҳити атрофро ҳифз мекунад (аз ҷумла: ҳифзи табиат ва ёдгориҳои фарҳангӣ; таълими экологии сайёҳон ва истеҳсолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ғ.).

Маълум мешавад, ки ҷанбаи экологии таҳқиқи сайёҳӣ ҳамчун система ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Вазифаи асосии равиши системавӣ муайян кардани чунин шароит барои рушди сайёҳӣ мебошад, ки дар он рушди сайёҳӣ ба ҳамаи иштирокчиён фоидаи бештар (иқтисодӣ, иҷтимоӣ) меорад ва ҳамзамон боиси кам кардани таъсири иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Талаботи гуногуни сайёҳонро на танҳо корхонаҳои сайёҳӣ, балки корхонаҳои дигар соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ низ қонеъ мекунанд. Аз ин ҷиҳат, баррасии сайёҳӣ ҳамчун соҳа ё зернизоми иқтисодиёти муосир дорои аҳамияти иқтисодӣ мебошад. [35]

Барои бартараф кардани омилҳои манфӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои зерин аҳамияти ҳалкунанда дорад:

1) талабот (сайёҳон);

2) пешниҳод (ба соҳаи сайёҳӣ);

3) маҳсулот (ҷолибият) [76. С. 90].

Минбаъд баррасии сайёҳӣ дар ин замина сурат гирифта афзалиятҳои зерини он муайян карда мешавад.

Афзалиятҳои асосии сайёҳӣ аз бандҳои зерин иборатанд:

1) қобилияти саҳмгузорӣ дар рушди кишварҳо ва минтақаҳои ақибмонда;

2) мавҷудияти таъсири ба истилоҳ «мултипликатсия» ба иқтисодиёт.

Дар шароити имрӯза 7 намуди мултипликатори сайёҳӣ мавҷуд аст, ки фарогири соҳаҳои гуногуни хоҷагиҳои халқи мамлакат мебошад [70.с97]:

а) мултипликатори истеҳсолӣ;

б) фурӯш;

в) даромад;

г) шуғл;

д) маош;

е) даромади давлат;

ж) воридот.

Онҳо дар бораи арзиши баромади системаи идорашаванда фикру мулоҳизаҳои мусбатро баён мекунанд. Ҳангоми арзёбии арзиши мултипликатор на танҳо интихоби техника, балки муайян кардани навъи мултипликатор низ муҳим аст. Ҳар як намуд вазифаҳои хоси худро иҷро мекунад. Мултипликатори ҳаҷм - ҳаҷми истеҳсоли иловагиро дар иқтисодиёт бо роҳи зиёд кардани хароҷоти сайёҳӣ баён мекунад. Мултипликатори даромадҳо - даромади иловагиро (музди меҳнат, иҷора, фоизи қарз ва фоида), ки дар иқтисодиёт дар натиҷаи зиёд шудани хароҷоти сайёҳӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос мекунад. Мултипликатори шуғл шумораи ҷойҳои кории аз ҳисоби хароҷоти иловагии сайёҳон ва ғайра тавсифшавандаро фаро мекунад. Азбаски сайёҳӣ соҳаи сердаромад аст, он ба миқдори зиёди соҳаҳои иқтисод бевосита алоқаманд аст ва барои ҳисоб кардани мултипликатори пойгоҳи додаҳо талаб карда мешавад.

Детерминантҳои асосии сайёҳӣ инҳо мебошанд:

3) тавлиди ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғл дар кишвар ва минтақаи муайян.

4) қобилияти ҷалби сармояи инсонӣ.

5) сайёҳӣ ба ғайр аз манфиати иқтисодӣ, инчунин манфиатҳои назарраси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ меорад, ки дар аксар маврид таъсири калон мерасонанд.

Дар идома таъсири сайёҳӣ ба беҳбудии ҳаёти аҳолӣ, афзоиши маълумотнокӣ, фазои маданӣ, умуман тамоми система ва зерсохтори иқтисодиёти миллӣ меравад. Нишондиҳандаҳои иҷтимоию фарҳангӣ бо рушди сайёҳӣ алоқаманд бо фарқияти ҳолати иҷтимоию фарҳангии сайёҳон ва аҳолии маҳаллӣ муайян карда мешавад. Инҳо урфу одатҳо, дин, тарзи ҳаёт ва меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ ва ғайра мебошанд. Аммо, ба ғайр аз тамоюлҳои мусбат, рушди сайёҳӣ метавонад оқибатҳои манфӣ (дар ҳолати номатлуб

ташкил ва идора шудан) ва мусбат ба бор орад (таваррум, камшавии ҳаҷмии ММД ва ғ.). Дар хоҷагии халқ афзоиши даромад ба назар мерасад, аммо бидуни нархҳои таваррумӣ; афзоиши арзиши воридоти таҷҳизоти меҳмонхонаҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайра сайёҳон мехоҳанд хароҷоти худро кам кунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти қаблан анҷомдодашудаи муҳаққиони соҳа шаҳодат медиҳад, ки такмили инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар аксар вақт боиси афзоиши қарзи хориҷӣ гардида мушкилоти зеринро ба бор меорад:

Сайёҳӣ дар баробари тағирёбии шуғл боиси нобаробариҳои иҷтимоӣ мегардад. Рушди мутаносиби сайёҳӣ боиси шаҳрсозӣ, боздоштани мардум аз фаъолияти анъанавӣ, фаромӯш кардани урфу одатҳои маҳаллӣ, афзоиши тиҷоратикунонии муносибатҳои инсонӣ гардид, ки якнавъ мунокишаҳоро бо аҳолии маҳалҳо ба вуҷуд меорад. Мушкилоти ташаннуҷи иҷтимоӣ низ метавонанд аз ҳисоби воридшавии сайёҳон дигаргун шаванд, хусусан сатҳи некӯаҳволии сокинони маҳаллӣ, ки ба пазироии сайёҳон машғуланд. Дар аксар маврид тарафи якум чунин тасаввурот доранд, ки сайёҳон ашхоси аз лиҳози молиявӣ қавианд, ва ба онҳо ҷиҳати зиёд ситонидани маблағ кушиш мекунанд. Ин раванд боис мегардад, ки сайёҳон аз чунин минтақаҳо дидан накунанд.

Равиши муназзам шаффофияти маҷмӯи мушкилоти марбут ба соҳаи таҳқиқшавандаро таъмин намуда, масоили таҳрифи эҳтимолии ҳолати воқеиро пешгирӣ мекунад. Ин усули таҳқиқотӣ дар даҳсолаҳои охир дар кишварҳои мутараққии Аврупо бо мақсади ташаккули асосҳои сиёсати давлатӣ, ки барои рушди мутаносиби истеҳсолоти сайёҳӣ, мувофиқати он бо муҳити экологӣ ва ҷомеа пешбинӣ шудааст, бомуваффақият истифода мешавад. Дар охири ин бахш чунин хулоса баровардан мумкин аст: усули муназзам ба ҳалли масъалаҳои сайёҳӣ, муайян кардани воҳидҳои асосии сохторӣ ва функсионалии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун як системаи мустақил, номбар кардани нуқтаҳои заифи система ва ғайраҳо муносибатҳои байнисистемавӣ, имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди оптималии истеҳсолоти сайёҳӣ муайян карда шавад. Баҳодиҳии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи таъсири рушди

сайёҳӣ омили хеле муҳим дар таҳияи сиёсати рушди сайёҳӣ мебошад ва фоидаҳоро ба ҳадди аксар расонидан ва оқибатҳои зараровари сайёҳӣро пешгирӣ кардан мумкин аст. Арзёбии таъсири иқтисодии сайёҳӣ ба хароҷоти сайёҳӣ асос ёфтааст. Дар ин ҷо қайд кардан хеле муҳим аст, ки ҳар гуна дигаргунӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳӣ боиси тағйирёбии сатҳи истеҳсолот ва даромад, шуғл ва қурби асъори иқтисодиёти маҳал мегардад. Таъсири иқтисодии хароҷоти сайёҳӣ бо истифодаи мултипликатор ҳисоб карда мешавад. Арзёбии таъсири экологии сайёҳӣ ба минтақаи сайёҳӣ хеле мушкилтар аст, зеро дар бахши сайёҳӣ, тавре ки қаблан қайд карда шуд, маҳсулоти бисёр соҳаҳои дигар истифода мешаванд, ки бевосита маҳсулоти туристиро истеҳсол намекунанд. Таъсири экологии онҳо низ бояд ба назар гирифта шавад. Аммо, бояд қайд кард, ки ҳифзи муҳити атроф масоили муҳим ва ояндадор дар рушди минбаъдаи сайёҳӣ аст. Таъсири иқтисодӣ ва экологии сайёҳӣ метавонанд мусбат ва манфӣ бошанд. Таъсири иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ин росто низ истисно нест. Мубодилаи иттилооти фарҳангӣ, афзоиши маърифати фарҳангии аҳолӣ ва ғайра мусбат аст. Таъсирҳои манфӣ аксар вақт натиҷаи тамоси мустақим мебошанд, аммо метавонанд дар натиҷаи рушди номутаносиби сайёҳӣ ё амалисозии бесамари имкониятҳои эҳтимолӣ ба миён оянд.

Сиёсати рушди сайёҳӣ, бо назардошти таъсири иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бояд дар мадди аввал дар банақшагирӣ ва идоракунии ин бахши иқтисод қарор гирад. Танҳо дар ин ҳолат сайёҳӣ метавонад соҳаи баланддаромади иқтисоди кишвар гардад. Бо мақсади ошкор намудани мундариҷаи раванди истеҳсолоти сайёҳӣ дар аксар маврид, хусусиятҳои асосии маҳсулоти сайёҳӣ дар натиҷаи рушди саноати сайёҳӣ омӯхта ва аниқ карда мешаванд. Маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсол, миқдор ва сифати муайяни молҳо ва хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ барои фурӯш ба истеъмолкунандагон вобаста аст. Маҳсулоти сайёҳӣ маҳсулоти абстрактии истеъмолӣ буда аз молҳое иборат аст, ки ҳам шаклҳои моддӣ (молҳои сайёҳӣ, иншоот, инфрасохтор) ва ҳам ғайримоддӣ (хизматрасониҳо, муҳити иҷтимоӣ,

шароити иқлимӣ) доранд. Ҳамаи ин манфиатҳоро ба ҳам омезиш доданд, ки дар натиҷаи он мафҳуми «маҳсулоти сайёҳӣ» ба амал омадааст, ки истеъмолкунанда наметавонад талаботи гуногуни фароғатиро танҳо аз ҳисоби як намуди мол ё хизматрасониҳои сайёҳӣ қонеъ гардонад. Ин танҳо дар маҷмӯъ ва дар шароити муайян имконпазир аст. Аз ин рӯ, маҳсулоти сайёҳӣ бояд ҳамчун воситаи афзоиши даромадҳо баррасӣ карда шавад. Агар дар ин маҷмаа ягон манфиате мавҷуд набошад, пас фоиданокии маҳсулоти сайёҳӣ метавонад ба таври назаррас коҳиш ёбад. Тамоми зерсистемаҳои ҷомеа ба табиат ва сифати маҳсулоти сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Масалан, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ зерсистема барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ, хизматрасонӣ ва арзишҳои маънавӣ шароит фароҳам меорад ва ба ин васила масоили микдорӣ ва сифатии пешниҳоди маҳсулоти туристиро муайян мекунад. Зерсистемаи табиӣ ва биологӣ (ландшафт, иқлим, олами наботот, ҳайвонот) ба сифати маҳсулоти сайёҳӣ ва ҷаззобии он ба таври назаррас таъсир мерасонад. Дар маҳсулоти сайёҳӣ мавҷуд будани объектҳои беназири табиӣ рақобатпазирии мутлақи онро кафолат медиҳад. Зерсистемаи демографӣ як навъ ҳамворсозандаи робита бо сайёҳ мебошад.

Заминаи маҳсулоти сайёҳӣ (тафаккури мушаххаси аҳолии маҳаллӣ, анъанаҳои ҳамарӯзаи он, санъати мардумӣ, хусусиятҳои забонӣ дар маҳсулоти сайёҳӣ таъсири худро мегузоранд. Зерсистемаи сатҳи зиндагӣ, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботи гуногуни аҳолии маҳаллиро инъикос мекунад, ба маҳсулоти сайёҳӣ низ таъсир мерасонад. Агар сайёҳон камбизоатиро дар ҷои будубоши худ мушоҳида кунанд, ин дар онҳо эҳсоси ғалатро эҷод мекунад. Агар сокинони маҳаллӣ дар давоми истироҳати сайёҳ тамос бо онҳоро ба роҳ монанд эътимоди сайёҳ ба вуҷуд омада эҳсоси қаноатмандӣ вуҷуд дорад. Зерсистемаҳои идеология (давлат, қонун, шаклҳои шуури ҷамъиятӣ) ҳисси амниятро дар кишвар ва минтақа эҷод мекунанд, сатҳи муайяни эстетикии чорабиниҳо ва вақтхушиҳоро кафолат медиҳанд. Бо дарназардошти ин омил дар соҳаи сайёҳӣ, хусусиятҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст: маҳсулоти сайёҳӣ ниёзҳои моддӣ ва маънавии одамонро қонеъ мекунад ва ба рушди

ҷисмонӣ ва маънавии онҳо, тавсеаи дониш дар бораи олами атроф, ғанӣ гардидани дастовардҳои фарҳангӣ мусоидат мекунад; истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ берун аз маҳалли истиқомати доимии шахс ба амал меояд ва аз ин рӯ, вай ба манзили нав ва хӯроки умумӣ ниёз дорад; маҳсулоти сайёҳӣ дар шакли муайяни моддӣ пешниҳод карда намешавад. Истеъмолкунанда имконияти муқоиса ё арзёбии маҳсулоти туристиро бо назардошти омилҳои зерин ба роҳ мемонад:

- маҳсулоти сайёҳӣ омили асосии рушди муносибатҳои сайёҳӣ мегардад;
- ҳама унсурҳои маҳсулоти сайёҳӣ якдигарро такмил медиҳанд ва аз ин рӯ сифати пасти яке аз онҳо ба ҳамаи он таъсири манфӣ мерасонад;
- маҳсулоти сайёҳӣ дар вақт ва ҷои истеъмол истифодашуда метавонад, аз ин рӯ ба талабот зуд мутобиқ шавад;
- истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо вақт ва ҷой бо истеъмол рост меояд.

Дар маҷмӯъ маҳсулоти туристиро наметавон ба ашё табдил дод, то онро ба истеъмолкунандагони эҳтимолӣ ҳамчун намунаи фаъолияти тиҷоратӣ нишон диҳад ва маҳсулоти туристиро аз кишвар ё минтақа содир карда намешавад. Худи истеъмолкунанда масофаро, ки ӯро аз маҳсулоти туристии ҷолиб ҷудо мекунад, бартараф мекунад. Таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ меҳнати зиёдеро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи иқтисодӣ маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ характери умумиистеъмолиро дошта дар шакли маҷмӯи молҳо ва хизматрасониҳо мавҷуд буда метавонанд, ки аз ҷониби корхонаҳои мухталиф ба хизматрасонии сайёҳон ҷалб карда мешаванд ва аз ҷониби як ширкати сайёҳӣ барои истеъмол дар муҳити мушаххаси табиӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд. Омӯзиши моҳияти иқтисодии маҳсулоти сайёҳӣ ба мо имконият медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолиятро дар соҳаи сайёҳӣ муайян намуда, дар бораи ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулот тасаввурот пайдо кунем. Омӯзиши такиб ва табиати раванди истеҳсолот дар соҳаи сайёҳӣ нишон дод, ки ба маънои васеъ истеҳсоли

маҳсулоти сайёҳӣ бояд маҷмӯи фаъолиятҳоеро дар бар гиранд, ки ба сайёҳон ҳангоми харидан ва истеъмоли хизматрасониҳо ва молҳо дар худ шароити гуногуни саёҳатро фароҳам меоранд. Ин як раванди мураккаб, дарозмуддат ва аз ҷиҳати замон ва макони гуногун: истеҳсол, пешниҳод ва фурӯши хизматрасониҳо ба молҳои гуногун мебошад. Ин на танҳо маҷмӯи фаъолиятҳо, балки як раванди гуногунҷабҳа мебошад, ки дар он маҳсулоти нав сохта мешавад, ки хусусиятҳои хоси худро дорад ва талаботи махсуси одамонро қонеъ мекунад. Мураккабии ин равандро ҳолатҳои зерин муайян мекунанд:

аввалан, истеҳсоли аксарияти хизматрасониҳо ба маҳсулоти сайёҳӣ дохилшаванда мустақиман бо истеъмолот алоқаманд аст, аз ин рӯ, он хусусияти ғайримоддӣ дорад;

дуюм, ба сайёҳон доираи васеи хизматрасониҳо гуногуни истеҳсолӣ ва молҳо тариқи фосилавӣ ва маъмулӣ пешниҳод карда мешаванд (сафар, хӯрок, манзил, табобат, вақтхушӣ ва ғ.);

сеюм, истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо истифода аз заминаи моддию техникии бисёр корхонаҳо (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, нақлиёт, иншооти варзишӣ ва ғ.);

чорум, дар натиҷаи андешидани чорабиниҳои гуногун истеҳсоли хизматрасониҳо ва молҳое, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аввалиндараҷа ба сайёҳон ниҳоят заруранд пешниҳод карда мешаванд. Як қисми онҳоро ташкилот ва корхонаҳои махсусгардонидашудаи сайёҳӣ, қисми дигарро корхонаҳои соҳаҳои мустақили хоҷагии халқ: нақлиёт, кишоварзӣ, саноат, алоқа ва ғ. иҷро мекунанд. Истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ вақти зиёдро талаб мекунад. Ин раванд пайдарпайии муайяни истифодаи хизматрасониҳоро (нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо ва ғ.) пешбинӣ мекунад. Дар соҳаи сайёҳӣ, санади хариду фурӯш ба вақт ва ҷои истеҳсоли хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд мувофиқат намоянд. Дар аксар маврид фурӯши баъзеи онҳоро корхонаҳо ва дигар субъектҳои махсусгардонидашуда истеҳсол намуда таъминоти онҳоро тариқи шабакаҳои сеюм ба роҳ мемонанд. Таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи саноатӣ, хусусан дар самти сайёҳи пешрафта шаҳодат

медиҳад, ки сайёҳон хизматрасониҳои иттилоотӣ ва миёнаравиро дар ҷои истиқомати худ, ҳангоми сафар тариқи нақлиёт ва захираи хӯрок, манзил, вақтхушӣ, табобат ва ғайра - дар ҷои зисти муваққати (дар ҷойе, ки ҳамчун сайёҳ муваққатан зиндагӣ мекунанд) дастрас менамоянд.

Хусусиятҳои дар боло овардашударо ба назар гирифта раванди истеҳсол ва фурӯшро ба ду марҳила ҷудо кардан мумкин аст:

✓ хариду фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ,

✓ саёҳат ва истифодаи хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ дар ҷойи истиқомат.

Дар сурати нарасидани яке аз ҷузъҳои дар боло овардашуда, ягонагии раванд вайрон карда мешавад ва ҳолати пешниҳоди хизматрасонӣ ва маҳсулоти ширкатҳои сайёҳи мураккаб гардида ба такмили механизмҳои тақвиятбахшандаи соҳа таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мо бо мақсади таҳлили ҳолати рушди соҳа идома намуда дар минбаъда вазъи муосири он дар мисолҳои мушаххас мавриди баррасӣ ва таҳқиқоти амиқу густурда анҷом меёбад.

Соҳаи сайёҳӣ комплекси бисёрсоҳа буда, мутаҳидсозандаи намудҳои гуногуни фаъолият дар самти ба роҳ мондани истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Хизматрасониҳои сайёҳӣ унсури муҳими рушди иқтисоди кишвар буда барқарорсозандаи робитаи байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ ва вусъатдиҳандаи равандҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад. Ҳар як истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ манфиатҳои иқтисодии худро дорад, ки дар сурати бо ҳам мувофиқат намудан, амали хариду фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ба сомон расонида мешавад.

Ҳангоми таҳлили сохтори хусусиятҳои он бахусус гурӯҳбандии хизматрасониҳои сайёҳӣ омилҳое ба назар гирифта мешаванд, ки ба рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд (ҷадвали 1.3.).

**Ҷадвали 1.3. Сохтор ва таснифоти омилҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ**

| 1. Омилҳо |
|---|
| • ҷуғрофӣ;<br>• иҷтимоӣ ва демографӣ;<br>• психологӣ ва ғайраҳо. |
| **2. Омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ** |
| • Синну сол;<br>• Ҷинс;<br>• Касб;<br>• Сардори оила;<br>• Масоҳати шаҳрак, деҳаҳо, шаҳрҳо;<br>• Шумораи аъзои оилае, ки сайёҳро ҳамроҳӣ мекунад;<br>• Миллат;<br>• Эътиқодоти динӣ;<br>• Дар оила мавҷуд будан ё набудани мошинҳои шахсӣ;<br>• Даромади оила;<br>• Даромад ба ҳар як аъзои оила. |
| **3. Омилҳои психологӣ ва рафторӣ** |
| • Ҳавасмандии сайёҳ;<br>• Намуди сайёҳӣ (рафтори психологӣ);<br>• Мавсимӣ;<br>• Ташкили сафар (роҳнамои сайёҳ);<br>• Шакли сафар;<br>• Истифодаи воситаи нақлиёт;<br>• Воситаҳои ҷойгиркунӣ;<br>• Мавқеи ҷойгиршавии объекти сайёҳӣ;<br>• Муддати сафар;<br>• Манбаъҳои маблағгузории сайёҳӣ. |

Сарчашма. Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ

Бояд тазаккур дод, ки дар рушди сайёҳӣ омилҳои зикршуда мустақиман таъсир мерасонанд. Пеш аз ҳама бояд ба инобат гирифт, ки омилҳои ҷуғрофӣ бештар таъсир гузоранд, зеро мавқеи ҷойгиршавӣ ва иқлими табии дар роҳи ҷалби сайёҳон аҳамияти хоса дорад. Ба мисоли мавқеи ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд: ҷуғрофияи сйёҳӣ, иқлими нотакрор, табиати зебоманзар, кӯҳҳои осмонбӯс, обҳои шифобахш, минтақаҳои дилангези сайёҳӣ, набототу ҳайвоноти нодир ва ғайраҳо.

Омилҳои иҷтимоию демографӣ низ исботкунандаи ақидаҳои болозикр мебошад. Ин омилҳо бе шаку шубҳа дар диққатҷалбии сайёҳон бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, расму оин, ҳунару истеъдод, маданияту маърифат, хусусиятҳои миллӣ, эътимодбахшии афкори меҳмондӯустонаи шаҳрвандон ва таъмини амну осоиштагӣ таъсирбахшанд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки омилҳои психологию рафторӣ аз нигоҳи муносибату таваҷҷӯҳи мотиватсионии сайёҳон низ дар рушди сайёҳӣ мустақиман таъсиргузораст.

Бинобар ин, ба инобат гирфтани омилҳои зикршуда, моро бовар мекунонад, ки дарояндаи наздик соҳаи сайёҳӣ метавонад дар таъмини рушди стратегии иқтисодиёти кишвар ҳиссаи назаррас дошта бошад.

Бо дарназардошти сохтор ва таснифоти омилҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ мо метавонем таъсирбахшии онҳоро ба инобат гирифта, ба характеру хислати сайёҳону сайёҳаткунандагон вобаста ба синну сол таваҷҷӯҳи хоса дошта бошем.

Таснифоти мазкурро аз рӯи меъёрҳои зерин дида бароем (ҷадвали 1.4).

**Ҷадвали 1.4**

Таснифоти саёҳаткунандагон вобаста ба синну сол*

| Нишондиҳандаи омил | ҷавонон | | миёнсолон | калонсолон |
|---|---|---|---|---|
| аз рӯйи синну сол | аз 20 то 35 сола | аз 35 то 45 сола | аз 45 то 63 сола | аз 63 сола боло |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллифи диссертатсия

Раванди мазкур вобаста аз намуди оила, талабот ба сайёҳии оилавӣ бо фарзандон ва бе фарзанд, сайёҳии ягона, сайёҳӣ барои оилаҳои нуфузашон аз 5 нафар бештар, гурӯҳи ҷавонон, миёнсолон, калонсолон ва ғайра мавриди назар карда мешавад. Вобаста аз ҳавасмандии сафари сайёҳӣ, бахшҳои зерини талабот ба сайёҳӣ фарқ карда мешаванд: сайёҳии фароғатӣ, фарҳангӣ, иртиботӣ (коммуникатсионӣ), варзишӣ, сайёҳии тиҷорӣ. Бисёре аз онҳо ба зергурӯҳҳои хурд тақсим карда мешаванд. Масалан, дар сайёҳии рекреатсионӣ: сайёҳии таътилӣ ва сайёҳӣ бо мақсади табобат вохурдан мумкин аст. Дар сайёҳии варзишӣ зергурӯҳҳо зиёданд. Баъзан ҳангоми муайян

кардани омилҳо байни бахшҳои зикргардида мушкил ба амал меоянд. Сайёҳии тиҷоратӣ метавонад бо маърифатӣ, варзиш бо фароғат омезиш ёбад. Мураккабии ниёзҳои сайёҳӣ боиси пайдоиши бахшҳои нави талабот ба сайёҳӣ ва шумораи зиёди намудҳои сайёҳӣ мегардад. Чунин хусусиятҳо дар асоси маҷмӯи меъёрҳо, масалан, ҳавасмандии сафар, манфиати турист ҳангоми тақсимбандии сохтори хароҷоти истеъмолӣ, таҳаммулпазирӣ ба фарҳанги хориҷӣ, рафтори турист дар маркази сайёҳӣ ва ғайра буда метавонад.

Бо назардошти талаботи мазкур фаъолияти туристиро ба бахшҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: автомобилӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ, дарёӣ, воситаи нақлиёт, сайёҳии дучархаронӣ. Меъёри «мавсимӣ» дар рушди сайёҳӣ нақши муҳим мебозад. Объектҳои сайёҳӣ: меҳмонхонаҳо, санаторияҳо, манзилҳои хусусӣ, ҳотелҳо, маҷмааҳои куҳию лежаронӣ, олами набототу ҳайвонот ва ғ. Тибқи меъёри «давомнокии сафари сайёҳӣ» барои истеҳсолкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ аҳамияти калон дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳоне, ки саёҳати кӯтоҳмуддат мекунанд, ба хароҷоти зиёд омодаанд ва талаботи онҳо нисбати дигар шаклҳои таристӣ бештар мебошад. Дар таҳқиқоти муҳаққиқони Швейтсария байни ду гурӯҳи сайёҳат чунин фарқият муайн карда шудааст: сайёҳати дурудароз (зиёда аз 5 рӯз) ва кӯтоҳмуҳлат. Сафари дарозмуддат ба қисмҳо ҷудо карда мешавад: «то се ҳафта», «чор ҳафта, панҷ ҳафта», «зиёда аз панҷ ҳафта». Сайёҳии кӯтоҳмуҳлат «2,3,4 рӯз» мебошад.

Асоси механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳиро тақвият бахшидани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ташкил медиҳад. «Сифат» ин омили муҳими баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, соҳаи иқтисодӣ иҷтимоӣ ва таъминкунандаи амнияти экологию иқтисодӣ мебошад.

Мувофиқи ақидаҳои муҳаққиқони соҳа сифат аз категорияҳои гуногунҷанбаи илми иқтисодӣ ба шумор рафта водор месозад, ки ҷиҳати тадриҷан баланд бардоштани он бо дар назардошти усулҳои пешрафати илмӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Сифат имконият медиҳад, ки дар баробари рушди

ҳамаҷонибаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, соҳаҳои ғайримоддӣ низ, ки аз ҷузъҳои муҳими истеҳсолоти ҷамъиятӣ пазируфта шудааст, ба вуҷуд ояд. Аз нигоҳи дигар сифат элементи муҳими таъмингари рақобатпазирии маҳсулот дар бозор мебошад. Муҳақиқони илми иқтисодиёт дар таҳқиқоти илмиашон нуқтаҳои назари гуногуни илмиро оид ба вожаи сифат пешниҳод намудаанд. Дар ҳоли таҳлил мутмаин гардидем, ки фаҳмишҳои пешниҳодгардида бо ҳамдигар мухолифат менамоянд.

Таҳқиқи маҷмӯии масъала аз нигоҳи илмҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва оморӣ низ сурат гирифта дар бештари маврид пайдоиш ва истифодаи мафҳуми мазкурро ба илмҳои риёзӣ, кибернитикӣ, техникӣ, иқтисодӣ нисбат додаанд. Дар маркази диққати аксари таҳқиқотчиён исбот гардидааст, ки истифодаи усулҳои пешрафтаи илмҳои дақиқ боиси тағйирот ва пайдоиши мафҳуми «сифат, низоми сифати истеҳсолоту хизматрасонӣ» шудааст.

Таҳқиқи мафҳум бо асонокнамоии хусусиятҳои илмӣ, равишҳои методологӣ аз тарафи олимон Э. Деминг, В. Шухарт,[27] профессори мактаби тиҷоратии Гарвард Д. Гарвин, , К. Исикова, Ҷ. Ҷуран[28], А. Фейгенбаум[29], Ҷ. Харингтон, Г. Тагути, А.В., Гличева ва муҳаққиқони занҷири сифат М. Мескон, М. Алберт ва Ф. Хедоури[30], П. Дойл[31] ва дигарон анҷом дода шудааст.

Ба андешаи мо моҳияти иқтисодии сифат дар натиҷаи таҳаввулоти таърихии тағйири низомҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омада онро ба сифати омили асосии истеҳсолот, хизматрасонӣ баҳо додан ҷоиз аст. Бо такя ба моҳияти иқтисодиаш қайд намудан зарур аст, ки усули ташкили дурусти истеҳсолот маҳз бо ин васила «сифати маҳсулот» имконпазир мегардад. Дар ибтидои

---

[27] Лапидус В.А. Всеобщее качество (TQM) в российских компаниях. М.: ОАО Типография Новости, 2000.

[28] Бенделл Т. Наставники по качеству: сб. кратких очерков о самых знаменитых зарубежных деятелях в области качества / пер. с англ. А. Константинова при участии М. Розно. М.: РИА «Стандарты и качество», 2000.

[29] Герасимов Б.И., Спиридонов С.П., Смагин М.В. Экономические теории качества: генезис теории и практики системного подхода / под науч. ред. д-ра экон. наук, проф. Б.И. Герасимова. Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2001.

[30] Фейгенбаум А. Контроль качества продукции/А. Фейгенбаум. – М.: Экономика, 1986.

[31] Дойль П. Маркетинг - менеджмент и стратегии. - 3-е изд./Пер. с англ. под ред. Ю.Н. Каптуревского - СПб.: Питер, 2003 - 600 с.

ташкили фаъолияти дилхоҳ шакли корхона сифатро воситаи амиқи «устуворӣ»-и хоҷагиҳои гуногуни дар низоми иқтисодиёти миллӣ фаъолияткунанда аз он ҷумла ширкатҳои туристӣ шумоpидан зарур аст.

Дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ ба мафҳумҳои зерини низоми идоракунии сифат вохурдан мумкин аст.

Низоми идоракунии сифат – ин маҷмӯи муносибатҳои ташкилию сохторӣ бо назардошти усулҳо, равандҳо, захираҳо, ки барои идоракунии сифати махсусгардонидашуда кумак мерасонад, номида шудааст. Идоракунии маҷмӯии сифат, чорабиние мебошад, ки ба вазифаҳои умумии идоракунӣ сиёсати сифатро муқаррар намуда мақсад ва ҷавобгарӣ инчунин бо ёрии имкониятҳои балоиҳагирии сифат, идоракунии сифат, таъмини сифат ва баландбардоштани сифат дар чаҳорчубаи низоми идоракунии сифат амал менамояд, асоснок карда шудааст[32].

Низоми сифат бо назардошти намуди мушаххаси фаъолияти корхона тарҳрезӣ кардашуда дар бештари мавридҳо бояд давраҳои ҳаётии маҳсулотро дар бар гирад.

Системаи идоракунии ширкат бояд фаъолиятҳои зеринро дар бар гирад:

1. Идоракунии сифат бояд таъмингари тамоми давраҳои маҷудияти маҳсулот махсусан назарияи «занҷираи сифат»;

2. Дар раванди ба роҳ мондани идоракунии сифат ба назар гирифтани нуқтаи назари кормандони корхона;

3. Ба роҳ мондани ҷавобгарӣ дар раванди идоракунӣ;

4. Барои таъмини сифат дар раванди фаъолият ба назар гирифтани хароҷот;

5. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳии доимӣ оид ба бартараф намуди камбудиҳо ва омилҳое, ки таъсири манфи мерасонанд;

6. Барои боло бардоштани сифат дар баробари ошкорсозии омилҳои таъсиррасон ба назар гирифтани талаботи истеъмолкунандагон;

---

[32] Актуальные вопросы теории и практика туризма: Труды академии туризма. Вып.2. СПб., 1997

7. Такмили давраигии раванди истеҳсол бо назардошти таҳлили вазъ ва дурнамо ба роҳ мондани назорати доимӣ;

8. Ба роҳ мондани тартибот ҳангоми омоданамоии ҳуҷҷатҳо дар раванди таъмини ҳамаи равандҳои сифат[33].

Низоми идоракунии сифат дар ҳоли самаранок мегардад, ки агар дар раванди фаъолияти ширкатҳо ҳамаи амалҳо ба як мақсад нигаронида шуда бошад.

Самарнокии низоми идоракунии сифатро дар бандҳои зерин мушоҳида намудан мукин аст:

1. Ихтисор намудани муҳлати коркарди маҳсулотҳои нав;

2. Боло бардоштани ҳамкории судманди зерсохторҳои ширкат ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба баландбардории сифат ва бартараф намудани мушкилоте, ки боиси поён рафатни сифати маҳсулот мегардад;

3. Васеъ гардонидани назорат, гузаронидани санҷишҳое, ки натиҷаи он ба бартараф гардидани поёнравии сифат таъсир мерасонанд[34].

---

[33] Ильина Е. П. Основы туристской деятельности. Учебное пособие. -М.:1992.
[34] Озеров А.М. Бухгалтерский учет и налогообложение в туристических фирмах. М., 1998.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии рушд ва идоракунии соҳаи сайёҳӣ

Мавқеи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёт ниҳоят калон мебошад. Ин гуфтаҳо исботи худашонро ҳангоми таҳқиқи таъсири сайёҳӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилии умумиҷаҳонӣ бо назардошти характери бо суръати баланд афзояндааш собит менамоянд. Барои ҳамин дар зиннаи навбати таҳқиқот масоили вобаста ба рушди сайёҳӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти умумимилли ва умумиҷаҳонӣ манзур карда мешавад (расми 1).

Мувофиқи таҳқиқот ва нишондоди Шӯрои умумиҷаҳонӣ оид ба сайёҳӣ ва сайёҳӣ (WTTC) ҳиссаи сайёҳӣ дар соли 2021, 8,3 триллион доллар, ё 10,4% - и маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дар расми 1. Таъсири тутризм ба ММД умумиҷаҳонӣ пешниҳод карда мешавад.




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

**Расми 1.** - Таъсири соҳаи сайёҳӣ ба ММД кишварҳои ҷаҳон, соли 2021

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ва маълумотҳои дар расми 1. овардашуда нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором 2,7 триллион доллар, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ - 2,2 триллион доллар, Аврупо

- 2,1 триллион доллар, Африқо ва Ховари Миёна - 402 миллиард доллар саҳм гирифтаанд. Солҳои охир таъсири ниҳоят амиқи ин раванд ба маҷмӯи маҳсулоти дохилии Чин, ИМА, Ҳиндустон ва Мексика таъсири мусбӣ расонида истодааст. Ояндабинии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ, ки аз тарафи ин созмони сатҳи ҷаҳонӣ пешниҳод кардашудааст, нишон медиҳад дар соли 2028 бояд соҳаи сайёҳи наздик ба 11,7%, ММД умумиҷаҳонӣ ё 12,5 трлн. доллари ИМА-ро бояд ташкил диҳад. Ҳолати афзояндаи нишондиҳандаи рушди сайёҳӣ аз ҳисоби кишварҳои Чин, Ҳиндустон, Индонезия ва ИМА наздик ба 414 млн. долларро ташкил хоҳад дод.

Сарфи назар аз аҳамияти иқтисодии соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, консепсияи назариявии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар минтақаҳо ҳанӯз паҳн нашудааст. Ин ҳолат ба рушди дарозмуддати ташаккули иқтисодиёт вобаста аст, ки ба бартарии бечунучаро дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ асос ёфтааст. Бояд таъкид кард, ки ташаккули соҳа бояд бо истифода аз моделҳои нави фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, пешгирии пайдоиши тағйирии бемавқеи сохторҳои марбутаи соҳа комплекси ягонаи хоҷагии халқ анҷом дода шавад.

Таҳқиқи масоили мазкур аз нигоҳи равишҳои маҷмӯии иқтисодӣ шаҳодат медиҳад, ки сайёҳӣ падидаи иқтисодӣ буда ба ташаккули иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз як тараф, рушди он афзоиши истеҳсолотро дар соҳаҳои ҳамшафати иқтисодиёт (савдо, нақлиёт, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғ.) ҳавасманд мекунад, аз тарафи дигар, ба шуғли аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Тағийрёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии рушди ин соҳаро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сайёҳӣ дар 15 соли охир босуръат рушд кардааст. Ҳатто дар шароити номусоиди бозор ва давраи бӯҳрони иқтисодӣ тамоюли мусбат дар соҳаи сайёҳии ҷаҳонӣ боқӣ монд.

Аммо, сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба натиҷаҳои назаррас ноил нашудааст ва танҳо дар марҳилаи ташаккул аст. Сатҳи пасти инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва тахассусии кадрҳои сайёҳӣ ҳанӯз имкон

намедиҳад, ки ҷараёни ҷалби сайёҳон аз хориҷ ба роҳ монда шавад ва бо ин роҳ рушди ҷаҳонгардӣ танзим карда шавад.

Мушкилоти рушди сайёҳӣ ва ташкили маҷмааи муосири туристиро ҳал кардан мумкин аст, ба шарте ки сиёсати давлатии ислоҳот амалӣ карда шавад ва онҳо ба барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳо дохил карда шаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва таҳлили гузоришҳои созмонҳои байналмилаӣ, хусусан Созмони ҷаҳонии тандурустӣ шаҳодат медиҳад, ки Россия яке аз давлатҳоест, ки дар он суръати баландтарини рушди сайёҳӣ дар ибтидои асри 21 бо дастгирии давлатии ин соҳа амал менамояд. Тибқи пешгӯиҳо, то соли 2021 Россия аз рӯи қабули сайёҳон (47,1 миллион нафар дар як сол, яъне 2,9% - ҳиссаи ҷараёни ҷаҳонии сайёҳон) ва аз рӯи сайёҳат берун аз шаҳрҳои калонтарин ба даҳгонаи аввал дохил мешавад (30 , 5 миллион нафар, ки 1,9% -ро ташкил медиҳад - ҳиссаи гардиши ҷаҳонии сайёҳон). Ин рақамҳо ҳаҷми сайёҳии дохилиро дар бар намегиранд, ки ин нисбат ба гардиши воридотӣ ва хориҷӣ чандин маротиба зиёдтар аст.

Тибқи маълумоти Ташкилоти Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UWNTO), дар соли 2020 1,4 миллиард нафар одамон дар саросари ҷаҳон сайр кардаанд (+ 5,6% зиёдтар аз соли 2021). Гузашта аз ин, беш аз 60% ҷараёни ҷаҳонии сайёҳӣ ба дӯши 20 кишвари ҷаҳон рост омад.

Фаронса аз рӯи шумораи сайёҳони хориҷӣ пешсаф аст (93,2 миллион сайёҳ, + дар муқоиса бо соли 2021 + 7,2%). Ба TOP-5-и рейтинги ҷаҳонӣ инчунин Испания (82,8 миллион + 1,2%), ИМА (82,2 миллион, + 6,7%), Чин (62,9 миллион, + 3,6%) ва Италия шомиланд (62,1 миллион, + 6,5%.) ва ғ...




**Расми 2.** - Афзоиши шумораи сайёҳон дар кишварҳо

Дар даҳгонаи беҳтарин кишварҳо Туркия аз ҷиҳати вуруд динамикаи бузургтаринро нишон дод, ки аз ҷои 8-ум дар соли 2020, тақрибан 22% афзоишро нишон дода, фавран бо нишондиҳандаи 45,8 миллион сайёҳ ба мақоми шашум гузашт. Мексика бо 41,4 миллион сайёҳ дар ҷои ҳафтум, дар ҷои ҳаштум - Олмон (38,9 миллион), нӯҳум омад, Тайланд бошад (38,3 миллион). Шикасти асосии даҳгонаи аввал Британиёи Кабир аст (35,1 миллион), ки дар тӯли соли гузашта якбора се мавқеъро аз даст дод ва танҳо даҳум шуд.

Даҳ кишвари дуввум аз сабаби ҳузури Россия дар он ҷолиб аст. Кишвари мо бо нишондиҳандаи 24,6 миллион сайёҳи хориҷӣ (дар соли 2020 - 24,39 миллион) дар TOP-20 кишвари серодамтарини ҷаҳон дар ҷои 16-ум қарор гирифт.

Дар муқоиса бо соли 2020 мавқеи Федератсияи Россия дар рейтинги ҷаҳонӣ бетағйир монд. Ҳамсояҳои Россия дар «ҷадвал» Малайзия (ҷои 15-ум, 25,8 миллион нафар) ва Канада (ҷои 17-ум, 21,2 миллион нафар) мебошанд.

Ба бист минтақаи беҳтарини сайёҳӣ, ки шумораи зиёди сайёҳон доранд, инчунин Ҷопон (31,2 миллион) Австрия (30,8 миллион), Юнон (30,1 миллион), Гонконг (Чин) (29,3 миллион), Португалия (21,2 миллион) шомил буданд. ), Нидерланд (19 миллион) ва Макао (Чин) (18,5 миллион).

Бузургтарин афзоиши воридоти хориҷӣ дар ин кишвар ба қайд гирифта шудааст, ки ба он кам русҳо ва аврупоиҳо ташриф меоранд. Ин Тоҷикистон аст, ки дар он ҷараёни сайёҳӣ дар соли 2020 якбора 190% афзоиш ёфтааст: аз 431 ҳазор дар соли 2020 ба 1,2 миллион нафар дар соли 2021. Аммо, ин асосан аз ҳисоби кушодани марз бо Узбакистон рух дод, яъне аксари ин афзоиш интиқоли марз аст, на сайёҳии классикӣ.




**Расми 3.** - Даромад аз фаъолияти сайёҳон ба кишварҳо

Банақшагирии рушди сайёҳӣ метавонад дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шавад. Дар сатҳи байналмилалӣ, банақшагирии маҳдуд, масалан, Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, ИА ва ташкилотҳои минтақавии сайёҳӣ амалӣ карда мешавад. Ба фарқ аз дигар сатҳҳо, дар ин ҷо назорат ва иҷрои амалӣ карда мешавад. Дар сатҳи миллӣ банақшагирии сайёҳӣ нақшаҳои рушди сайёҳӣро дар маҷмӯъ барои кишвар дар бар мегирад, аммо онҳо бояд хусусиятҳои минтақаҳои алоҳидаро ба назар гиранд. Дар сатҳи минтақавӣ, нақшаҳои рушди сайёҳӣ нисбат ба нақшаҳои миллӣ муфассалтар ва мушаххас мебошанд ва аз ҳар минтақа фарқ мекунанд.

Тоҷикистон кишварест, ки дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир буда соҳаи сайёҳӣ дар стратегияи рушди кишвар ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Ин, пеш аз ҳама, ба мавқеи муосири геополитикии он, таърихи рушд ва таркиби мураккаби этникии аҳолӣ вобаста аст.

Мувофиқи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи субъектҳои таркибии ноҳия мебошад.

Иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ метавонад рушди комплекси истироҳатӣ-фароғатиро, ки дар заминаи иқлими беназири табиӣ ва чашмаҳои сершумор амал мекунад, дастгирӣ кунад, ки аз ҷиҳати таркиб ва сифат аз беҳтарин чашмаҳои минералии ИДМ ва Аврупо камӣ надоранд.

Дар айни замон, маҷмааи санаторию курортӣ ва туристии ҷумҳурӣ, сарфи назар аз иқтидори баланди туристии худ, дар бозори хизматрасонии фароғатӣ дар ИДМ мавқеи ночизро ишғол мекунад.

Саноати сайёҳии муосири Тоҷикистон дорои иқтидори азим буда, ба иқтидори васеи табиӣ ва фарҳангӣ асос ёфтааст. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ, санъат, тарзи ҳаёти суннатӣ ва хоси мардум, этнография, манзараҳои нотакрори табиӣ бо минтақаҳои баландкӯҳи худ, ҷангалҳои беназири баргпӯш ва марғзорҳои баландкӯҳ, иқлими хушк, ҳавои тоза, кӯлҳо ва дарёҳо метавонанд ҳар як дархости сайёҳонро қонеъ кунанд ва таваҷҷӯҳи меҳмонони хориҷиро ҷалб намояд.  Аҳамияти таҳқиқоти мазкур низ аз он иборат аст, ки саноати сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод эътироф карда мешавад. Таҳлили маълумоти оморӣ ва таҷрибавӣ аз афзоиши таваҷҷӯҳ ба маҳсулоти туристии Тоҷикистон ва тамоюлҳои мусоиди тавсеаи бозорҳои фурӯш ва афзоиши шумораи сайёҳон шаҳодат медиҳад.

Бо назардошти он, ки минтақаҳои анъанавии бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба иқтидори фароғатӣ расиданд ва зарурати васеъ ва нав кардани рӯйхати ҳудудҳои ташрифовардаи сайёҳон ба миён омадааст, Тоҷикистон имконият дорад, ки ба системаи сайёҳии байналмилалӣ ворид шуда, дар он ҷо ҷойгоҳи сазовори худро ишғол намояд. Тоҷикистони имрӯза кишвари кӯҳистонест, ки

баландиҳои мутлақаш аз 300 то 7495 метр аз сатҳи баҳр баланд мебошад. 93 фоизи қаламрави ҷумҳуриро қаторкӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ба системаҳои кӯҳии Тиёншон, Ҳисор-Олой ва Помир тааллуқ доранд ва бо заминҳои ҳосилхез ва бойи водии Зарафшон, Фарғона, Ҳисор ва Вахш аз ҳам ҷудо шудаанд. Тақрибан нисфи қаламрави ҷумҳурӣ дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Гуногунии истисноии олами наботот ва ҳайвонот аз ҳисоби релефи мураккаб ва амплитудаи калони баландиҳои системаҳои кӯҳӣ вобаста аст. Тоҷикистон сарзамини пиряххои пурқудрат, қуллаҳои баландтарин, дарёҳои тезҳаракат, кӯлҳои беназири зебо, ҳайвоноти нодир ва набототи беназир аст. Манзараи кӯҳӣ муаррификунандаи табиати ҷумҳурӣ буда дар натиҷаи гуногунии минтақаҳои иқлимӣ пайдо шудаанд. Дар давоми якуним соат имконияти парвоз аз сардиҳои арктикии барфҳои Помир, ба гармии водии Вахш ҷой дорад. Манзараҳои табиии Боғи Миллӣ, экологияи беназир ва ёдгориҳои табиӣ намуди аслии худро ҳифз кардаанд [4-5]. Намудҳои нодир ва дучори хатари ҳайвонот ва растаниҳои ба Китоби Сурх дохилшуда, ба монанди арқари кӯҳӣ (Марко Поло), мархор, сика охуи Бухоро, уреали гӯсфанди кӯҳии Бухоро, хирси қаҳваранги Тяншон, паланги барфӣ, ғози кӯҳии ҳиндӣ, рахдор гиен ва дигарон низ ҳифз карда шудаанд. Дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 10 000 намуд ёфт шудааст. Ҳашарот, 84 намуди ширхорон, зиёда аз 365 намуди парандагон, 49 намуди хазандагон ва тақрибан 52 намуди моҳӣ. Олами набототи ҷумҳурӣ беш аз 5000 ҳазор намуди растаниҳои олӣ, аз ҷумла эндемикҳо бой аст. Ҳудуди боғи миллии Тоҷикистон 60 фоизи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 18 фоизи қаламрави кишварро дар бар мегирад, ки 2,6 миллион гектарро дар бар мегирад. Солҳои охир роҳбарияти Парки миллӣ барои беҳтар намудани вазъи экологӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи Помир ва рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ чораҳо меандешиданд.

Мавҷудияти ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ, манбаъҳои табиӣ ва рекреатсионии Тоҷикистон хусусияти маҳсулоти мавҷудаи туристии миллиро муайян мекунанд, ки татбиқ ва пешбурди он дар бозорҳои байналмилалии

хизматрасонии сайёҳӣ гардиши сайёҳони хориҷиро ба ҷумҳурӣ имкон медиҳад. Вазифаҳои муҳимтарини рушди сайёҳии дар ҷумҳурӣ баррасӣ карда мешаванд:

- сайёҳии варзишии кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ, экологи, сайёҳии осмонӣ;
- лижаронии кӯҳӣ, параплан паридан, рафтинг;
- табобат ва истироҳати санаторию курортӣ;
- сайёҳии таърихӣ, маърифатӣ ва этнографӣ;
- шикор;
- экосайёҳӣ.

Имкониятҳои сайёҳии мероси таърихию фарҳангӣ ва захираҳои фароғатӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бомуваффақият ба бозори сайёҳӣ дохил шуда, ба рушди назарраси сайёҳӣ дар кишвар ноил гардад, ки ин барои афзоиши устувори даромадҳо ва шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад, ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ ва рушди соҳаҳои марбут ба сайёҳӣ афзоиш ёбад. Бо мақсади рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон, ҳукумати кишвар дар бораи содда кардани низоми раводид барои сайёҳони 80 кишвар, ки ҳоло санадҳои ворид ба қаламрави ҷумҳуриро дар давоми се рӯзи корӣ коркард мекунанд, амалан ба роҳ монда шудааст.

Помири боҳашамат дар саросари ҷаҳон бо номи «Боми Ҷаҳон» маъруф аст, яке аз баландтарин баландкӯҳҳои ҷаҳон бо баландиҳои мутлақаш аз 2800 то 7000 метр аз сатҳи баҳр буда, дар Тоҷикистон ҷойгир аст. Хатсайрҳои кӯҳнавардӣ ба яке аз қуллаҳои баландтарини Исмоили Самани ва Евгений Корженевский, ки дар баландии зиёда аз 6000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд, мағораҳо, манзараҳои табиӣ, чашмаҳои минералии обҳои кремний ва карбон, хунук ва ҳароратӣ дар ин ҷо захираҳои бойи сайёҳӣ мебошанд. Ҳар сол дар кишвар экспедитсияҳои байналмилалии кӯҳнавардӣ баргузор мешаванд, ки кӯҳнавардон аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба қуллаҳои баландтарини ҷумҳурӣ мебароянд. Кӯҳнавардон аз тамоми ҷаҳон саъй доранд, қуллаи Исмоили Саманиро (7495 метр) - қутби баландкӯҳи Помирро фатҳ кунанд. Дар соли 2003 ба намояндаи Ҷопон Окучи Ҷунҷӣ муяссар шуд. Дар ҳайати аъзои

Экспедитсияи байналмилалии кӯҳнавардӣ дар Тоҷикистон, ки ба Соли оби тоза бахшида шудааст, ӯ аввалин шуда ба баландтарин нуқтаи Помир баромад. Дар ҳамон сол, қуллаи баланди Помирро кӯҳнавардон аз Тоҷикистон, Россия, Шветсия, Испания ва Чехия низ дидан. Аксарияти олимон ва муҳаққиқони Помир онро ҳамчун сарзамини мураккабтарин асрори этнографӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии Осиё ва муқоисаҳои бемисл арзёбӣ карданд.

Релефи беназир ва мушаххас ба рушди трекки категорияҳои гуногуни мураккабӣ ва пиёдагардӣ, машғул шудан ба намудҳои махсуси варзиш, ба монанди кӯҳнавардӣ дар якҷояги̅ бо шикор ва аккосӣ, кӯҳнавардӣ, рафтинг, сайёҳии кӯҳӣ, параплан, лижаронии кӯҳӣ, сноуборд, спелеосайёҳӣ ва дигар намудҳои сайёҳии маъмулӣ.

Помир аз кӯлҳои пайдоиши гуногун бой аст. Калонтарини онҳо Зоркул, Қароқул, Шорқул, Рангқул, Булункул ва кӯли Сарез мебошанд, ки соли 1911 дар натиҷаи заминларза ба вуҷуд омадааст. Дар минтақаи Помир-Олой, дар баландии аз 3200 то 5000 метр, консентратсияи 1450 кӯл ва 220 дарё мавҷуд аст, ки ин 83% масоҳати кулҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Кӯли намакии Қаракул бо умқи аз ҳама калонтараш 236 метр, ки дар баландии 3914 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, калонтарин кӯл дар Помир мебошад. Тахмин мезананд, ки он дар давраи асри яхбандӣ ба вуҷуд омадааст ва поёни кӯл бо баъзе соҳилҳояш ба масофаи ниҳояи калон бо яхбандии абадӣ пӯшонида шудааст.

Дар қаламрави ҷумҳурӣ тақрибан 200 чашмаи обҳои гармӣ ва минералӣ мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо сайёҳии табобатӣ-истироҳатӣ ва санаторию курортӣ рушд мекунад.

Машҳуртарини онҳо инҳоянд: истироҳатгоҳи «Хоҷа оби гарм», осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Зумрад», «Оби гарм», «Хаватаг» ва «Гарм чашма», ки дар он ҷо хизматрасониҳо оид ба табобати бемориҳои роҳи нафас, системаи дилу рагҳо, системаи пешоб, системаи мушакӣ, бемориҳои рӯда ва ҷигар, бемориҳои пӯст ва занона. Дар чашмаҳои гарми осоишгоҳҳои «Гармчашма», «Башор» ва «Шохдара» конҳои оҳаки шакли сангпарто ба вуҷуд меоянд, ки онро травертинҳо меноманд, ки бо зебоии худ дар чашмаи

Гармчашма дар 35-километрии шаҳри Хоруғ машҳуранд. Ин чашмаи гарми Гармчашма аз ҳисоби сафедии истисноии травертинҳо аз дур намоён аст ва дар баландии 2325 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо одамон боварӣ доштанд, ки об аз сангҳо дар нишебии қаторкӯҳи Шаҳдараи Помир ҷорист. Аммо, таҳқиқоте, ки олимон дар ибтидои асри гузашта гузаронида буданд, хусусияти шифобахши обро шарҳ доданд. Аммо зоирон, ки ба Гармчашма омаданро идома медиҳанд, то ҳол ин обро муқаддас меҳисобанд ва ба онҳо фарқе надоранд, ки таъсири шифобахши он чист. Ба ғайр аз чашмаҳои гарм, Гарм-Чашма инчунин чашмаҳои хунуки маъданӣ дорад (Хосгунӣ, Чурш, Зунд) бо оби газдори нӯшокӣ (нарзан), ки ҳамчун оби шифобахши табобатӣ истифода мешавад.

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбии зикршуда, рушди соҳа ба бартарафнамоии омилҳои зерин:

1) такмил додани заминаи меъёрӣ ва ба итмом расонидани корҳо оид ба ташкили шаклҳои ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои курортӣ ва сайёҳӣ;

2) фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузории ҷумҳурӣ ҳамчун минтақаи фароғатӣ, таҳияи механизмҳои ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ;

3) такмили сиёсати нархгузорӣ ва сифати хизматрасонии муассисаҳо, рушди минбаъдаи системаи баҳисобгирӣ ва назорати ҷараёни сайёҳӣ;

4) рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи сайёҳӣ, барқарорсозии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ;

5) рушди шаклҳои ғайримуқаррарии хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани хатсайрҳои нави сайёҳӣ;

6) таъмини бехатарии будубош ва истироҳати меҳмонон дар минтақаҳои фароғатӣ ва ба низом даровардани системаи бақайдгирӣ ва пардохти онҳо;

7) такмили сиёсати кадрҳо, ҷалби мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, сайёҳӣ, курортологҳо ва кормандони хизматрасониҳои сатҳи миёна, гузаронидани аттестатсияи кормандон, алоқаманд мебошад.

Аз рӯйи динамикаи рушди гардиши сайёҳӣ дар соли 2018 ба TOP-10 кишвари бо суръати баланд рушдкунанда Миср (+ 36,8%) ва Тунис (+ 17,7%) дохил шуданд. Дар кишвари Эквадор бошад ин нишондиҳанда бо 51% афзоиши шумораи сайёҳон ва Уганда, ки худро ҳамчун «гавҳари Африқо» ҳисоб мекунад, 32% афзоиши шумораи сайёҳони хориҷиро ба қайд гирифтааст.

Тонго давлати ҷазиравӣ дар қисми ҷанубу ғарбии Уқёнуси Ором буда, 28% сайёҳони хориҷиро ба кишвар ҷалб намудааст, илова ба ин давлати дигари минтақа Тувалу бо 11 ҳазор нафар аҳолӣ 35,5% бештар меҳмононро сабт кардааст. Ин раванд дар Непал наздики 25% - ро ташкил дода дар Словения 23,8% афзоиш ёфтани шумораи сайёҳон мушоҳида мешавад. Инчунин дар Ветнам афзоиши муносиби шумораи сайёҳони хориҷиро (19,9%) мушоҳида намудан мумкин аст, ки онро солҳои охир ба яке аз кишварҳои сайёҳии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ табдил дод.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дорои сарватҳои беназири табиӣ ва фарҳанги қадимӣ ҷиҳати рушди сайёҳӣ мебошад. Барои эҳсос кардан ва дидани экзотика ва минтақаи Осиё арзанда аст, ки дар кӯчаҳои таърихӣ ва шаҳрҳои қадимӣ сайругашт карда, ба бозорҳои гуногун ва бойи он бо фаровонии меваю сабзавоти сершумор ташриф оранд, дар чойхонаҳо чойи сабзи хушбӯйро бо ороиши кушоди миллӣ нушанд, сӯҳбат ороянд бо фарҳанг, тарзи ҳаёт, анъанаҳои онҳоро биомӯзанд ва аз табиати хуб, меҳмоннавозӣ ва бузургии ин халқ баҳраманд шаванд.

## Хулосаи боби якум:

Пас аз таҳқиқи боби аввал мо ба хулосае омадем, ки муҳтавои асосии он ба мубрамияти масъалаҳои зерин рабт дорад:

1.Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок, зудрушдкунанда ва унсури асосии даромади миллии аксар мамлакатҳо гаштааст. Дар баробари аҳамияти ниҳоят муҳимми иқтисодӣ доштан, рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки равандҳои тиҷорат ташаккул ёфта, боиси муаррифии арзишҳои фарҳангии миллии мамлакатҳо дар сатҳи байналмилалӣ гардад. Ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаи мушаххаси рушд ворид гардида, ҷиҳати тақвият бахшидани он тадбирҳои муассир роҳандозӣ шуда истодаанд.

2. Дар идома таъсири сайёҳӣ ба беҳбудии ҳаёти аҳолӣ, афзоиши маълумотнокӣ, фазои маданӣ, умуман тамоми система ва зерсохтори иқтисодиёти миллӣ меравад. Нишондиҳандаҳои иҷтимоию фарҳангӣ бо рушди сайёҳӣ алоқаманд бо фарқияти ҳолати иҷтимоию фарҳангии сайёҳон ва аҳолии маҳаллӣ муайян карда мешавад. Инҳо урфу одатҳо, дин, тарзи ҳаёт ва меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ ва ғайра мебошанд.

**3.** Аз ҳамин нуктаи назар таҳқиқи масъала нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои назариявию методӣ ва такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, таҳқиқи ҳолати муосири соҳа, ба омӯзиши категорияҳои зерини иқтисодӣ: сайёҳӣ, соҳаи хизматрасониҳо, идоракунии сифати объектҳои сайёҳӣ, нақш ва аҳамияти он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баҳодиҳии ҳолати рушди объектҳои сайёҳи марбут мебошад.

4. Сиёсати рушди сайёҳӣ, бо назардошти таъсири иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бояд дар мадди аввал дар банақшагирӣ ва идоракунии ин бахши иқтисод қарор гирад. Танҳо дар ин ҳолат сайёҳӣ метавонад соҳаи баланддаромади иқтисоди кишвар гардад. Бо мақсади ошкор намудани мундариҷаи раванди истеҳсолоти сайёҳӣ дар аксар маврид, хусусиятҳои асосии маҳсулоти сайёҳӣ дар натиҷаи рушди саноати сайёҳӣ омӯхта ва аниқ

карда мешаванд. Маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсол, миқдор ва сифати муайяни молҳо ва хизматрасониҳои ширкати сайёҳӣ барои фурӯш ба истеъмолкунандагон вобаста аст.

5.Дар охири ин бахш чунин хулоса баровардан мумкин аст: усули муназзам ба ҳалли масъалаҳои сайёҳӣ, муайян кардани воҳидҳои асосии сохторӣ ва функсионалии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун як системаи мустақил, номбар кардани нуқтаҳои заифи система ва ғайраҳо муносибатҳои байнисистемавӣ, имкон медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди оптималии истеҳсолоти сайёҳӣ муайян карда шавад. Баҳодиҳии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи таъсири рушди сайёҳӣ омили хеле муҳим дар таҳияи сиёсати рушди сайёҳӣ мебошад ва фоидаҳоро ба ҳадди аксар расонидан ва оқибатҳои зараровари сайёҳӣро пешгирӣ кардан мумкин аст. Арзёбии таъсири иқтисодии сайёҳӣ ба хароҷоти сайёҳӣ асос ёфтааст. Дар ин ҷо қайд кардан хеле муҳим аст, ки ҳар гуна дигаргунӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи сайёҳӣ боиси тағйирёбии сатҳи истеҳсолот ва даромад, шуғл ва қурби асъори иқтисодиёти маҳал мегардад.

6. Ҳамин тариқ, аз нигоҳи иқтисодӣ маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ характери умумиистеъмолиро дошта дар шакли маҷмӯи молҳо ва хизматрасониҳо мавҷуд буда метавонанд, ки аз ҷониби корхонаҳои мухталиф ба хизматрасонии сайёҳон ҷалб карда мешаванд ва аз ҷониби як ширкати сайёҳӣ барои истеъмол дар муҳити мушаххаси табиӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд. Омӯзиши моҳияти иқтисодии маҳсулоти сайёҳӣ ба мо имконият медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолиятро дар соҳаи сайёҳӣ муайян намуда, дар бораи ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулот тасаввурот пайдо кунем.

7.Ба андешаи мо моҳияти иқтисодии сифат дар натиҷаи таҳаввулоти таърихии тағйири низомҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд омада онро ба сифати омили асосии истеҳсолот, хизматрасонӣ баҳо додан ҷоиз аст. Бо такя ба моҳияти иқтисодиаш қайд намудан зарур аст, ки усули ташкили дурусти истеҳсолот маҳз бо ин васила «сифати маҳсулот» имконпазир мегардад

8.Саноати сайёҳии муосири Тоҷикистон дорои иқтидори азим буда, ба

иқтидори васеи табиӣ ва фарҳангӣ асос ёфтааст. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ, санъат, тарзи ҳаёти суннатӣ ва хоси мардум, этнография, манзараҳои нотакрори табиӣ бо минтақаҳои баландкӯҳи худ, ҷангалҳои беназири баргпӯш ва марғзорҳои баландкӯҳ, иқлими хушк, ҳавои тоза, кӯлҳо ва дарёҳо метавонанд ҳар як дархости сайёҳонро қонеъ кунанд ва таваҷҷӯҳи меҳмонони хориҷиро ҷалб намояд. Аҳамияти таҳқиқоти мазкур низ аз он иборат аст, ки саноати сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими иқтисод эътироф карда мешавад. Таҳлили маълумоти оморӣ ва таҷрибавӣ аз афзоиши таваҷҷӯҳ ба маҳсулоти туристии Тоҷикистон ва тамоюлҳои мусоиди тавсеаи бозорҳои фурӯш ва афзоиши шумораи сайёҳон шаҳодат медиҳад.

9.Имкониятҳои сайёҳии мероси таърихию фарҳангӣ ва захираҳои фароғатӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бомуваффақият ба бозори сайёҳӣ дохил шуда, ба рушди назарраси сайёҳӣ дар кишвар ноил гардад, ки ин барои афзоиши устувори даромадҳо ва шуғли аҳолӣ шароит фароҳам меорад, ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ ва рушди соҳаҳои марбут ба сайёҳӣ афзоиш ёбад. Бо мақсади рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон, ҳукумати кишвар дар бораи содда кардани низоми раводид барои сайёҳони 80 кишвар, ки ҳоло санадҳои ворид ба қаламрави ҷумҳуриро дар давоми се рӯзи корӣ коркард мекунанд, амалан ба роҳ монда шудааст.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 2017-2021)

## 2.1. Тамоюли рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки сайёҳиро ба соҳаи афзалиятнок ва даромадноки иқтисодиёти миллӣ табдил додан мумкин аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои сайёҳӣ олам дар шароити имрӯза буда, дорои мероси бузурги маданӣ, таърихӣ, маданияти бою рангини қадима, мавқеи ҷуғрофӣ, табиати бою рангин, манотиқи гуногуни рекреатсионӣ ва олами набототу ҳайвонот мебошад. Объектҳои табии ҷойдошта унсури муҳими рушди сайёҳӣ ва ҷаҳонгардӣ ба ҳисоб рафта хусусияту имкониятҳои ҷойдоштаи табии дар пайдоиш ва инкишофи объектхо ва комплексҳои туристию рекреатсиони таъсири мусбӣ мерасонад. Сарватҳои табии мавҷудбуда бояд дар солҳои наздик ба сифати омилии асосии ҷалби сайёҳон бошад. Сайёҳон дар бисёр маврид хосиятҳои иқлим: ландшафт, имкониятҳои сайёҳӣ, кӯҳӣ, лежаронӣ, дороиҳои табиӣ, шикор ва ғайраро омӯхта ба ин минтақаҳо сафар мекунанд. Аз ин ҷост, ки ташкили фаъолияти сайёҳӣ пеш аз ҳама такя менамояд ба иқлими ноҳия, шаҳр ва деҳот.

Дигар шакли сайёҳӣ, ки дар давраи таҳлилӣ, хусусан дар натиҷаи таҳлили коршиносӣ ошкор гардид, бештар диққати сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намудааст ин навъҳои сайёҳии солимгардонӣ ва кӯҳӣ мебошад. Ба навъи якум шаклҳои сайёҳие шомил мешаванд, ки сайёҳон ба шифохонаҳо, осоишгоҳҳо, курортҳои клиникӣ (солимигардонӣ) ташриф оварда дар ҷойҳои зикргардида табобат мегиранд қувваи ҷисмонӣ ва саломатии худро дар пойгоҳҳои табобатии меҳмонхонаҳои курорти ва осоишгоҳҳо барқарор менамоянд. Хусусияти асосии ин намуди сайёҳӣ дар он аст, ки дар баробари табобату истироҳат сайёҳон имконият доранд, ки дар мавзеъҳои наздики осоишгоҳ ба муҳити онҷо шинос шуда аз табиати онҷо ҳаловат намоянд. Ба навъи дуюм сайёҳии кӯҳӣ дохил мешавад, ки таваҷҷӯҳи шумораи бештари

сайёҳонро ҷалб намудаст. Иқлими кишвари мо, ки наздики 93 ҳиссаи онро кӯҳҳои осмонбус ва муъҷизаофар ташкил медиҳанд хоси ин навъи сайёҳӣ аст.

Ба ақидаи мо минтақаҳои туристии кишварҳои Осиёи марказӣ хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои обҳои шифобахш, беморхонаҳои гиёҳдармонии табиӣ, дарахтони шифобахши субтропикӣ дошта мебошанд. Аксарияти минтақаҳо дорои имкониятҳои рушдкарда дар самти сайёҳӣ буда дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамто надоранд. Тарҳрезии комплекси туристии хусусияти табобатӣ дошта омили асосии ҷалби сайёҳон ва ташаккули соҳаи иқтисодиёт гардида боиси рушд ва тараққиёти кишвар мегардад[35].

Дар расми 2.1. нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2014-2021 пешниҳод карда мешавад.

[35] Зорин И. В., Квартальнов В.А. Энциклопедия туризма: справочник. – М.: Финансы и статистика, 2000 - С.126.

**Ҷадвали 2.1**

**Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2021 (Тағйирот бо таъсири Covid19, солҳои 2021/2014 мар.)***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | Тағйирот 2021/2014 | Фарқият 2021-2014 (+;-) | Тағйирот (бо таъсири Covid19) 2021/2014 (мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | | | |
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, ҳаз. нафар | 320 | 246 | 463 | 420 | 490 | 1154 | 1319 | 410,1 | 4,12 | +999 | 89% |
| Теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СУС) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, ҳаз. нафар | 208 | 213 | 413 | 344 | 431 | 1035 | 1257 | 350,6 | 6,04 | +1049 | 85% |
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) | 74 | 63 | 82 | 118 | 91 | 146 | 161 | 224 | 2,18 | +87 | 2,73 |
| Теъдоди сайёҳони дохилие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар | 15443 | 29589 | 16363 | 19549 | 14420 | 9167 | 8531 | 1939 | 0,55 | -6912 | 12% |
| Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, нафар | 2728 | 3577 | 3080 | 3630 | 4413 | 6699 | 7791 | 416 | 2,86 | +5063 | 14% |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назардошти андоз аз арзиши изофа), ҳаз. сомонӣ | 6225,1 | 10989,6 | 9582,8 | 8422,1 | 9076,3 | 16928,1 | 24497,9 | 7677 | 3,94 | +18272,8 | 80% |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2019. С. 170; Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2021. С. 328-291

Таҳлили ҷадвали 2.1. нишон медиҳад, ки теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СУТ) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд (ҳаз. нафар) дар соли 2021 нисбат ба соли 2014, 6,04 маротиба тағйир ёфта фарқият +1049 нафар мебошад. Ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ММД (бо фоиз) дар давоми солҳои таҳлилӣ ба гунаи чашмрас тағйир ёфта дар соли 2021 нисбат ба соли 2014, 110 маротиба ва *фарқият* +8 фоиз мебошад. Арзёбиҳои Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO) дар соли 2021 ҳиссаи соҳаҳое, ки хизматрасонии сайёҳӣ доранд, дар ҳаҷми умумии ММД ба ҳисоби миёна 10,4 *фоиз* мебошад.




**Расми 4. - Таъсири манфии туризм, солҳои 2021/2014**

Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, ҳаз. нафар 80%, Теъдоди шаҳрвандони хо- риҷие, ки мутобиқи маълу- моти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СУС) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд, ҳаз. нафар 14%, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолият- кунанда), 12%, теъдоди сайёҳони дохилие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷа сафар намуданд, нафар, 2,73 маротиба, теъдоди сайёҳони

хори- ҷие, ки тавассути ширкат- ҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, нафар, 85 %, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе назардошти андоз аз арзиши изофа), ҳаз. сомонӣ 89% .

**Ҷадвали 2.2**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2017-2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 170 | 173 | 174 | 176 | 184 | 14,0 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 19 | 21 | 23 | 24 | 26 | 7,0 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 40 | 41 | 41 | 42 | 44 | 4,0 |
| Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 0,0 |
| Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) | 8 | 8 | 8 | 8 | 9 | 1,0 |
| Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | 0,0 |
| Панисонат (воҳид)ва кемпинг | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 0,0 |
| Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 0,0 |
| Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) | 6454 | 6587 | 6739 | 6798 | 7635 | 1181,0 |
| Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) | 186431 | 187220 | 187452 | 198922 | 206025,1 | 19594,1 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 15428 | 15567 | 15976 | 16428 | 16470 | 1042,0 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 4378 | 4390 | 4569 | 4632 | 4684 | 306,0 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 342314 | 368546 | 375625 | 391231 | 403471 | 61157,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| сайёҳони хориҷӣ | 64320 | 66250 | 68254 | 79563 | 86113 | 21793,0 |
| сайёҳони дохилӣ | 277994 | 286546 | 278105 | 297253 | 317358 | 39364,0 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) | 191494,5 | 192653,2 | 213285 | 229782 | 231871,3 | 40376,8 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 22542 | 24563 | 23658 | 15386 | 13056,8 | -9485,2 |
| Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) | 214036,5 | 221475,3 | 236254 | 239867 | 244928,1 | 30891,6 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси маълумоти Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили коршиносӣ ва шарҳҳои методологии ташкилоти ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои сайёҳӣ.

Дар давраи таҳлили (ҷавали 2.2.) шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 184 адад буда нисбат ба соли 2017, 14 адад зиёд шудааст. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 26 адад буда нисбат ба соли 2017 +7 адад зиёд мебошад. Шумораи осоишгоҳҳо (воҳид) дар қаламрави ҷумҳури 40 адад буда нисбати соли 2014 +4 адад зиёд шудааст.

Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ бошад 5 адад буда нисбат ба соли 2017 бетағйир боқӣ мондааст. Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) 9 адад буда дар муқоиса бо соли 2017, 1 адад зиёд шудааст. Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) 9 адад буда нисбат ба соли 2017 бетағйир мебошад. Таносуби панисонат (воҳид) ва кемпинг низ бетағйир буда 2 ададро ташкил медиҳад. Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) 3 адад буда тағйироти мусбӣ мушоҳида карда намешавад. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 603 адад зиёд шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) 19594,1 м.м. афзоиш дода шуда дар соли 2021 206025,1 м.мурабаъро ташкил медиҳад. Шумораи катҳо (воҳид) 1042 адад зиёд карда шуда дар соли 2021 16470 адад мебошад. Шумораи миёнаи кормандон 306 нафар зиёд кардашуда дар соли 2021 7635 нафар ба шуғл таъмин карда шудаанд. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) 403471 нафар дар соли 2019 буда нисбати соли 2017 +61157 нафар зиёд мебоашд. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021 86113 нафар ва сайёҳони дохилӣ 317358 нафар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба сайёҳони хориҷӣ 21793 ва сайёҳони дохилӣ 39364 нафар хизматрасонӣ анҷом дода шудааст. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) + 40376,8 ҳаз. сомонӣ зиёд буда дар соли 2021 231871,3 ҳаз. сомонӣ мебошад. Дигар намуди даромадҳо дорои тамюли манфӣ буда -9485,2 ҳаз. сомонӣ нисбати соли 2015 кам мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2021 244924,1 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017, 308,91 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дар идома таҳлили муқоисавии субъектҳои пешниҳодкунандаи субъектҳои сайёҳӣ дар миқёси минтақаҳо анҷом дода мешавад.

Дар ҷадвали 2.2. нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии дар миқёси Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон анҷом дода мешавад.

**Ҷадвали 2.3**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳии Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон, солҳои 2017 – 2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 33 | 33 | 35 | 36 | 37 | 4 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 6 | 6 | 7 | 8 | 9 | 3 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 0 |
| Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) | 431 | 452 | 467 | 498 | 511 | 80 |
| Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м.мурабаъ) | 7322,5 | 7463,2 | 7548,3 | 8115,2 | 8410,3 | 1087,8 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 1023 | 1056 | 1098 | 1156 | 1190 | 167 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 247 | 263 | 278 | 279 | 281 | 34 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 8946 | 8654 | 8796 | 8254 | 7381 | -1565 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| сайёҳони хориҷӣ | 4217 | 4136 | 4257 | 4153 | 4164 | -53 |
| сайёҳони дохилӣ | 4729 | 4291 | 3985 | 3117 | 3217 | -1512 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз. сомонӣ) | 1836 | 1978 | 1988 | 1974,6 | 1995,2 | 159,2 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 44,5 | 42,5 | 38,7 | 29 | 20 | -24,5 |
| Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) | 1880,5 | 1986,2 | 1998,3 | 2013,1 | 2015,2 | 134,7 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси маълумоти Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили коршиносӣ ва шарҳҳои методологии ташкилоти ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои сайёҳӣ.

Таҳлили нишондиҳандаҳо дар Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон (ҷавали 2.3.) бозгӯи менамояд, ки шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 37 адад буда нисбат ба соли 2017, +4 адад зиёд шудааст. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 9 адад буда нисбат ба соли 2017 +3 адад зиёд мебошад. Шумораи осоишгоҳҳо (воҳид) буда нисбати соли 2017 бетағйир мебошад. Дар давраи таҳлили мавҷудияти осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид), хонаҳои истироҳатӣ (воҳид), панисонат (воҳид) ва кемпинг, базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) дар ҳудуди вилоят мушоҳида карда намешавад. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 80 адад зиёд шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) 1087,8 м.м. афзоиш дода шуда дар соли 2021 8410,3 м. мурабаъро ташкил медиҳад. Шумораи катҳо (воҳид) 167 адад зиёд карда шуда дар соли

2021 1190 адад мебошад. Шумораи миёнаи кормандон 34 нафар зиёд кардашуда дар соли 2021 281 нафар ба шуғл таъмин карда шудаанд. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) дорои тамоюли манфӣ мебошад ва нисбати соли 2017 -1565 нишондиҳанда кам шудааст. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ -53 нафар ва сайёҳони дохилӣ -1512 нафар нафар кам мебошад. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) + 159,2 ҳаз. сомонӣ зиёд буда дар соли 2021 1995,2 ҳаз. сомонӣ мебошад. Дигар намуди даромадҳо дорои тамюли манфӣ буда – 24,5 ҳаз. сомонӣ нисбати соли 2017 кам мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2021 2015,2 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017 134,7 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дар раванди таҳқиқот таҳлили муқоисавии субъектҳои пешниҳодкунандаи субъектҳои сайёҳӣ дар миқёси вилояти Суғд анҷом дода мешавад (ҷадвали 2.4).

**Ҷадвали 2.4.**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии вилояти Суғд, солҳои 2017-2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 52 | 52 | 54 | 56 | 57 | 5 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 | 1 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 14 | 14 | 14 | 15 | 15 | 1 |
| Осоишгоҳҳои кўдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 0 |
| Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) | 5 | 5 | 5 | 6 | 7 | 2 |
| Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 |
| Шумораи хуҷраҳо (воҳид) | 2466 | 2513 | 2598 | 2642 | 2707 | 241 |
| Масоҳати умумии хуҷраҳо (м.мурабаъ) | 54648,6 | 568,7 | 5769,5 | 5896,4 | 59784,7 | 5136,1 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 6185 | 6245 | 6312 | 6432 | 6547 | 362 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 2049 | 2048 | 2032 | 2036 | 2039 | -10 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 108401 | 11986 | 12054 | 112143 | 112300 | 3899 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| сайёҳони хориҷӣ | 12795 | 13987 | 14987 | 15480 | 16207 | 3412 |
| сайёҳони дохилӣ | 95606 | 95832 | 95968 | 96091 | 96093 | 487 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) | 71265,2 | 71271,3 | 69142,5 | 64325,7 | 61212,4 | -10052,8 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 3452,6 | 3125,5 | 3264,8 | 3142,9 | 3293,3 | -159,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии даромад, (хаз. сомонӣ) | 74717,8 | 72614,6 | 61285,9 | 63682,5 | 64505,7 | -10212,1 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси маълумоти Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сайёҳии назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили коршиносӣ ва шарҳҳои методологии ташкилоти ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои сайёҳӣ.

Таҳлили нишондиҳандаҳо дар миқёси вилояти Суғд (ҷавали 2.5.) нишон медиҳад, ки шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 57 адад буда нисбат ба соли 2017, 5 адад зиёд шудааст. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 3 адад буда нисбат ба соли 2017 +1 адад зиёд мебошад. Шумораи осоишгоҳҳо (воҳид) дар вилоят 15 адад буда нисбати соли 2017 +1 адад зиёд шудааст. Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ бошад 4 адад буда нисбат ба соли 2017 бетағйир боқӣ мондааст. Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) 7 адад буда дар муқоиса бо соли 2017, 2 адад зиёд шудааст. Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид), панисонат (воҳид) ва кемпинг дар давраи таҳлили бинобар сабаби ҷой надоштан дар нишондиҳандаҳот оморӣ мавриди таҳлили қарор дода нашудааст. Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) 1 адад буда тағйироти мусбӣ мушоҳида карда намешавад. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 241 адад зиёд шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) 5136,1 м.м. афзоиш дода шуда дар соли 2021 59874,7 м.мурабаъро ташкил медиҳад. Шумораи катҳо (воҳид) 362 адад зиёд карда шуда дар соли 2021 6547 адад мебошад. Шумораи миёнаи кормандон -10 нафар кам новобаста аз ин дар соли 2021 2039 нафар ба шуғл таъмин карда шудаанд. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) 112300 нафар дар соли 2021 буда нисбати соли 2017 +3899 нафар зиёд мебоашд. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021, 16207 нафар ва сайёҳони дохилӣ 96093 нафар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба сайёҳони хориҷӣ 3412 ва сайёҳони дохилӣ 487 нафар хизматрасонӣ анҷом дода шудааст. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) дорои тамоюли манфӣ буда нисбати соли 2017 -10052,8 ҳаз. сомонӣ кам мебошад. Дигар намуди даромадҳо низ дорои тамюли манфӣ буда

-159,3 ҳаз. сомонӣ нисбати соли 2017 кам мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2019 64505,7 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017 -10212 ҳаз. сомонӣ кам мебошад. Ҳамин тариқ дар раванди таҳқиқ таҳлили ҳолати субъектҳои сайёҳӣ дар миқёси вилояти Хатлон манзур гардонида мешавад.

Дар ҷадвали 2.5. таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии дар сатҳи вилояти Хатлон пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 2.5.**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар вилояти Хатлон, солҳои 2017-2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 36 | 36 | 37 | 38 | 39 | 3 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | -1 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 4 | 4 | 5 | 6 | 7 | 3 |
| Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 |
| Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 |
| Шумораи хуҷраҳо (воҳид) | 1003 | 1014 | 1022 | 1056 | 1092 | 89 |
| Масоҳати умумии хуҷраҳо (м.мурабаъ) | 21268 | 21764 | 21856 | 22517 | 23867,9 | 2599,9 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 1905 | 1987 | 2013 | 2047 | 2059 | 154 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 354 | 369 | 387 | 412 | 441 | 87 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 22154 | 22324 | 228547 | 29610 | 33305 | 11151 |
| аз он ҷумла: | | | | | | 0 |
| сайёҳони хориҷӣ | 696 | 904,8 | 1113,6 | 1322,4 | 1485 | 789 |
| сайёҳони дохилӣ | 21458 | 21666,8 | 21875,6 | 22084,4 | 31820 | 10362 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) | 4805,3 | 5014,1 | 5222,9 | 5431,7 | 7066,4 | 2261,1 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 672,7 | 881,5 | 1090,3 | 1299,1 | 601,4 | -71,3 |
| Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) | 5478 | 5686,8 | 5895,6 | 6104,4 | 7667,8 | 2189,8 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия

Вилояти Хатлон дар миқёси ҷумҳурӣ ягона маркази мебошад, ки аз лиҳози иқлим ва бодуҳаво манзараҳои табиӣ ва дилфиреб машҳур гаштааст. Хусусиятҳои зеринро ба назар гирифта таҳлили комлексии сифати

хизматрасониҳои сайёҳи дар минтақа анҷом дода мешавад. Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки (ҷавали 2.6.) дар ҳудуди вилояти Хатлон шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 39 адад буда нисбат ба соли 2017, 3 адад зиёд шудааст. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 1 адад буда нисбат ба соли 2017 -1 адад кам шудааст. Шумораи осоишгоҳҳо (воҳид) дар вилоят 7 адад буда нисбати соли 2017 -1 адад зиёд шудааст. Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ дар ҳуди вилоят амал намекунад. Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) 1 адад буда дар муқоиса бо соли 2017 бетағйир мебошад. Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид), дар давоми солҳои таҳлили дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ як ададро ташкил дода нисбати соли 2021 бетағйир мебошад. Панисонат (воҳид) ва кемпинг, базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) бетағйир мебошад. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 89 адад зиёд шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) 2599,9 м.м. афзоиш дода шуда дар соли 2021 23867,9 м.мурабаъро ташкил медиҳад. Шумораи катҳо (воҳид) 154 адад зиёд карда шуда дар соли 2021 2059 адад мебошад. Шумораи миёнаи кормандон дар соли 2021 441 нафар буда нисбати соли 2017 87 нафар зиёд кардашудааст. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) 33305 нафар дар соли 2021 буда нисбати соли 2017 +11151 нафар зиёд мебоашд. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021 1485 нафар ва сайёҳони дохилӣ 31820 нафар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба сайёҳони хориҷӣ 789 ва сайёҳони дохилӣ 10362 нафар хизматрасонӣ анҷом дода шудааст. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбати соли 2017 +2261,1 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дигар намуди даромадҳо дорои тамюли манфӣ буда -71,3 ҳаз. сомонӣ нисбати соли 2017 кам мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2021 7667,8 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017 +2189,8 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқ таҳлили муқоисавӣ субъектҳои хизматрасониҳои комплекси сайёҳӣ дар миқёси шаҳри Душанбе гузаронида мешавад (ҷадвали 2.6).

Шаҳри Душанбе пойтахти Тоҷикистон дар қатори даҳгонаи шаҳрҳои зудрушдкунандаи саноатии ҷаҳон пазируфта шудааст. Иқлими шаҳр имконият медиҳад, ки ҳамасола садҳо миллион нафар сайёҳ аз он дидан намоянд.

**Ҷадвали 2.6.**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии ш. Душанбе, солҳои 2017-2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 32 | 34 | 34 | 35 | 35 | 3 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 7 | 7 | 8 | 9 | 11 | 4 |
| Шумораи хучраҳо (воҳид) | 1671 | 1704 | 1756 | 1771 | 1805 | 134 |
| Масоҳати умумии хучраҳо (м.мурабаъ) | 71020,9 | 73152 | 75346 | 77606 | 69147 | -1873,9 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 2757 | 2840 | 2925 | 3013 | 2958 | 201 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 942 | 970 | 999 | 1029 | 1016 | 74 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 72843 | 75028 | 77279 | 79598 | 96226 | 23383 |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | 0 |
| сайёҳони хориҷӣ | 42838 | 44123 | 45447 | 46810 | 58426 | 15588 |
| сайёҳони дохилӣ | 30005 | 30905 | 31832 | 32787 | 37800 | 7795 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) | 93520,9 | 96327 | 99216 | 102193 | 134978 | 41457,4 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 16633,1 | 17132 | 17646 | 18175 | 7286,3 | -9346,8 |
| Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) | 110154 | 113459 | 116862 | 120368 | 142265 | 32110,6 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили нишондиҳандаҳо дар миқёси шаҳри Душанбе (ҷавали 2.6.) гувоҳи медиҳад, ки шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 35 адад буда нисбат ба соли 2017 тамоюли мусбӣ мушоҳида карда намешавад. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 11 адад буда нисбат ба соли 2017 +4 адад зиёд шудааст. Дар давраи таҳлили шумораи осоишгоҳҳо (воҳид), осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид), хонаҳои истироҳатӣ (воҳид), панисонат (воҳид) ва кемпинг, базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) ба қайд гирифта нашудааст ва оморҳои расмӣ мавҷудияти

нишондиҳандаҳои мазкурро инъикос накардаанд. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 134 адад зиёд шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м. мурабаъ) дар соли 2021 69147 м.мурабаъро ташкил дода нисбати соли 2017 -1873,9 м.мурабаъ кам шудааст. Шумораи катҳо (воҳид) 201 адад зиёд карда шуда дар соли 2021, 2958 адад буд. Шумораи миёнаи кормандон 74 нафар зиёд кардашуда дар соли 2015, 947 нафарр буданд. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) 96226 нафар дар соли 2021 буда нисбати соли 2017 +23383 нафар зиёд мебошад. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021, 58426 нафар ва сайёҳони дохилӣ 38700 нафар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба сайёҳони хориҷӣ 15588 ва сайёҳони дохилӣ 7795 нафар хизматрасонӣ анҷом дода шудааст. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбати соли 2017 +41457,4 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дигар намуди даромадҳо низ дорои тамюли манфӣ буда -9346,8 ҳаз. сомонӣ яъне, нисбати соли 2017 кам мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2021 142265 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017 +32110,6 ҳаз. сомонӣ буд. Дар идома таҳқиқи масъала дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ анҷом дода мешавад.

Дар ҷадвали 2.6. таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳии дар мисои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки дар қисми шимолу ғарби мамлакат ҷойгир шудааст гузаронида мешавад.

**Ҷадвали 2.7.**

**Нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, солҳои 2017-2021***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Фарқият соли 2021 нисбат ба 2017 (+;-) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 14 | 14 | 15 | 15 | 16 | 2 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 0 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 14 | 14 | 15 | 15 | 16 | 2 |
| Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 |
| Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 | -1 |
| Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) | 8 | 7 | 8 | 8 | 8 | 0 |
| Панисонат (воҳид)ва кемпинг | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 | 0 |
| Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 | 0 |
| Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) | 1461 | 1498 | 1516 | 1519 | 1520 | 59 |
| Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м.мурабаъ) | 32171 | 32624 | 35874 | 38723 | 44815,2 | 12644,2 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 3558 | 3629 | 3702 | 3776 | 3716 | 158 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 786 | 802 | 818 | 834 | 907 | 121 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 129970 | 132569 | 135221 | 137925 | 154259 | 24289 |
| ***аз он ҷумла:*** |  | 0 | 0 | 0 |  | 0 |
| сайёҳони хориҷӣ | 3774 | 3849 | 3926 | 4005 | 5831 | 2057 |
| сайёҳони дохилӣ | 126196 | 128720 | 131294 | 133920 | 148428 | 22232 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ) | 20067,1 | 20468 | 20878 | 21295 | 26619 | 6551,9 |
| Дигар намуди даромадҳо (ҳаз.сомонӣ) | 1739,1 | 1774 | 1809 | 1846 | 1855,8 | 116,7 |
| Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) | 21806,2 | 22242 | 22687 | 23141 | 28474,8 | 6668,6 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Коркарди нишондиҳандаҳои (ҷавали 2.7.) нишон медиҳад, ки шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) дар соли 2021, 16 адад буда нисбат ба соли 2015 зиёд мебошад. Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) дар ҳамин давра 2 адад буда нисбат ба соли 2017 бетағйир мебошад. Дар давраи таҳлили шумораи осоишгоҳҳо (воҳид) 2 адад зиёд шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021, 16 адад буд. Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ дар тамоми давраҳои таҳлили як адад мебошад. Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) дар давраи таҳлили як *адад* кам шудааст. Дар ҳамин давра хонаҳои истироҳатӣ (воҳид), панисонат (воҳид) ва кемпинг, базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) тамоюли мусбӣ мушоҳида карда намешавад. Шумораи ҳуҷраҳо (воҳид) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбат ба соли 2017, 59 адад *зиёд* шудааст. Масоҳати умумии ҳуҷраҳо (м.

мурабаъ) дар соли 2021, 44815,2 м.мурабаъро ташкил дода нисбати соли 2017 +12644,2 м.мурабаъ афзоиш дода шудааст. Шумораи катҳо (воҳид) +158 адад зиёд карда шуда дар соли 2021, 3716 адад буд. Шумораи миёнаи кормандон 121 нафар зиёд кардашуда дар соли 2017, 786 нафарр буданд. Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) 154259 нафар дар соли 2021 буда нисбати соли 2017 +24289 нафар зиёд мебошад. Ҳамин тариқ хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021, 5831 нафар ва сайёҳони дохилӣ 148428 нафар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 ба сайёҳони хориҷӣ 2057 ва сайёҳони дохилӣ 22232 нафар хизматрасонӣ анҷом дода шудааст. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ (ҳаз.сомонӣ) дорои тамоюли мусбӣ буда нисбати соли 2017 +6551,9 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дигар намуди даромадҳо низ дорои тамоюли мусбӣ буда +116,7 ҳаз. сомонӣ нисбати соли 2017 зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии даромад, (ҳаз. сомонӣ) дар соли 2021, 28474,8 ҳаз. сомонӣ буда нисбати соли 2017 +6668,6 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дар миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки тамоюли рушд ҳархела ба назар мерасад. Рушди босуръати соҳа ба минтақаҳои Суғд ва шаҳри Душанбе рост меояд. Таҳлили маҷмӯи раванд шаҳодат медиҳад, ки дар рушди минбаъдаи соҳа омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ, ҳудуд ва ташрифи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин маданияти аҳолии мизбон, инфрасохтори сайёҳӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд.

Вобаста ба ин як қатор омилҳои боздорандаи рушди соҳа муқаррар карда шудааст, ки дар натиҷаи таҳлили соҳа ба даст омадааст. Бартараф намудани монеаҳои ҷойдошта дар марҳилаи аввали ташаккули соҳаи сайёҳӣ зарур буда бештар ба хубтару беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ вобаста мебошад.

## 2.2. Таҳлили таъсири омилҳо ба рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ

Ба ақидаи пажуҳишгарони соҳа рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар шароити имрӯза ниҳоят зарур мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ, аз ҷумла табиати дилфиребу нотакрор, кӯҳҳои осмонбӯс, дарёҳои ҷаззобу кӯлҳои зебоманзар, олами набототу ҳайвоноти бою рангин, иқлими муътадил, мероси бойи маданӣ-таърихӣ ва амсоли он мебошад, ки он пойгоҳи азим ва заминаи лозимӣ ҷиҳати рушди сайёҳӣ буда метавонад[36]. Дар солҳои охир Тоҷикистон туфайли идораи самаранок дар соҳаи сайёҳӣ нуфузи мусбии сайёҳӣ пайдо намуда, ҳамчун яке аз давлатҳои бехатар барои сайёҳат шинохта мешавад. Қайднамудан зарур мебошад, ки ин нишондиҳандаҳо на танҳо дар доираи ИДМ, балки дар омори ҷаҳонӣ назаррас мебошанд. Новобаста аз он, ки ҳиссаи даромад аз сайёҳӣ дар Тоҷикистон назар ба дигар мамлакатҳои ИДМ кам бошадҳам, нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ ва афзоиши миқдори хориҷиёни ба ҷумҳурӣ воридшуда, назар ба солҳои сипаришуда ба маротиб бештар мебошад. Чунончи, дар соли 2021 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 1257,3 ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ ворид гаштанд, ки ин нисбат ба давраи соли 2017 21,5 фоиз зиёд мебошад. Дар ин асно қайд намудани нақши барномаҳои доир ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ қабул гаштанд равшан дида мешавад.

«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани солҳои 2019-2021, ҳамчунин зиёд шудани диққати сайёҳон ва хориҷиён ба сайёҳӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати дурусти давлат дар рушди иқтисодиёти мамлакат дарак дода, ин раванд дар умум ба гузариши ҷумҳурӣ ба муносибатҳои муосири бозорӣ, ташкили инфрасохтори нав ва таъмири инфрасохтори мавҷудаи мамлакат, пайдо шудани корхонаҳои бахши

---

[36] Таджикистан - Рай для туристов: Точка доступ: tguk.tj, Электронный ресурс: http://www.ddtt.tj/index.php/tj/component/k2/item/2929-tadzhikistan-raj-dlya-turistov.html (дата обращщения 04.11.2021)

хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ, бахши меҳмондорӣ ва беҳтар гаштани сифати хизматрасонӣ дар бахши ҷойгиркунии аҳолӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ вобастагӣ дорад. Дар пурра ташаккул ёфтани соҳаи сайёҳӣ солҳои аз замони ба даст овардани истиқлолият сар намуда, нақши низоми нақлиётии мамлакат ҳалкунанда мебошад. Тавре маълум мебошад, рушди инфрасохтори сайёҳӣ яке аз стратегияҳои рушди миллӣ ба ҳисоб меравад. Пайваст намудани роҳҳои автомобили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои байналхалқӣ, пайдо шудани ширкатҳои нақлиёти ҳавоӣ ва шабакаҳои ҳавоӣ ба самтҳои гуногун ва рақобати баланд дар байни ин ширкатҳо дар инкишофи инфрасохтори мамлакат дар умум таъсири мусбӣ расониданд, ки ба рушди бахши хизматрасонӣ, аз ҷумла, соҳаи сайёҳӣ таъсири худро расонид.

Ҳамчунин, рушди сайёҳӣ дар солҳои охир метавонад бо тамоюли ҷаҳонӣ баланд шудани ҷолибияти намудҳои сайёҳии сайри деҳот, экосайёҳӣ, сайёҳии кӯҳӣ, алпинизм ва сайёҳии минтақавӣ, ки дар як сафар сайёҳон аз якчанд мамлакатҳои бо ҳам ҳамсоя дидан мекунанд. Дар доираи ин тамоюл Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фурсати мусоиди зиёд шудани диққат ба намудҳои муайяни сайёҳиро ба ҳисоб гирифта, соҳаи сайёҳиро тарғиб менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 93% аз кӯҳу қаторкӯҳҳое иборат мебошад, ки ба силсилакӯҳҳои Помир, Ҳисору Олой ва Тяншон тааллуқ дошта, ба туфайли мураккабии релеф дорои олами ҳайвоноти бою рангин, захираи оби тоза, ки даршакли дарёву кӯлҳо ҷоришаванда мебошад. Дар ҷумҳурӣ 13 мамнӯъгоҳ ва парваришгоҳҳо мавҷуданд, аз ҷумла ба онҳо «Зоркӯл», «Ромит», «Мозкул», инчунин Боғи миллии Тоҷикистон, ки дар он экологияи нодир, манзара ва ёдгориҳои табиӣ, ки ҳангоми дуруст ташаккул ёфтани дестинатсияи сайёҳӣ объекти сайёҳӣ буда метавонанд.

Ба андешаи муҳаққиқон «Танҳо унсурҳои географӣ боиси ташкил ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ мегардад. Чунончӣ, соҳили баҳрҳо, ҳудуди биёбонҳо, минтақаҳои баландкӯҳ, мавҷи баҳрҳо, пиряххои материкию кӯҳӣ, назди шаршараҳо, ёдгориҳои табиию таърихӣ ва ғайра муҳитҳоеанд, ки он ҷоистеҳсолоти неъматҳои моддӣ ғайриимкон аст ва маҳз ҳастии унсурҳои

номбурдаи географӣ заминагузори рушди сайёҳӣ гардида, иқтисоди минтақа ё кишварро ривоҷ медиҳад». Олами набототи Тоҷикистон зиёда аз 5000 намудҳои растаниҳои олиро дар бар мегирад, ки дар байни онҳо эндемикҳо кам нестанд. Ҳудуди боғи миллии Тоҷикистон 2,6 млн гектарро ташкил медиҳад, ки 18 фоизи ҳудуди мамлакат ва 60 фоизи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро фаро мегирад. Дар солҳои охир аз ҷониби роҳбарияти Боғи миллӣ чораҳои оид ба рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ ва беҳтар намудани вазъияти экологӣ дар ноҳияҳои баландкӯҳӣ, ноҳияҳои Помир равона карда шудаанд. Вазъи экологии Тоҷикистон барои ҷалби сайёҳон заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин замина метавон гуфт, ки ҷойгиршаии мавқеи географӣ, минтақаи баланди ландшафт, экспозитсияи гуногуни қаторкӯҳҳо ва релеф натиҷаи сохтори мураккабии геологӣ буда, мухталифии шароити иқлимӣ ва олами рангоранги набототу ҳайвонотро бавуҷуд овардаанд.

Тоҷикистон дорои 3 фурудгоҳи байналмилалӣ дар Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд мебошад. Ҳудуди ҷумҳуриро аз ғарб ба шарқ 3 шабакаи роҳҳои оҳан ташкил медиҳанд, ки минтақаҳои марказӣ, шимолӣ ва ҷанубии ҷумҳуриро тавассути ҳудуди давлатҳои ҳамсояи Ӯзбекистон ва Туркманистон пайваст мекунанд.

Захираҳои табиӣ-рекреатсионии ҷумҳурӣ, мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ ва маданӣ хусусиятҳои маҳсулоти сайёҳии ташаккулёфтаи сайёҳӣ, пешбурдан ва фурӯши дар бозорҳои ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷараёни воридишавии сайёҳонро ба Тоҷикистон таъмин мекунад. Дар ин асно самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар мамлакат намудҳои: алпинизм, сайёҳии экологӣ, кӯҳӣ-варзишӣ; рафтинг, парапланеризм, варзиши лижаронии кӯҳӣ; шикори дохилӣ; сайёҳии таърихӣ-маърифатӣ ва этнографӣ; табобат ва истироҳати санаторӣ-курортӣ;

Мувофиқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ соли 2020 соли Рушди сайёҳии деҳот эълон гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ дар рейтинги рақобатпазирӣ дар бахши сайёҳат ва сайёҳӣ дар соли 2018 ҷойи намоёнро дар ҷаҳон ишғол менамояд. Ҳамзамон,

омили асосии боздорандаи рушди соҳаи сайёҳӣ чи дар мамлакат, чи дар минтақаҳо ҳоло ҳам инфрасохтори рушднакардаи сайёҳӣ, суръати пасти барқарор намудан ва такмили воҳидҳои асосии он мебошад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки шарти асосии рушди сайёҳӣ бояд ба даст овардани дараҷаҳои зарурии таъминоти инфрасохтории минтақа гардида, ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ бояд ба самтҳои афзалиятноки сиёсати минтақавии иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ ворид гардад. Дар кишварҳои ҳамсоя ин ҷанбаи муҳими иқтисодӣ такмил ёфта, таснифоту роҳандозии он низоми муайянро касбнамудааст. Ба андешаи олимони соҳа Л.С., Нурпеисова А.Б., Заманбекова, Р.А.Турдибакиева ташаккули инфрасохтори дурусти сайёҳӣ омили асосии рақобат дар муносибатҳои иқтисодии соҳаи сайёҳӣ мегардад[37].

Дар шароити иқтисодиёти кушода шаҳру ноҳияҳо байни ҳам рақобат мекунанд, вале агар корхонаҳо барои бозорҳои фурӯши маҳсулот рақобат намоянд, шаҳрҳо барои ҷалб намудани сармоягузорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, яъне баланд гардонидани сатҳи зиндагӣ мубориза мебаранд. Барои ба ин муяссар шудан, пеш аз ҳама шароитҳои умумии фаъолияти истеҳсолиро беҳтар намуда, шаҳр ва ноҳияро барои зисту зиндагонӣ ва истиқомати муваққатӣ мувофиқ намудан зарур аст. Дар ин асно ташаккул ёфтани симои мусбии сайёҳии шаҳр ва минтақа аҳамияти калон дорад. Ҳамчунин ташкил намудани сайёҳии дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ ташкилёфта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро ворид намудани он дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ нисбатан қулай мебошад. Сайёҳӣ дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ- ба роҳ мондани сайёҳӣ дар асоси захираҳои маҳаллӣ ба мақсади рушди босуботи ҷамъиятҳои маҳаллӣ мебошад. Ин намуди сайёҳиро сайёҳии сабзи маҳаллӣ низ меноманд, ки тақрибан соли 1989 пайдо шуда, дар Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир тараққӣ намудааст. Дар қаламрави давлатҳои ИДМ бошад, диққат ба ин навъи сайёҳӣ зиёд гашта, он

[37] Нурпеисова, Л.С. Развитие инфраструктуры туризма, как фактора повышения конкурентоспособности областей Республики Казахстан/ Л.С.Нурпеисова, А.Б.Заманбекова, Р.А.Турдибакиева/ Ответст. ред. Н.В.Уварина// В сб.: проблемы экономики, организации и управления в россии и мире материалы xvi междунар. научн.-практич. конф.-2018.-С.99-103.

ҳамчун омили ба роҳ мондани сайёҳии экологӣ, ҳифз кардани анъанаҳои миллӣ ва нигоҳ доштани дараҷаи муаяйни урбанизатсияи аҳолӣ ҳисобида мешавад. Ин навъи сайёҳиро бо ибораидигар «Bed and Breakfast» (ҷойи хоб ва хӯроки наҳорӣ) низ меноманд.

Яке аз ташкилотҳои бонуфузе, ки инкишофи сайёҳиро дар самти сайёҳии дар асоси ҷамъиятҳои маҳаллӣ ташкилёфта идора менамояд, ин «Иттиҳодияи Аврупоии Марказии Шарқӣ оид ба қабули меҳмонон дар деҳот» (Центрально – Восточно – Европейский Союз по приёму гостей в сельской местности), ки марказаш дар шаҳри Будапешт мебошад, ба шумор меравад.

Аммо ҷамоатҳои деҳоти ҷумҳурӣ дар шароити нав новобаста аз дорои иқтидори рушди агросайёҳӣ, сайёҳии экологӣ, ҳунарҳои мардумӣ ба сифати марказҳои ҷалби ҷараёнҳои сайёҳӣ баромад намуда наметавонанд. Қисми зиёди роҳбарони идораҳои ҳукумати маҳаллии ҷамоатҳои деҳот дараҷаи ғайриқаноатбахши рушди инфрасохтори сайёҳиро қайд менамоянд. Норасоии объектҳои хӯроки умумӣ, индустрияи меҳмонхона, сифати пасти хизматрасонии маишӣ ва нақлиётӣ, надоштани имкониятҳои молиявӣ ва мавсимӣ будани сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ алоқамандӣ дорад. Талаботи паст нисбат ба хизматрасониҳои иловагии ба таъминоти новобастаи талаботҳои ҳаётан муҳим вобаста набуда, ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ имкон намедиҳад, то барои рушди соҳаҳои зикргардида шароит фароҳам оваранд. Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун воситаи рушди устувори соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Инчунин ҳамкории давлат ва тиҷорат шарти ҷудонопазири фаъолиятииқтисодиёти бозорӣ мебошад.

Махсусан, дар замони муосир рушди захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иттилоотӣ-технологии рушди сайёҳӣ ҳамчун асоси илмӣ аҳамияти махсус пайдо намудаанд. Ба ҳисоб гирифтани захираҳои иттилоотӣ-технологии сайёҳӣ имконият медиҳад, ки каналҳои нав ва беҳтари пеш бурдани корхонаҳои индустрияи сайёҳӣ пайдо карда мешавад, ҳамчунин муайян карда шавад, ки сайёҳон аз ҷиҳати иттилоотӣ, вобаста буданашон аз пешгӯӣ ва шаклдиҳии талаботи истеъмолкунандагон огоҳ шаванд.

Тавре ба мо маълум аст, мувофиқи консепсияи рушди устувори сайёҳӣ зарур аст, то натанҳо барои рушди сайёҳӣ шароити мусоид таъмин карда шавад, ҳамчунин бояд мониторинги раванди мазкур гузаронда шавад. Зарур аст, ки натиҷаҳои манфӣ кам карда шаванд ва таъсири мусбӣ ба таври пурра таъсирнок истифода шавад. Рушди таъсирноки сайёҳӣ ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣбояд бо истифодаи дурусти захираҳои сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ равона шуда бошад.

***Аҳамияти инфрасохтори сайёҳӣ дар ҷамъияти маҳаллӣ.*** Мақсаду мароми асосии ташкилоти ҷамъиятии маҳаллӣ ин ҷалби аҳолӣ ба кори муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиию фарҳангӣ, ташаккули афкори ҷомеа дар ин самт ва сайёҳӣ, мусоидат намудан ба инкишофи қобилияти роҳбарӣ ва ташаккули шахсияти аъзоён (марду зан), бо воситаи чорабиниҳои хурд дар ҳаҷми варзишию фарҳангӣ, тавлиди даромад, эҳё ва фурӯши маҳсулоти худӣ, муаррифии табиати биҳиштосо, таъриху тамаддун, фарҳанги миллӣ, меҳмоннавозӣ ва пешкаши таомҳои миллӣ ба сайёҳон мебошад. Сайёҳӣ дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ ташкилёфта натанҳо барои рушди инфрасохтор, истифодаи дурусти сарватҳои табиию маданӣ, ҳамчунин рушди иқтидори инсонӣ дар маҳал вакишвар мусоидат мекунад. Чунончи, дар натиҷа қобилиятҳои роҳбарӣ ва ташкили гурӯҳҳои шахсони ҳамфикр, ки дар ташкили маҷмӯи чорабиниҳоихурди варзишию фарҳангӣ, баланд кардани дараҷаи тахассусӣ иштирок менамояд.

Дар оғоз ва пешбурди ташкилоти ҷамъиятии маҳаллӣ чуноне, ки қайд намудем, координатор (менеҷер) лозим мебошад. Координатор бояд ҳамроҳи ҷамъият фаъолиятро ба роҳ монда, аъзоёнро омӯзонад ва аз онҳо низ худаш биомӯзад ва дар рафти амалӣ гардонидани вазифаҳо на ин ки ҳамчун назоратчӣ бошад, балки бевосита худаш иштирок намуда ба аъзоёнаш боварӣ намояд.

Инфрасохторе, ки фаъолияти пурраи низоми иқтисодии мамлакатро таъмин мекунад, аз инфрасохтори ба рушди иқтисод равонакардашуда фарқият дорад, ки имкон медиҳад, то «сифати нав»-и тараққиёти иқтисодӣ дар

бахши истеҳсолӣ дар шароитҳои муосир ба даст оварда шавад. Низоми муайяни иқтисодӣ метавонад инфрасохтори ба ҳадди имкон рушднамуда дошта бошад, ки фаъолияти онро таъмин мекунад, аммо ин маънои ҳатман ба рушди худи низоми иқтисодӣ оварда расонидани инфрасохторро надорад.

Агар дар бораи аҳамияти инфрасохтори сайёҳӣ дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ сухан намоем, мебинем, ки инфрасохтор сабаби пайдо шудани дестинатсияҳои нав мегардад. Дестинатсияҳои сайёҳӣ бошад дар навбати худ ба пайдо шудани инфрасохтори нав ва ҷалби сармоягузорӣ оварда мерасонад. Инчунин ҳангоми баҳо додани иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионии маҳал мувофиқати захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва шароитҳои маҳалҳои шаклашон каркаси рост, масоҳатӣва бандӣ ба назар гирифта шаванд.

Тавре мо дар бобҳои пешин гуфта будем, инфрасохтори сайёҳӣ – ин комплекси дорои се зина мебошад, ки аз инфрасохтори истеҳсолӣ, корхона ва ташкилотҳои дар таъмини фаъолияти сайёҳӣ ва корхонаҳои индустрияи сайёҳӣ иштироккунанда мебошанд: Инфрасохтори меҳмонхонавӣ, инфрасохтори туроперейтинг, инфрасохтори махсусгардонидашудаи нақлиёт, инфрасохтори таълимӣ, инфрасохтори иттилоотӣ, инфрасохтори илмӣ, корхонаҳои истеҳсоли молҳои талаботии сайёҳӣ, инфрасохтори махсусгардонидашудаи тиҷоратӣ. Таснифоти инфрасохтори сайёҳӣ вобаста ба се зинаи номбаршуда дар адабиёти илмӣ васеъ тавзеҳ ёфтааст.

Рушди маҷмӯӣ ва беҳтар гардонидани инфрасохтори маҳаллии сайёҳӣ – ин фаъолияти ба амалӣ гардонидани чораҳои ба рушди мувофиқгардонидашудаи элементҳои он, ташкили муҳити ҷолиби сармоягузорӣ, ташкили комплекси маҳаллии рақобатпазир, координатсияи идораву ташкилотҳои давлатӣ ва сохторҳои хусусии соҳибкорӣ, паси сар кардани монеаҳои минтақавӣ таъмини истифодаи таъсирноки захираҳои сайёҳӣ равона карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти аксари олимон инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун низоми мураккаби воҳидҳои бо ҳам муносибат дошта нишон медиҳад, ки зербанди индустрияи сайёҳӣ мебошад. Аз рӯйи ақидаи олими мазкур инфрасохтори

сайёҳӣ комплекси иншоот ва шабакаҳо аҳамияти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ дошта мебошанд, ки барои фаъолият кардани соҳаи сайёҳӣ хизмат мекунанд. Инфрасохтори сайёҳӣ ҳиссаи ногузири индустрияи сайёҳӣ буда, дар таркиби он ду воҳид нишон дода мешавад. Воҳиди якум – индустрияимеҳмоннавозӣ, ки ба он ҷо корхонаҳои хизматрасонии ҷойгиркунӣ ва хӯрокхӯриро пешниҳод мекунанд. Воҳиди дуюми индустрияи сайёҳӣ инфрасохтор мебошад, ки низоми сезинаро ташкил медиҳад. Зинаи аввали он инфрасохтори истеҳсолӣ - маҷмӯи бино ва иншоот, низоми нақлиётӣ, низомҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бевосита тааллуқ надоранд, аммо бароитаъмини онҳо муҳим мебошанд: нақлиёт, алоқа, энергетика, хоҷагии коммуналӣ, молия, суғуртанамоӣ, бехатарӣ.

Зинаҳои дуюм ва сеюми инфрасохтори сайёҳӣ корхона ва ташкилотҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита дар фаъолияти сайёҳӣ ташкили маҳсулоти сайёҳӣ иштирок менамоянд. Ба зинаи дуюм сохторҳое дахл доранд, ки бе сайёҳон низ фаъолият карда метавонанд, аммо фаъолияташон ҳангоми дар ҷойҳои ҷойгир шудаашон мавҷуд будани сайёҳон васеъ мегардад. Ин корхонаҳои иҷораи автомобил, таксопарк, кафе ва тарабхонаҳо, клубҳои спортӣ, осорхона, ва кинотеатр, залҳои намоишӣ, сиркҳо, боғи ҳайвонот, казинова ғайра.

Инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун комплекси инфрасохтории минтақа вазифаҳои таъминкунанда, интегратсионӣ ва танзимкунандаро иҷро мекунад. Вазифаи таъминкунанда ташкили шароитҳои зарурӣ барои ташкили системаи хизматрасонии сайёҳон, интегратсионӣ – ташкил ва нигоҳ доштани алоқаҳо байни корхонаҳои соҳаҳои маҳсулоти истеъмолӣ, ташкил кардани маҷмӯаҳои территориявии сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад. Вазифаи асосӣ – танзимкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ дар иқтисодиёт мебошад: ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъсир ба талаботи истеъмолӣ, рушди соҳаҳои маҳсулоти истеъмолӣ бароваранда, ба баланд гаштани дараҷаи дохилшавиимаблағҳои андозӣ ба буҷаҳои дараҷаҳои гуногун таъсир мекунад.

Инфрасохтори рушдёфта на танҳо захираи сайёҳиро таъмин мекунад,

балки роҳат будани сайёҳро дар ҷойи ташрифориаш дестинатсияро таъмин мекунад.

Тавре қайд карда будем, мафҳуми инфрасохтори сайёҳӣ ба таври гуногун муайян карда мешавад, ки ин зарурати гузаронидани таҳлили танқидии дефинитсияҳоро ба вуҷуд меорад, дар адабиёти махсус мафҳуми сайёҳӣ ҳамчунин соҳаи хизматрасонӣ ба як мафҳуми ҷудогона муттаҳид гардида нашудааст. Барои минтақаҳо мавҷуд будани захираҳои сайёҳӣ (табиӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки объектҳои намоиши сайёҳиро ташкил медиҳанд, ҳамчунин дигар объектҳо метавонанд талаботҳои маънавии сайёҳонро қонеъ намоянд, барои барқароршавӣ ва беҳтар гаштани қуввати ҷисмонии онҳо мусоидат кунанд) қисми таркибӣ ва муҳими индустрияи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати саривақт ташаккул ёфтани инфрасохтори сайёҳӣ аз худ кардани захираҳои сайёҳӣ, ҷолибияти онҳо зиёд карда мешаванд, дастрасӣ барои сайёҳон, ғунҷоиши ҳудуд (бе зарар ба муҳити атроф), таъсири номусоиди шароитҳои табиӣ-иқлимии минтақа ҷуброн мешавад, ҳамчунин ҷараёни сармоягузориҳо зиёд мешавад. Инфрасохтори сайёҳӣ ва меҳмондорӣ низоми мураккаб буда, аз воҳидҳои гуногун – корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои гуногунташкил ёфтааст, ки дар натиҷаи мураккабии худ объекти роҳбарии минтақавӣ мебошад. Рушди баробари воҳидҳои он танҳо дар ҳолати танзими марказонидашуда имкон дошта, воситаҳои он барномаҳои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки сухан дар бораи муайян кардани таркиби инфрасохтори низоми минтақавии сайёҳӣ ва меҳмондорӣ ҳамчун объекти роҳбарии минтақавӣ меравад, ки аз тарафи ташкилотҳои оморӣ назораткарда мешаванд.

Инфрасохтор барои фаъолият кардани иқтисодиёти миллӣ аҳамияти калон дошта, қисми ногусастании он ба ҳисоб меравад. Дар давраи муосири рушди иқтисодиёти Тоҷикистон нақши инфрасохтор дар иқтисодиёт зиёд шуда истодааст ва раванди такмилгардонии он идома меёбад[38]. Истифодаи

---

[38] Мирбобоев, Ф.Н. Проблемы развития сферы туризма в Республике Таджикистан/ Ф.Н.Мирбобоев// Таджикистан и современный мир. - 2019.-№2(65).-С.26-34.

дурусти воҳидҳои таркибии инфрасохтор суръати мусбии рушди нишондиҳандаҳои макро ва мезоиқтисодӣ на танҳо иқтисоди мамлакат, ҳамчунин минтақаҳои алоҳидаи он мебошад.

Воситаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар ҶТ ҳоло барномаҳои давлатӣ мебошанд, ки бартарияташон имконияти ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, сохторӣ-ташкилӣ, техникӣ ва дигар масъалаҳо мебошанд.

Ҳангоми ба фаъолият даровардани объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ масъалаи ҷойгиркунии дурусти онҳо мубрам мебошад. Масъалаи дигар, ки ба минтақаҳои нисбатан аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда хос аст. Оё аз инфрасохтори мавҷуда истифода намуда, тараққӣ додани тиҷорат имкон дорад, ё ин ки инфрасохтори нав сохтан зарур аст? Дар ин маврид баҳо додани миқдори объектҳои инфрасохторӣ, имкониятҳои он доир ба қонеъ намудани талаботи интизорбуда (имконпазир) муҳим ба назар мерасад. Масъалаҳои ташкилӣ-идоравӣ диққати махсусро талаб мекунанд. Тамоми чораҳои ба рушди фаъолии сайёҳӣ-экскурсионии аҳолӣ, аз худ кардани маҳалҳои нави сайёҳӣ, бо мақсади истироҳат ва сайёҳӣ истифода намудани ёдгориҳои таърихӣ, маданӣ, меъморӣ танҳо дар ҳолати мавҷуд будани манфиат ва дастгирӣ аз ҷониби ин ё он сохторҳои мақомоти маҳаллӣ, идораҳои фарҳангӣ, маориф ва ғайра ба амал татбиқ карда мешаванд. Дар ин асно бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон назар ба дигар мамлакатҳои ИДМ суст рушд менамояд. Сабаби асосӣ, ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ набуда, аз нуфузи мамлакатамон дар дунё ҳамчун мавзеи сайёҳӣ вобастагӣ дорад. Сайёҳонро ба ҷумҳурӣ на танҳо объектҳои сайёҳӣ ҷалбмекунанд, балки маҳз паст будани арзиши пакети сайёҳӣ барои як сайёҳ боиси диққати сайёҳон ба мамлакати мо гардидааст. Новобаста аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сайёҳӣ барои намудҳои гуногуни сайёҳӣ мувофиқ буда, дар миёни мамлакатҳои ИДМ маъруфият дорад, қисми зиёди сайёҳон, ки метавонистанд сайёҳат ба мамлакати моро интихоб кунанд, оид ба имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон маълумот надоранд. Барои ҳалли ин мушкилӣ дар баробари равнақу рушд додани соҳаҳои хизматрасонӣ дар бахши сайёҳӣ, ташаккул намудани сохтори

нави индустрияи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ ва рушди инфрасохтор, ба назар гирифтани инфрасохтори иттилоотӣ ва тарғибу ташвиқ намудани мамлакатамон дар хориҷи кишвар зарур мебошад. Дар натиҷаи ба роҳ мондани низоми маркетинг дар соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ миқдори сайёҳон зиёд шуда, талабот ба маҳсулоти сайёҳӣ меафзояд. Ин бошад ҳамзамон, ба ташкил гаштани корхонаҳои нав, беҳтар гардонидани инфрасохтори мавҷуда ва пурра истифода шудани иқтидори инфрасохтории мамлакат оварда мерасонад.

***Омилҳои таъсиррасон ба рушди сайёҳӣ.*** Тавре маълум гардид, ба таркиби инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси ҷамъяити маҳаллӣ маҷмӯи корхонаҳое дохил мешаванд, ки барои қонеъ намудани талаботи сайёҳӣ – инфрасохтори истеҳсолӣ хизмат мерасонанд, инчунин корхонаҳое, ки бевосита талаботҳои сайёҳонро қонеъ менамоянд: инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ. Ба рушду такмил ёфтани инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин инфрасохтори дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ ташкилёфта, як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки ҳангоми бунёд намудани мушкилӣ рушди устувори инфрасохторро боз медоранд.

Ба онҳо дохил мешаванд:

- омилҳои умумииқтисодӣ ва дорои хусусияти умуминизомӣ;
- маблағгузории инфрасохтори сайёҳӣ, масъалаи моликият, норасоии иқтидори инфрасохтори сайёҳӣ;
- нобаробар рушд кардани минтақаҳо;
- махсусияти соҳавӣ (мавсимӣ будани истифодаи объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ; ба бахши муайян самт гирифтан; баланд гаштани талабот ба бехатарии технологӣ, экологӣ, шахсӣ ва ғайра);
- омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (вайрон кардани шакли таърихии минтақа; нигоҳдории фарҳанг ва анъана);
- омилҳои экологӣ (дуруст нагирифтани инфрасохтори минтақа бо дараҷаи ғунҷоиши минтақа; дар марказҳои сайёҳӣ баланд гаштани сарбории омили антропогенӣ ва ғайра).

Ин масъалаҳо ба даромаднокии сайёҳии дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ

ташкилёфта таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамзамон, мушкилии асосӣ дар паст шудани даромаднокии сайёҳӣ набуда, маҳз низоми инфрасохтор ва индустрияи ҷумҳуриро аз пуррагии сохторӣ маҳрум мекунад.

Омилҳои ташаккул ёфтани дестинатсияи сайёҳӣ омилҳои сайёҳии захиравӣ, аз ҷумла мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ, мавҷудият, вазъият ва дастрасии захираҳои сайёҳӣ, ғунҷоиш, қобилияти истеҳсолӣ, нодирият муҳим мебошанд.

Маҷмӯи омилҳои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ дар доираи минтақа ба шакли зерин муттаҳид намуда мешавад:

1. Омилҳои умумӣ – суботи сиёсӣ дар минтақа, ҷолибияти инвеститсионӣ, иқлими молиявӣ, ҳолати экология, интернатсионализатсияи минтақа;

2. Омилҳои маъмурӣ – сиёсати нисбати сайёҳӣ қабулшудаи минтақа, сохтори мақомоти идораи сайёҳӣ, санадҳои қабулшудаи меъёрӣ, фаъол будани мақомоти идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ оид ба рушди сайёҳӣ.

3. Омилҳои маркетингӣ – машҳур будани дестинатсия (минтақа, маҳал), нуфуз ва репутатсия (ҳудуд), мавҷуд будани бренди минтақави (маҳаллӣ)-исайёҳӣ, рушди бозори хизматрасониҳои маркетингӣ.

Дар миёни гурӯҳбандии омилҳо, ҳангоми ба низом даровардани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба иқтидори захиравии сайёҳӣ дар сатҳи минтақа таъсир мекунанд, ҷудо намудани маҷмӯи омилҳои индустрияи сайёҳӣ ва омилҳои инфрасохтори сайёҳӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ин омилҳо шароитҳоеро инъикос менамоянд, ки дар онҳо иқтидори захиравии сайёҳӣ ташаккул меёбад. Ин омилҳо метавонанд ба рушди босубот, ё ин ки баръакс боз доштани инкишофи иқтидори захиравии сайёҳӣ оварда расонанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар баҳо додани рушди сайёҳӣ дар минтақа (ҳудуд, маҳал) ин гурӯҳи омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Дастрасии истеъмоли захираҳои сайёҳӣ аз ҷиҳатҳои гуногун аз сифати хизматрасонии нақлиётии сайёҳон вобастагӣ дорад. Имрӯз дар Тоҷикистон муттаҳидияти низоми нақлиётӣ вуҷуд надорад, ки махсусан сайёҳиро

хизматрасонӣ кунад; талабот ба кашондани аҳолӣ тавассути талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ оид ба намуди муайяни нақлиёт бо дарназардошти рақобати корхона ва ширкатҳои сайёҳӣ ба танзим даровaрда мешавад. Дараҷаи истифодабарии воситаҳои нақлиёт ҳангоми сафарҳои сайёҳӣ аз рейтинги попул: маҳбубият, паҳшнавӣ, рушд ёфтани низоми нақлиётӣ, намуди сафар ва дарозии хатсайр, некӯаҳволии мардум, анъанаҳои миллӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

Тағйиротҳои калонтаринро дар асри гузашта нақлиёти автомобилии сайёҳӣаз сар гузаронд. Аз ҳисоби тағйироти шакли моликияти корхонаҳои сайёҳӣ, он дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ мақоми нақлиёти мустақими сайёҳиро аз даст дода, нақлиёти автомобилӣ истифодаи умум гашт. Ба ақидаи мо, ин раванди объективие буд, ки бо як бор паст шудани талабот ба сафарҳои сайёҳӣ алоқаманд буд ва ин корхонаҳои барои нигоҳ доштани заминаи моддӣ-техникии худ дигар роҳе надоштанд. Ҳоло дар мамлакати мо истеҳсоли автобусҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатари сайёҳӣ вуҷуд надорад. Ширкатҳои калони сайёҳӣ ва нақлиётӣ тадриҷан парки автобусу мошинҳои шахсии муосирро месозанд, ки моли хориҷӣ мебошанд. Дигар ширкатҳо бошад хизматрасонии корхонаҳои нақлиёти автомобилиро дар асоси иҷора ё фармоишҳои якдафъагӣ истифода мебаранд. Намудҳои гуногуни лизинг низ ҳоло дар ин соҳа авҷ гирифта истодаанд. Дар ин асно, омӯзиши инфрасохтори нақлиёт ва меҳмонхонаҳо аҳамияти хос дорад, зеро ки онҳо омилҳои муайянкунандаи афзоиши ҷараёни сайёҳӣ ба минтақа ва мамлакат мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ қисми муҳими инфрасохтори нақлиётиро роҳҳои автомобилгард ва шабакаҳои роҳҳои оҳан ташкил медиҳанд. Дар рушди инфрасохтори роҳҳо аҳамияти иерархияи дузинагӣ дар Тоҷикистон, ки аз роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошад, аз ҳад зиёд танг буда, аксарияти ҳолатҳо дар фарқ кардани синфҳои роҳҳо бо функсияҳои онҳо дар иерархияи мавҷуда номумкин мегардад. Классификатсияҳои гуногуни роҳҳо ва аз ҳам фарқ кардани онҳо вобаста ба ҳуқуқ ба моликият мавҷуд аст. Дар натиҷа низоми роҳҳо ташаккулнаёфта буда, ҳангоми банақшагирӣ, сохтмон,

маблағгузаронӣ ва таъмини роҳҳо мушкилӣ бунёд мекунад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки вобаста ба набудани таъмир қисми зиёди роҳҳои маҳаллӣ (85%) ва дохилиминтақавӣ (95%) дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд, ҳол он ки таъмини роҳҳои ба автомагистралҳои калон баранда бо сабаби норасоии маблағгузорӣ дер- дер гузаронида мешаванд. Новобаста аз муҳим будани роҳҳои автомобилгард дар шабакаи роҳҳои Тоҷикистон идора ва таъмини ин роҳҳо дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад[39]. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини роҳҳои нав харҷи зиёд намояд ҳам, низоми вуҷуддошта ба қадри кофӣ қаноатбахш нест. Давлат тавассути Вазорати нақлиёт молики роҳҳо ва иншоотҳои роҳ буда, онҳоро идора мекунад, лоиҳакашӣ менамояд, ҳамзамон бо таъмини онҳо (вазифаи пудратчиро ҳангоми иҷрои корҳо амалӣ менамояд), ки яке аз сабабҳои самарабахш набудани низомимавҷудаи идораи активҳои роҳӣ мебошад.

Инчунин дар Тоҷикистон муносибатҳои операторони сайёҳӣ ва корхонаҳое, ки роҳи нақлиёт ба таври қонунӣ ба танзим дароварда нашудаанд, меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқии нақлиёти сайёҳӣ ба санадҳои меъёрии миллӣ бапуррагӣ мувофиқ набуда, ҳамзамон ҳуқуқҳои сайёҳонро вайрон мекунанд.

Аксари таҳқиқотчиёни инфрасохтори сайёҳӣ дар як масъала ҳамфикр мебошанд: ба таркиби инфрасохтори сайёҳӣ пеш аз ҳама, маҷмӯи меҳмонхона ва дигар воситаҳои ҷойгиронӣ дохил шуда, сипас маҷмӯи воситаҳои нақлиёт, объектҳои хӯроки умумӣ, объект ва воситаҳои истироҳат ва ғайра дохил мешавад. Бояд қайд кунем, ки агар ҷойгиронӣ набошад, он гоҳ сайёҳии ташкилёфта низ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ ба сохтори инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун ба гурӯҳҳои асосии хизматрасонӣ ва объектҳои хизматрасонӣ баҳо медиҳем.

Воситаҳои ҷойгиркунии сайёҳон – ин инфрасохтори сайёҳӣ ва ҳам корхонаҳои муайяни сайёҳӣ (меҳмонхона, хонаҳои истироҳатӣ, котеҷ ва

[39] Раджабов, Р. К. и др. Моделирование макроэкономики [Текст] Монография/ Р.К. Раджабов, В.А. Корнев, А.А. Макенов, О.В. Морозова, С. Зубайдов. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 293 с.; Раджабов, Р. К. и др. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития [Текст] / Р.К. Раджабов, Х.Н. Факеров, М. Нурмахмадов, М.Х. Саидова. – Душанбе: Дониш, 2007. – 544 с.

ғайра) мебошанд. Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳар як объекти инфрасохтори сайёҳӣ – корхонаи соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Маълум мегардад, ки дараҷаи пасти рушд ба сохторҳои меҳмонхонавӣ, миқдори зарурии меҳмонхонаҳо ба таъмини бароҳатӣ, баланд шудани нархи хизматрасониҳо ба сайёҳон сабаб мегардад.

Барои бартараф намудани мушкилиҳои номбаршуда якчанд чораҳоро андешидан мумкин аст, аз ҷумла: ба амал овардани механизмҳои ташкилӣ-иқтисодие, ки сармоягузориро ба объектҳои инфрасохтори меҳмонхонавӣ зиёд мекунад, баланд кардани маҳсулоти минтақавии сайёҳӣ, зиёд намудани воридшавии сайёҳӣ (аз ҷумла сафарҳои такрорӣ), баланд бардоштани таъсирнокии фаъолияти корхона ва ташкилотҳои инфрасохтори сайёҳӣ.

Таҳқиқоти гузаронида имкон медиҳад, то хулоса намоем, ки дар доираи барномаҳои рушди сайёҳӣ ва деҳот, инчунин барномаҳои гуногуни маҳаллии рушд, зарур аст, то маҷмӯи чорабиниҳо оид ба инфрасохтори ҷойгиркунии сайёҳон дар маҳалҳо, ташкили шароитҳои иқтисодӣ барои ҳавасмандгардонии суръати рушд маҳз ҳамин сегменти инфрасохтори сайёҳӣ ба фаъолият дода шаванд.

Исбот гардидааст, ки яке аз самтҳои ояндадори ташаккули инфрасохтори меҳмонхонавӣ дар маҳалҳои Тоҷикистон ташкили тиҷорати шабакавии ҷойгиркунии аҳолӣ, шабакаҳои миллию байналхалқии меҳмонхонавӣ мебошад. Ин имкон медиҳанд, то механизмҳои муосири сармоягузорӣ, ташкили шароитҳои мувофиқи интегратсия бо дигар иштирокчиёни бозори сайёҳии маҳал, ташкили дестинатсияи сайёҳӣ, аз рӯйи принсипҳои кластерикунони ба роҳ мондани тиҷорати сайёҳӣ дар маҳалҳо ба амал оварда шаванд. Барои рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ дар инфрасохтор, ҷойгиркунонӣ дар маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон се омили асосиро ба назар бояд гирифт:

1) таъмини рушди босуботи маҳал;

2) ташаккул ёфтани симои муайяни сайёҳии ҷамъияти маҳаллӣ;

3) муайян гаштани самтҳои асосии шабакаҳои таъмини

ҷойгиркунии сайёҳон.

Ташаккули муносибатҳои инноватсионӣ ба рушди баробар ва такмили инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақа ҳамчун комплекси ягона ва заминаи татбиқи дурусти захираҳои сайёҳӣ мебошад. Шартномаҳои муваққатии мавсимӣ метавонанд ҳалли инноватсионии масъалаҳои хизматрасонӣ ва рушди корхонаҳо ва объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ гарданд. Бо шартҳои ШММ шарики бахши хусусӣ объекти инфрасохторро ташкил медиҳад ва онро дар муддати давраи ҳаётӣ аз рӯйи шартҳои шартнома нигоҳ медорад, давлат ҳамчун шарик ба шарики бахши хусусӣ давра ба давра маблағ пардохт мекунад, дар ҳолате, ки охирин шартҳои шартномаро иҷро намояд, пардохтҳо аз истеъмолкунандагони давраи охирин гирифта намешаванд. Муайян гаштааст, ки барои фармоишгар афзалиятнок ҳолате мебошад, ки ҳамаи ҷараёнҳои молиявии беруншаванда, пас аз ба истифода додани объекти шартнома, пардохти кор муайян мебошад. Сарфаи умумии давлат аз ворид намудани ШММ 30% мебошад. Иҷрокунанда худаш барои қарорҳое, ки ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаи дарозмуҳлат қабул намуда буд, худаш ҷавоб медиҳад.

***Инфрасохтори молиявӣ.*** Оид ба аҳамияти хизматрасониҳои бонкӣ ва молиявӣ низ якчанд нуқтаро қайд кардан ба маврид аст. Тараққӣ ёфтани сайёҳӣ дар навбати худ ба васеъ гаштани фаъолияти бонкӣ оварда мерасонад. Барои соҳаи сайёҳӣ омили таъмин кардани филиалҳо бо ҳуқуқи амалиётҳои байналмилалии асъорӣ ва имконияти хизматрасонӣ ба мизоҷони дорои картаҳои пластикии низомҳои пешрафта ва паҳншудатарин хеле муҳим мебошад. Пеш аз ҳама, ин барои марказҳои ноҳияҳои дурдаст мубрам мебошад, зеро аксари дестинатсияҳои сайёҳӣ, махсусан сайёҳии дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ ташкилёфта аз марказҳои маъмурӣ ва молиявии минтақа дур ҷойгир шудаанд.

Рушди сайёҳӣ метавонад омили ҷиддии дастгирии маҳалаҳои иқтисодиёташ суст тарақикарда, «ба такопӯ даровардани» шаҳру ноҳияҳои дурдаст гардад. Аммо дар баробари ин набояд фаромӯш намуд, ки ҳангоми

муносибати дутарафаи аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳон мушкилиҳо вуҷуд дошта метавонанд. Ҳар ду гурӯҳ асосан дорандагони маданиятҳои гуногун мебошанд, ғайр аз ин аҳолии маҳаллӣ он ҳолатеро, ки онҳо бо кор ва ҳалли мушкилиҳои рӯзмарра машғуланд, сайёҳони воридшаванда истироҳат мекунанд, сайру сайёҳат мекунанд ва маблағ сарф менамоянд.

***Инфрасохтори иттилоотӣ*** низ дар ташаккули сайёҳӣ нақши босазо дорад. Ташаккул ёфтани инфрасохтори босифати иттилоотӣ масъалаи бениҳоят муҳим мебошад. Хизматрасониҳои иттилоотӣ ҳам барои сайёҳ ва ҳам барои ташкилкунандагони сайёҳӣ зарур мебошанд. Нақши калон албатта ба воситаҳои электронии маълумот, пеш аз ҳама шабакаи интернет мебошад, ки дар шабакаҳои худ маҳалу ноҳияҳо метавонанд тасвири ботафсили марказҳои сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҷойҳои тамошобоб, ташкили сайёҳатҳои виртуалӣ, аз ҷумла бо осорхонаҳои тематики маҳалро пайдо кунанд. Шакли нави рушди сайёҳӣ ташкили марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, ки маълумотҳои гуногун оид ба сафарро ба сайёҳони ташрифоваранда ва ташаккули баръакс бо бозори сайёҳӣ ташкил медиҳад. Дар шароити ташкил намудани сайёҳии дар асоси ҷамъияти маҳаллӣ ташкилёфта аҳамияти воситаҳо назар ба тамоми дигар намудҳои сайёҳӣ зиёдтар ҳисобида мешавад. Махсусан, мавзеъҳои ташкили ин намуди сайёҳӣ аксар вақт аз марказҳои ноҳияҳо дур мебошад, ба сайёҳон пешаз сафар намудан ба он ҷойҳо кафолати сифати баланди хизматрасонӣ, вобаста аз объектҳои сайёҳӣ ташкили хатсайри фардӣ, инчунин барои расидан ба ҷойҳо роҳбаладӣ зарур мебошад. Инфрасохтори иттилоотӣ – ин маҷмӯи хизматрасониҳои базавии иттилоотӣ, низомҳои ҳисоббарор, низомҳои нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот, ки асоси фаъолияти тамоми системаҳоихизматгузории иттилоотӣ мебошад. Барои пеш рафтани инфрасохтори минтақавии иттилоотӣ-телекомуникатсионӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Пеш аз ҳама, ин тараққиёти технологӣ, суръати рушди иқтисодиёти минтақа; сатҳи рақобат дар бозори минтақавии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ; равандҳои сармоягузорӣ дар минтақа, сохтори соҳавии минтақа, хусусиятҳои ҷойгиршавии географии

минтақа. Сармоягузорӣ ба соҳаи телекомуникатсия на танҳо дар рушди сохтории инноватсионии иқтисодиёти минтақа таъсир мерасонад, балки ҳамчун таъсири мусбӣ ба таъсирнокии истеҳсолоти минтақавӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ муайян карда мешавад. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ шаҳодат медиҳад, ки таснифи ин хусусияти сайёҳӣ дар кишварҳои пешрафта барвақт амалӣ гардида, самари он назаррас мебошад.

Сармоягузорӣ: ҳавасманд гардонидани рушди асоси моддии сайёҳӣ (воситаҳои ҷойгиронӣ ва инфрасохтор) бо роҳи ҷалб намудани сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ, аз он ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ барои барқарор кардан ва бунёди нави объектҳои сайёҳӣ омили муҳим мегарданд.

Дар асоси таҳлили механизмҳои худтанзимкунӣ ва банақшагирии хоҷагидорӣ моҳияти нави роҳи барномавӣ-мақсадноки роҳбарии иқтисодӣ ошкор гардидааст, ки дар он фаъолияти мақсадноки хоҷагидорӣ дар асоси фаъолияти тиҷоратӣ (гирифтани фоида) ба амал дароварда мешавад. Ҳамзамон роҳҳои ҷалб кардани иҷрокунандагон ва тақсими захираҳо бо принсипҳои ихтиёрӣ, озмун ва ҷолибияти тиҷоратӣ замина гузошта шудаанд. Аз ин ҷо ба хулосае метавон омад, ки барномагузории минтақавии рушди сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ки ҷолибияти зиёди сармоягузорӣ дорад зарур мебошад.

Рушди сайёҳӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ-сармоягузорӣ бояд бо амалҳои зина ба зина дар самти бартараф кардани омилҳои норозигии аҳолиро бавуҷудоваранда равона шуда, ташкили имкониятҳои нави баланд гардонидани сатҳи зиндагии мардум, нигоҳ доштан ва рушд додани сармояи инсонӣ оварда мерасонанд.

Дар таҷрибаи амалигардонии лоиҳаҳо, метавон низоми воситаҳоеро истифода намуд, ки ташкили омилҳои берунаи ҳавасмандгардонӣ ё шароит ва самтҳои ташкили имкониятҳои нав ба аҳолӣ таъмин намояд.

Рӯйхати барномаҳои рушди сайёҳӣ дар ҷамъяитҳои маҳаллиро ба таври дақиқ бояд баррасӣ намуд, ки он заминаи мусоидро дар рушди соҳаи муҳим ба миён меорад.

Ҳамкории байни давлат ва бахши хусусӣ имконияти ҳақиқие мебошад, ки имкон медиҳад, то маҳдудкунандаҳои буҷавӣ бардошта шаванд ва захираҳои буҷавӣ ба сармоягузорӣ табдил ёбанд.

Омилҳои маданӣ. Ба омилҳои мадании рушди сайёҳӣ қонеъ кардани талаботҳои таълимӣ ва зебоипарастӣ, ки ба майл кардани инсоният ба идрок, таҳқиқи ҳаёти анъанаҳо, маданият ва таърихи дигар кишвар ва халқҳо мусоидат мекунад. Ишора намудан зарур аст, ки майл кардан, ташкили намудҳои истироҳат ва қонеъ кардани талаботҳои фарҳангии худ вобаста бо мамлакатҳо фарқ мекунад. Масалан, қисми зиёди аҳолии Британияи Кабир (46%), Белгия (35%), Олмон (32%) истироҳатро дар назди баҳри гарм интихоб мекунанд; истироҳат дар шаҳрҳо: ҷопониҳо (51%), испаниҳо (33%), фаронсавиҳо (25%); сайёҳат ба кишварҳо бо мақсади истироҳат ва омӯхтани маданияти нав ба аҳолии Италия (41%) ва Фаронса (32%) хос мебошад. Бо мақсади ҳал намудани мушкилиҳои сайёҳии дар асоси ҷамъяитҳои маҳаллӣ ташкилёфта инфрасохторро бояд тавре ташкил намуд, ки он симои эстетикӣ ва анъанавии маҳалро вайрон накунад, зеро сайёҳон ба сайёҳии экологӣ, сайру сайёҳат ва сафар ба деҳот маҳз барои табиати зинда, ҳавои тоза, манзараҳои зебо ва табиӣ, инчунин шинос шудан бо ҳаёти мардуми таҳҷоии маҳалҳо рӯй меоваранд.

Пешрафти илмӣ-техникӣ. Дар айни замон ба туфайли ПИТ муддати сайёҳат намудан ба масофаи дур кам мегардад; стандартҳои хизматрасонии сервисӣ дар нақлиёт такмил дода мешавад, ки барои мусофирон бароҳаттар мегарданд; хатсайрҳои ҳавоии мустақим, магистралҳои баландсуръат (автомобилӣ, роҳи оҳан) пайдо мешаванд.

Ҳангоми ба сайёҳон хизмат расонидан технологияҳои муосири компютерии идоравӣ истифода мегарданд. Имкониятҳои шабакаҳои глобалии компютерӣ ва иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки раванди ташаккули соҳа афзун гардида, маҳсулоти сайёҳӣ барои мизоҷон дар муддати кӯтоҳи вақт бо дарназардошти тарифҳои гуногун ва низоми ҳавасмандгардониданимизоҷони доимӣ дастрас гарданд. Рушди ояндаи сайёҳӣ бе бунёди объектҳои нав ва

азнавбарқароркунии объектҳои мавҷуда аз рӯйи дастовардҳои охирини илм ва техника; баланд бардоштани маданият ва сифати хизматрасонӣ дар асоси саноатикунонӣ, технологикунонӣ ва компютерикунонии индустрияи сайёҳӣ; истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи моддӣ; татбиқи технологияҳои муосири хизмат расонидан ба сайёҳон номумкин аст.

Омилҳои инфрасохтории фаъолияти сайёҳӣ ва имкониятҳои рушди муҳити нақлиётӣ дар минтақа, технологияҳо ва алоқаҳои телекоммуникатсионӣ, маориф ва илм, бозори меҳнат, бозори молиявӣ ва бахши бонкӣ; нақлиёт, ҳамкории интегратсионии корхонаҳои сайёҳӣ (мавҷуд будани сохторҳои интегратсияшудаи иттиҳодияҳои сайёҳӣ, аз он ҷумла маҷмӯаҳои сервазифа; мавҷудият ва фаъолияти мутанзими иттиҳодияҳои худтанзимкунӣ дар соҳаи сайёҳӣ; ҳамкории фаъоли корхонаҳои сайёҳии шаклҳои гуногуни ташкилӣ- ҳуқуқӣ ва миқёси фаъолият (хурд, миёна, калон); интерегратсияи корхонаҳои сайёҳӣ ва соҳаҳои наздик ва намудҳои фаъолият; рушди сохтори В2В дар сайёҳӣ, аз он ҷумла сегменти таҳвилкунандагон ва истеҳсолкунандагони молҳо дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин бозори хизматрасонӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи сайёҳӣ; шабакаҳои воситаҳои ҷойгиронӣ, инфрасохтори гузаронидaниистироҳат.

Иқтидори инфрасохтори сайёҳӣ. Истифодаи самарабахши иқтидорҳои мавҷудаи моддӣ ва маънавӣ барои рушди соҳа роҳандозии хоссаро талаб менамояд. Таҳқиқотҳои самтҳои рушди методологии баҳо додани захираҳои имконпазири (потенсиалии) сайёҳӣ дар дараҷаи маҳаллӣ нишон доданд, ки дар айни замон ҷустуҷӯи илмии маҷмӯи роҳҳои баҳо додани иқтидор ва дараҷаи рушди сайёҳӣ дар ду ҷабҳа гузаронида мешавад. Аввалан, усули баҳо додани иқтидори намуди алоҳидаи захираҳои сайёҳӣ кор карда бароварда шуда, такмилмеёбанд. Дуюм, муносибатҳои методӣ ба баҳодиҳии интегралии рушди сайёҳӣ (потенсиали сайёҳӣ) дар дараҷаи маҳаллӣ ташаккул меёбанд.

Аммо, таҳлили инструментария ва таъминоти методии баҳо додани потенсиали сайёҳӣ ва рушди сайёҳӣ дар дараҷаи маҳаллӣ (минтақавӣ) имкон дод, ки дар таҷриба қисми зиёди омилҳои дар боло қайдгашта ба ҳисоб

гирифта намешаванд. Муаллифони методикаҳои дидабаромадашуда масъалаҳои баҳо додани омилҳои инфрасохтори рушди сайёҳӣ, ҳамчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дараҷаи минтақавӣ. Методикаҳои интегралии баҳо додани иқтидори сайёҳӣ ба баҳо додани маҷмӯи захираҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣоварда мерасонанд. Танҳо дар якчанд методикаҳо пешниҳод карда мешавад, ки базаи ҷойгиркунии сайёҳон баҳо дода шавад.

Муносибатҳои методикии баҳо додани намудҳои алоҳидаи захираҳои сайёҳӣ, пеш аз ҳама табиӣ, рекреатсионӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ кор карда бароварда шудаанд. Асосан методикаҳои пешниҳодгардида имконият намедиҳанд, ки потенсиали ин захираҳо ва талабот ба онҳо ва экскурсиантҳо, муқоиса кардани ин баҳодиҳӣ бо ҳудудҳо мувофиқ шавад.

Рекреатсия ҳамчун роҳи муайян кардани роҳи дурусти истифодаи захираҳои сайёҳӣ буда метавонад. Ин дар роҳбарӣ кардан дар ҷойҳои ташкили инфрасохтор таъсир менамояд (бо дарназардошти нигаҳдошти иқтидори пешина, табиати зинда). Консепсияи рушди устувор имконият медиҳад, ки ихтилофоти зиёдшавандаи талаботҳои сайёҳон қонеъ карда шавад, ки ба рушди шиддатноки сайёҳӣ, миқдори маҳдуди захираҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дестинатсияҳои қабулкунанда дар шароити бад шудани ҳолати экологӣ боис нагардад. Таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ- рекреатсионӣ ба гурӯҳи масъалаҳои якумдараҷаи таҷрибаи ҷаҳонии идораи сайёҳӣ дохил мешавад. Консепсияи рушди устувори индустрияи сайёҳӣ аз рӯйи идеологӣ бо оптимизатсияи истифодаи сайёҳӣ-рекреатсионии табиат, ки дар муносибати комплексии системавӣ ба баҳо додани иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуд ва интихоби модели истифодабарии таъсирноки он замина ёфтааст.

Бидуни дастгирии давлат тиҷорати сайёҳии ватанӣ мушкилиҳои ҷиддӣ аз сар мегузаронад. Бизнеси сайёҳӣ бояд дар гирифтани кредит бо шартҳои мувофиқ дар хатҳои савдои яклухт, пеш бурдани маҳсулоти сайёҳӣ, аз ҷумла берун аз мамлакат имконият фароҳам оварда шавад. Зеро ки бозорисайёҳӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки барои чуқур гаштани бухрон оварда мерасонанд. Аввалан, бозор нисбатан ҷавон буда, ҳоло давраи такшилёбии

сохториро нагузаштааст. Ба он дараҷаи пасти капитализатсия ва ҷангҳои давомкунандаи демпинговӣ барои дестинатсияҳои хурд давом мекунанд, ки ин шароити на он қадар содаи паст шудани талабот ба сайёҳатро бадтар мекунанд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ муттаҳид гардонидани сохторҳои давлатӣ ва тиҷорати хусусӣ ҳамчун механизме таъсирбахш мебошад, ки тавассути он рушди натанҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ, балки баланд гардонидани инфрасохтори ҳудуди муайян, ҳамчунин беҳтар намудани соҳаи иҷтимоӣ, ки қисми таркибии минтақаи рушдкунанда мебошад. Ҳамчунин, заминаи рушди ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат сабабҳои дуруст будани истифодаи он ба самтҳои асосии танзими давлатӣ-хусусии сиёсати сайёҳӣ муайян карда шудаанд: (Ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон, манфиатҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти сайёҳии ватанӣ, дастгирии ҳаматарафаи сайёҳии дохилӣ ва берунӣ) ва шаклҳои чунин дастгирӣ (сармоягузориҳо ба ташаккулёбии инфрасохтори сайёҳӣ равонашуда, хароҷот барои тайёр намудани кадрҳо, таъмини илмӣ-иттилоотии пеш бурдани маҳсулоти миллии сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонӣ, паст кардани имтиёзҳои андозӣ ва боҷи гумрукӣ, ки вориди сармоягузориро таъмин мекунад, рушди сайёҳии дохилӣ ва беруна).

Воситаҳои роҳбарии ташкилӣ-иқтисодии механизмҳои давлатӣ-хусусӣ дар минтақа ба ҳисоб мераванд: воситаҳои барномаи мақсаднок: барномаҳои сармоягузории, лоиҳа ва бизнес-планҳо, механизмҳои ташкили муҳити мувофиқи сармоягузорӣ, паст кардани гаронии андоз, ҳавасмандгардонии сармоягузоригардонии дубора ва ғайра мебошад. Барои ташкили инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақа дар асоси ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат мақсаднок аст, то тавассути консепсияи минтақавии иқтисодӣ, сиёсати сайёҳии ҷамъияти маҳаллӣ ба амал оварда шавад.

Иқтисодиёти инноватсионӣ ва самтҳои сиёсати минтақавии инноватсионӣ, ки равишҳои нави баҳо додани ҷои иқтисодии минтақаро на танҳо тавассути нишондиҳандаҳои умумии фаъолияти корхонаҳояш баҳо медиҳад, балки тавассути ба қайд гирифтани кластер ва лоиҳаҳои

инноватсионӣ-сармоягузорӣ дар асоси ҲБХД (ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат) мавҷуд буда ва аз нав ташаккулёбанда дар бар мегиранд.

Дар низоми омилҳои рушди маҳалҳо бартариятҳои рақобатпазири локалӣ, ки хусусиятҳои устувор дошта, аз шароитҳои беруна вобаста нестанд.

Ҳолати бехатарии иқтисодии минтақа аз рӯйи нишондиҳандаҳои маъмули фаъолияти низоми иқтисодӣ муайян карда мешавад. Берун аз онҳо низом имконияти рушди устуворро аз даст медиҳад. Сохтори хоҷагии минтақавӣ, базаи технологии истеҳсолоти саноатӣ, ҳолати объектҳои инфрасохтор, таъмини шароити зиндагӣ ва рушди шахсият, ки барои аксарият қобили қабул бошад. Инфрасохтори иттилоотӣ ба бехатарии ҳудуд бевосита таъсир мерасонад. Аз дараҷаи рушди инфрасохтори мазкур соҳаҳои саноат, сохтмон, маориф, савдо, сайёҳӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ғайра вобастагии калон доранд.

Зарур мебошад, то маҷмӯи чораҳои ҳавасмандгардонии имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули комплекси муосири таъсирнок ва рақобатпазири сайёҳӣ кор карда бароварда шавад. Вобаста аз махсусгардонии корхонаҳо интихоби воситаҳои ҳамкории Ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатдар барқарор кардани ҳамкории давлат ва тиҷорат ҳангоми ташкили объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ аз муносибати мухталифи истифодаи шаклҳои ҳамкорӣ иборат мебошад.

Аз методикаи пешниҳоднамуда бармеояд, ки шаклҳои гуногуни ШДБХ ҳангоми ташкил ва рушди инфрасохтори нақлиёт, сохтмон, азнавбарқароркунӣ ва баланд бардоштани дастрасии объектҳои сайёҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрҳо мегардад. Шаклҳои имконпазири ҳуқуқии ШДБХ ҳангоми ташкили объектҳои инфрасохтор метавонанд: шартномаи ширкати оддӣ, созишномаи конссесионӣ, шартномаи киро, шартномаи пудратӣ, шартномаи инвеститсионӣ, ташкили корхонаи тиҷоратӣ, ташкили ширкати роҳбарикунанда, ширкатҳои хоҷагидорӣ ва ҷамъяитҳои дорои ҳиссаи баланди капитали давлатӣ ё бо ҳиссаи баланди капитали хусусӣ мебошад. Аз ҷониби ШДБХ иштирокчиёни бахши давлатӣ муассисаҳои

низоми роҳбарии минтақавӣ буда метавонанд. Дар тиҷорат имкониятҳои ҳақиқӣ корхонаҳои калон доранд. Ҳавасгардонии иштироки сохторҳои тиҷоратӣ дар ШДБХ таъминоти субсидиявии ставкаи протсент аз рӯйи кредитҳо, кафолати давлатӣ ва минтақавӣ, таъмини иштироки инвесторон дар лоиҳаҳои барояшон даромаднок (самарабахш, афзалиятнок), кам кардани расмият ва маҳдудияти молиявии сармоягузориҳо, андозгузории имтиёзнок ( аз он ҷумла паст кардани андоз аз арзиши иловагӣ то ҳадди имкон); шакли содаи накди моликияти хусусии замин ва ғайра мебошанд. Давлат дар аснои танзим ва идораи ғайримустақими дестинатсияҳои маҳаллӣ метавонад, барои гузаронидани озмунҳо оид ба касбу ҳунарҳои миллӣ, аз ҷумла кулолгарӣ, косибӣ, заргарӣ, қаннодӣ, бофандагӣ, адрасбофӣ, шоҳибофӣ, гаҷкорӣ, оҳангарӣ, қолинбофӣ; чорабиниҳои маҳаллӣ ба мисли ҷашну идҳои миллӣ; конференсияҳо оид ба омӯзиши тарзи зисти маҳалҳои ҷумҳурӣ мусоидат намояд. Ташаккули ин тарзи роҳандозии раванди рушди сайёҳӣ барои ҷалби сайёҳон мувофиқат менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таъсири омилҳо ба хулосае омадем, ки пурсишномаи сотсиологиро миёни аҳолӣ, роҳбарони ширкатҳои сайёҳи бо мақсади муқаррар намудани фаъолияти соҳа ва андешидани чораҳои имконпазир бо истифодаи усулҳои маъмулӣ илмӣ анҷом диҳем (**Замимаи 1)**



**Расми 5. -** Назарсанҷӣ доир ба фаъолияти ширкати сайёҳӣ

Натиҷаи таҳлил (расми 1) нишон медиҳад, ки аз 117 нафар пурсидашавандагон 87 нафар ба фаъолити ширкатҳои сайёҳӣ баҳои мусбат додаанд, ки 74 % - и пурсидашавандагонро ташкил медиҳанд. Боқимода 19 %, 22 нафар, ҷавоби манфӣ додаанд ва 9 фоизи боқимонда, ки 8 нафар мебошанд дар ҷавоб додан мушкилӣ кашидаанд.




**Расми 6. -** Назарсанҷӣ доир ба фаъолияти ширкати сайёҳӣ пас аз эълон гардидани солҳои 2019-2021- соҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ

Ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти ширкати сайёҳӣ пас аз эълон гардидани солҳои 2019-2021- соҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ 95 нафар, 81% ба чунин хулоса омадаанд, ки фаъолияти соҳа беҳтар шудааст. Дигар иштирокчиёни назарсанҷӣ 16 нафар, 14% дар чунин ақидаанд, ки фаъолияти соҳа тағйир наёфтааст ва 6 нафари боқимонда, 5% қайд намудаанд, ки фаъолияти соҳа беҳтар шудааст.




**Расми 7. -** Натиҷаи назарсанҷии фаъолияти ширкати сайёҳӣ бо мақсади муваффақ шудан ва ҷойи кори доимӣ пайдо намудан

Дар сурати таҳлили расми мазкур ба хулосае омдан мумкин аст, ки 53 нафар, 45 фоизи пурсидашудагон мехостаанд дар минтақаи зисташон соҳиби ҷойи кори доимӣ бошанд. Боқимонда пурсишшудагон: ҷойи кори дигар нест 22 нафар, 19 %, ҷойи кор дорам, аммо шароити хубтар меҷӯям 18 нафар, 15 %, дигар сабабҳо 20 нафар, 17%, намедонам 3 нафар, 3%, ва 1 нафар, ки 1 фоизро ташкил медиҳад ҷавоб надодаанд.




**Расми 8. -** Оид ба муваффақияти ширкати сайёҳӣ

Пурсишномаи анҷомдодашуда доир ба муваффақияти фаъолияти ширкати саёҳӣ чунин мебошад: натанҳо муваффақ шудам, балки сармоя ва захираҳоро зиёд намудам 62 нафар, 53%, дар умум муваффақ шудам, агарчӣ дар шароитҳои мазкур нерӯи барзиёд сарф намудам 33 нафар, 28%, қисман муваффақ шудам, қисман не 5 нафар, 4%, муваффақ нашудаам, аммо барои беҳтар намудани шароит боварӣ дорам 9 нафар, 8%, ба нокомӣ дучор шудам ва гумон аст, ки муваффақ шавам 4 нафар, 3%, дар ҷавоб мушкилӣ мекашам 4 нафар, 3% дар назарсанҷӣ иштирок намуда ақидаи худашонро баён намудаанд.




**Расми 9. -** Назарсанҷӣ доир ба ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ барои ташкили фаъолияти ширкати сайёҳӣ

Натиҷаи таҳили банди мазкури (расми 5) назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки қисми зиёди пурсидашудагон дар он ақидаанд, ки барои ташкили ширкати сайёҳи аз имтиёзҳои шиносон истифода менамоянд. Нишондиҳандаи мазкур наздики 38 % - ро ташкил дода 45 нафар аз шумораи умумӣ ба ин банди пурсишнома таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Доир ба дигар бандҳои пурсишнома ҳаминро қайд намудани ҳастем, ки аксарияти ҷавобҳо аз лиҳози таҳлили мантиқӣ ва сохторию умумии ташхии ҳолати соҳа ҳамин равишро ошкор намуда вазъи воқеии рушди соҳаро ба тариқи миёна баҳо медиҳад. Масалан аз ҳисоби истифодаи захираҳои шахсӣ 37 нафар, 32 %, пасандозҳои оила 25 нафар, 21%, бонк ё дигар институтҳои молиявӣ 6 нафар, 5%, барномаи дастгирии давлатӣ 4 нафар, 3% ҷавоб додаанд.




**Расми 10. -** Назарсанҷӣ доир ба ҳамкорӣ бо субъектҳо

Таҳлили расми 6 бозгӯйи менамояд, ки 42 нафар, 36% мехоҳанд фаъолияти сайёҳии худро бо ёрии ҳамшаҳриҳо ба роҳ монанд. Дигар иштирокчиён бо рафиқон 39 нафар, 33%, бо шарикони хориҷӣ 26 нафар, 22% бо аъзои оила 10 нафар, 9% ҷавоб додаанд, ки дар байни онҳо нишондиҳандаи баландтарин бо рафиқон ва ширкатҳои хориҷӣ мебошад.




**Расми 11. -** Назарсанҷӣ доир ба мавҷудияти мушкилот дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ

Дар ҷараёни назарсанҷӣ оид ба мавҷудияти мушкилот дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ пурсидашудагон чунин ҷавоб доданд гарон будани андозҳо 43 нафар, 37% мушкил будани раванди иҷозатномадиҳӣ 21 нафар, 18%, зиёд будани мақомотҳои назораткунанда 9 нафар, 8%, мавҷуд набудани мизоҷони дохилӣ ва хориҷӣ 7 нафар, 6%, мавҷуд набудани созишномаҳои пешакӣ бо шарикон 10 нафар, 9 фоиз, нокифоя будани мутахассисон 16 нафар, 14%, нокифоя будани техника ва технологияҳои нави соҳаи сайёҳӣ 11 нафар, ба 9 фоиз рост меояд.

Натиҷаи таҳлили умумии баҳои коршиносон ва муҳақиқони соҳа, ки дар шакли пурсишнома анҷом дода шудааст нишон медиҳад, ки рушди соҳа бештар ба вазъи ташкили инфрасохторӣ соҳа, ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ ва сайёҳони дохилӣ алоқаманд буда дар ҳамин давра поён овардани меъёрҳои андозбандии ширкатҳои саёҳӣ назорати беасоси мақомоти давлатӣ боиси рушди ин навъи ширкатҳо дар миқёси иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда зичии алоқаҳои мувофиқи байни дараҷаи рушднокии воҳидҳои инфрасохторӣ ва бузургии ҷараёнҳои сайёҳии дохилшаванда исбот карда шуд. Зарурати аз байн бурдани ҷудогонагии идоравӣва минтақавии воҳидҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва рушди мунтазами онҳо ва ташаккулёбии сайёҳӣ, ки кушишҳои идораҳои гуногун, сохторҳои соҳибкорӣ ва маъмурияти минтақавӣ барои истифодаи дурусти захираҳои мавҷуда ҷамъ менамоянд, ки ин ба зиёд шудани ҷараёни воридшавии сайёҳон таъсири мусбӣ мерасонад. Заминаи ин ҳамкорӣ – консолидатсия (муттаҳид кардан)-и захираҳо, мувофиқ кардани (муайян кардани ҷидду ҷаҳд, диққат) ва ҳамкорӣ дар заминаи манфиатҳои умумӣ мебошад. Дар гурӯҳи омилҳои инфрасохтори дастрасии нақлиётӣ ва аҳволи воситаҳои ҷойгиронӣ аҳамият доранд. Баромад ба роҳҳои автомобилии ҷумҳуриявӣ ҷолибияти маҳалро барои сайёҳии деҳот зиёд мекунад. Ғунҷоиши имконпазири объектҳои инфрасохтори сайёҳии деҳот дар шакли умумӣ метавонад, ки тавассути таъминоти маскан, манзил дар ҷамъияти маҳаллӣ баҳо дода шавад. Аз як тараф таъминоти суст омили маҳдудкунандаи рушд буда, аз тарафи дигар он боиси таъминоти баланд аксар вақти нишондеҳи кӯчиши аҳолӣ аз минтақаҳои аҳолинишини деҳот мегардад. Барои он ки ба камшавии суръати воридшавии сайёҳон роҳ дода нашавад, бояд ҳаёти рӯзмарраи аҳолии ҷамъиятҳои маҳаллӣ бо ташкили сайёҳии мавсимӣ ва ғайримавсимӣ ташкил карда шавад.

## 2.3. Таҳияи модели иқтисодию риёзии рушди хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ

Дар раванди таҳқиқот масоили амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ дар шароити имрӯза мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳангоми тарҳрезии амсила муқаррар гардидааст, ки мавқеи соҳаи сайёҳӣ ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши назаррас дорад. Натиҷаи таҳлили воқеии раванд ошкор сохт, ки дар рушди минбаъдаи соҳа омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти омилҳои мутаасир амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ тарҳрезӣ карда шудааст. Аз нигоҳи муаллифон зарур шуморида шудааст, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои зикргардида истифодаи натиҷаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мушаххаси илмӣ рӯйи кор омадааст ва ба тарҳрезии стратегияи мушаххаси соҳаи мазкур таъсир мерасонад, зарур шуморида мешавад.

Барои ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои рушди устувори сайёҳӣ таҳия ва истифодаи моделҳо ва усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ зарур аст. Мутаасифона натиҷаи таҳқиқот ва истифодаи амалии натиҷаҳои усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ дар қабули қарорҳои идоракунии соҳаи сайёҳӣ амалан истифода намешавад ва ин хусусияти системанокиро ихтиёр намудааст.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки аҳамияти истифодаи амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ дар ташаккули объектҳои иқтисодӣ, хусусан сайёҳӣ ояндадор мебошад.

**Ҷадвали 2.8.**

Нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ, солҳо 2008-2021*

| № | Солҳо | **Нишондиҳандаҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **ММД (бо нархҳои амалӣ мувофики солҳо) млн. сомонӣ** | **Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳаз. сомонӣ)** | **Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда)** | **Теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба Ҷумҳурӣ ворид шудаанд (нафар)** | **Теъдоди шаҳрвандоне, ки ба сифати сайёҳ ба Ҷумҳурӣ ворид шудаанд (ҳаз. нафар)** | **Хизматрасонии агентии сайёҳӣ (млн. доллар)** |
| 1. | 2008 | 17706,9 | 6280,1 | 36 | 2702 | 216 | 154,3 |
| 2. | 2009 | 20628,5 | 6494,2 | 49 | 2795 | 223 | 17,8 |
| 3. | 2010 | 24707,1 | 6708,3 | 54 | 2887 | 230 | 26,9 |
| 4. | 2011 | 30071,1 | 6922,4 | 57 | 2979 | 238 | 7,8 |
| 5. | 2012 | 36163,1 | 7136,5 | 60 | 3071 | 245 | 3,2 |
| 6. | 2013 | 40525,5 | 6225,1 | 74 | 2728 | 208 | 3,8 |
| 7. | 2014 | 45606,6 | 10989,6 | 63 | 3577 | 213 | 2,9 |
| 8. | 2015 | 50977,8 | 9582,8 | 82 | 3080 | 413 | 136,4 |
| 9. | 2016 | 54790,3 | 8422,1 | 118 | 3630 | 344 | 156,3 |
| 10. | 2017 | 64434,3 | 9076,3 | 91 | 4413 | 431 | 50,7 |
| 11. | 2018 | 71059,2 | 16928,1 | 146 | 6699 | 1038 | 87,7 |
| 12. | 2019 | 77354,7 | 24497,9 | 161 | 7791 | 1257 | 197,5 |
| 13. | 2020 | 78901,8 | 24987,9 | 164 | 7946 | 1282 | 201,5 |
| 14. | 2021 | 80479,8 | 25487,6 | 167 | 8105 | 1307 | 205,5 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллифон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ. Душанбе – 2015, С. 189, 370; 2017, С. 388; 2019, С. 384; 2020, С. 402, 179-180.

Аз таҳлили ҷадвали 1 мушоҳида намудан мумкин аст, ки мавқеи сайёҳӣ дар ташаккули ММД ниҳоят клон мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки сайёҳиро соҳаи афзалиятнок ва сердаромад унвон намудан мумкин аст. Вобаста ба ин дар раванди таҳқиқи нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ ба чунин хулоса омадем, ки нақши сайёҳӣ ба рушди ММД таъсири назарас мерасонад (расми 12).




**Расми 12.** - ММД ва нишондиҳандаҳои асосии сайёҳӣ, солҳои 2010-2021

Аз таҳлил бармеояд, ки дар шароити кунунӣ сайёҳӣ наздики 24497900 сомонии маҷмӯи маҳсулоти дохили кишварo ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур гувоҳи он аст, ки соҳаи мазкур дар зинаи рушди воқеи қарор дорад ва ташаккули минбаъдаи он боиси тағйироти мусбат дар низоми иқтисодиёти миллӣ мегардад. Ҳолати воқеии рушди раванди мазкурро чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 13)




**Расми 13.** – Таъсири сайёҳӣ ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (бо ҳисоби %), солҳои 2010-2021

Аз расми 2.2 мушоҳида намудан мумкин аст, ки таъсири раванд ба рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар давоми солҳои таҳлили, гуногун буда дар соли 2021 наздики 3,2 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили давра ба давраи нишондиҳандаи мазкур шаҳодат медиҳад, ки давоми солҳои охир ба таври чашмрас даромади соҳаи сайёҳӣ тағйир ёфтааст.

Барои дақиқ гардидани гуфтаҳои боло ба амсиласозии ҳолати рушди сайёҳӣ бо истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ оғоз менамоем, ки таҳлили нишондиҳандаҳои закргардида дар асоси маълумоти дақиқи оморӣ анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ дар таҳқиқот зинаи навбатиии амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ дида баромад мешавад:

$$Y = a_0 + a_1X_1 + a_2X_2 + \cdots + a_nX_n, \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо Y – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ, $X_i$ – омилҳои номуайян, *i* – нишондиҳандаҳои омил ва *n* – миқдори омилҳо мебошад.

Аз таҳлили ҷадвали 2.8. мушоҳида намудан мумкин аст, ки рушди

минбаъдаи сайёҳӣ, хусусан таъсири он ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз омилҳои зерин: даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, (ҳаз. сомонӣ), шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда), теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, (нафар), теъдоди шаҳрвандоне, ки ба сифати сайёҳ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, (ҳаз. нафар), хизматрасонии агентии сайёҳӣ (млн. доллар) вобаста дорад.

Алоқамандии таъсири омилҳо дар ҷадвали 2.9 дида баромада мешавад.

**Ҷадвали 2.9**

Таҳлили коррелятсионии нишондиҳандаҳои сайёҳӣ*

| | $Y$ | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $Y$ | 1,0000 | | | | | |
| $X_1$ | 0,8002 | 1,0000 | | | | |
| $X_2$ | 0,9259 | 0,8595 | 1,0000 | | | |
| $X_3$ | 0,8460 | 0,9626 | 0,9058 | 1,0000 | | |
| $X_4$ | 0,8105 | 0,9555 | 0,9043 | 0,9771 | 1,0000 | |
| $X_5$ | 0,4491 | 0,5495 | 0,5714 | 0,5041 | 0,5813 | 1,0000 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили коррелятсионии анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки дар рушди минбаъдаи сайёҳӣ омилҳои зерин: даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, (ҳаз. сомонӣ), шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда), теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, (нафар) таъсири мусбат мерасонанд.

**Ҷадвали 2.10**

Нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ барои гузаронидани таҳлили регрессионӣ*

| Нишондиҳанд / Солҳо | ММД (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ Y | Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳаз. сомонӣ) $X_1$ | Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) $X_2$ | Теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд (нафар) $X_3$ |
|---|---|---|---|---|
| 2008 | 17706,9 | 6280,1 | 36 | 2702 |
| 2009 | 20628,5 | 6494,2 | 49 | 2795 |
| 2010 | 24707,1 | 6708,3 | 54 | 2887 |
| 2011 | 30071,1 | 6922,4 | 57 | 2979 |
| 2012 | 36163,1 | 7136,5 | 60 | 3071 |
| 2013 | 40525,5 | 6225,1 | 74 | 2728 |
| 2014 | 45606,6 | 10989,6 | 63 | 3577 |
| 2015 | 50977,8 | 9582,8 | 82 | 3080 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2016 | 54790,3 | 8422,1 | 118 | 3630 |
| 2017 | 64434,3 | 9076,3 | 91 | 4413 |
| 2018 | 71059,2 | 16928,1 | 146 | 6699 |
| 2019 | 77354,7 | 24497,9 | 161 | 7791 |
| 2020 | 78901,8 | 24987,9 | 164 | 7946 |
| 2021 | 80479,8 | 25487,6 | 167 | 8105 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили ҷадвали 2.11 шаҳодат медиҳад, ки барои гузарондиани таҳлили регрессионӣ: даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, (ҳаз. сомонӣ), шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда), теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, (нафар) таъсири амиқ мерасонад. Натиҷаи таҳлил чунин мебошад (ҷадвали 2.12).

**Ҷадвали 2.11.**

Натиҷаи таҳлили регрессионии нишондиҳандаҳои сайёҳӣ*

| | *Коэффитсиентҳо* | *Хатогии стандартӣ* | *t-оморӣ* | *P-қиммат* |
|---|---|---|---|---|
| Y-буриш | 5584,2 | 7764,6 | 0,7192 | 0,4925 |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳаз. сомонӣ) $X_1$ | 0,1570 | 1,7827 | 0,0881 | 0,9320 |
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) $X_2$ | 442,73 | 158,14 | 2,7994 | 0,0232 |
| Теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд (нафар) $X_3$ | 1,0138 | 7,0703 | 0,1434 | 0,8895 |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

$$Y = 5584{,}2 + 0{,}1570x_1 + 442{,}72x_2 + 1{,}0138x_3, \qquad (2)$$

Дар асоси таҳлили амсилаи сеомила вобастагии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (бо нархҳои амалӣ мувофиқи солҳо) млн. сомонӣ, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, (ҳаз. сомонӣ), шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда), теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд, (нафар) чунин хулосабарорӣ намудан ба маврид аст: дар сурати афзоиш ёфтани даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳаз. сомонӣ) ба 1 млн. сомонӣ ММД (бо нархҳои амалӣ, мувофиқи солҳо, млн. сомонӣ) ба 157 ҳаз. сомонӣ афзиш меёбад, дар ҳолати зиёд шудани шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, адад (фаъолияткунанда) ба 1 адад, ММД (бо нархҳои амалӣ, мувофиқи солҳо, млн. сомонӣ) ба 442,73 ҳаз.

сомонӣ, ва дар мавриди теъдоди сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд ба 1 млн. нафар ММД (бо нархҳои амалӣ, мувофиқи солҳо, млн. сомонӣ) ба 101384 ҳаз. сомонӣ афзоиш меёбад. Натиҷаҳои мазкур мувофиқи коэффитсиенти детерминатсия ба 0,8579 ё 85 фоиз мебошад.

**Ҷадвали 2.12.**

Омори регрессионӣ

| | |
|---|---|
| R маҷмӯӣ | 0,9262 |
| R-квадратӣ | 0,8578 |
| R-квадратӣ, меъёрӣ | 0,8044 |
| Хатогии стандартӣ | 8747,7 |
| Адади мушоҳидавӣ | 12 |

Мавриди зикр аст, ки барои таҳлил ваояндабинии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ аз амсилаҳои иқтисодӣ-математикии дар боло овардашуда истифода намудан мумкин аст. Таҳлилҳои дисперсионалӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои қиммати регрессия барои тағйири рушди соҳа имконпазир мебошанд. Интихоби омилҳо дар асоси таҳқиқи воқеии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ амалӣ шудааст. Хусусияти зеринро ба назар гирифта қайд намудан мумкин аст, ки амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки бо дарназардошти натиҷаҳои амсилаи тарҳрезишуда стратегияи рушди соҳа дар оянда коркард карда шуда чораҳои имконпазир ҷиҳати боз ҳам рушд намудани соҳа андешида шавад. Рушди устувори сайёҳӣ дар кишвар ба омилҳои таҳқиқшуда вобастагии зич дорад. Инчунин дар оянда бояд ба ташкили шакли нави ширкатҳои сайёҳӣ, ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ, бунёди инфрасохтори соҳа ва дар раванди идора ба назар гирифтани ҷанбаҳои методологӣ ва тавсияҳои илмию амали зарур мебошад. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои зикргардида истифодаи натиҷаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мушаххаси илмӣ рӯйи кор омадааст ва ба тарҳрезии стратегияи мушаххаси соҳаи мазкур таъсир мерасонад, зарур шуморида мешавад.

Барои баҳои воқеи додан ба фаъолият ва хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ гузаронидани матритсаи SWOT аз манфият холӣ нест (ҷадвали 2.13.).

| ***SWOT – таҳлил**** | | | |
|---|---|---|---|
| ***Тарафҳои пуриқувват*** | 1. Дастгирии давлатии рушди фаъолият дар соҳа<br>2. Рушди инфрасохтори сайёҳӣ<br>3. Рушди саноати меҳмонхонаҳо<br>4. Имтиёзҳо дар фаъолияти соҳаи сайёҳӣ<br>5. Мавҷудияти имкониятҳои рушди сайёҳии куҳӣ<br>6. Ҷой доштани осоишгоҳҳои санаторию курортӣ<br>7. Анъанаҳои бойи таърихӣ ва маданӣ<br>8. Иқлим ва табиати нотакрори сайёҳӣ<br>9. Рушди шаклҳои нави сайҳӣ<br>10. Вусъатдиҳии барномаҳои хизматрасонии сайёҳӣ | ***Тарафҳои заиф*** | 1. Надоштани салоҳиятнокии мутахассисони ширкатҳои сайёҳӣ<br>2. Номукаммал будани хатсайрҳои сайёҳӣ<br>3. Зиёд будани тафтишҳо ва мақомоти назораткунанда<br>4. Мушкилот дар раванди иҷозаи фаъолият<br>5. Рушд наёфтани сайёҳии дохилӣ<br>6. Сатҳи нокифояи хизматрасониҳо<br>7. Номӯътадил будани қурби асъор ва сатҳи нарху таваррум<br>8. Паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ<br>9. Ҷой надоштани миссия ва стратегияи мушаххас<br>10. Таъсири характери мавсимӣ доштани фаъолият дар соҳа |
| ***Имкониятҳо*** | 1. Ҳамкории тарафайни ширкатҳои сайёҳӣ бо МТОК самти сайёҳӣ<br>2. Такмилдиҳии барномаҳои таҳсилотӣ<br>3. Бастани шартномаҳо байни корфармо ва МТОК- и самти сайёҳӣ<br>4. Ташкили курсҳои кутоҳмуддат барои кормандон<br>5. Таблиғоти минтақаҳои сайёҳӣ ва табиати ҳамешабаҳор<br>6. Рушд додани инфрасохтори сайёҳӣ<br>7. Таълим ва бозомӯзии мутахассисон дар хориҷи кишвар<br>8. Ба роҳ мондани таҳқиқотҳои маркетингии соҳа<br>9. Ташкили барномаҳои сафарии имтиёзнок<br>10.Ҷалби сайёҳони хориҷӣ бо пешниҳоди имтиёзҳо | ***Таҳдидҳо*** | 1. Рақобати носолим дар соҳа<br>2. Ҳиссиёти нобоварӣ ба оянда аз ҷониби муҳасилини самти сайёҳӣ<br>3. Афзоиши талабот ба мутахассисони касбӣ аз ширкатҳои рақиб<br>4. Чиптаҳои гаронбаҳои ҳавопаймо<br>5. Номӯътадилии вазъи иқтисодӣ<br>6. Гарон будани меъёри андозбандӣ<br>7. Мавҷудияти муҳити носолими мустақилияти фаъолият(монополия дар соҳа)<br>8. Таъсири вазъи сиёсии кишварҳои ҳамсоя<br>9. Мунтазам тағийр кардани қурби асъор<br>10. Ноустувории нархҳои хизматрасонии сайёҳӣ. |

*Сарчаша: таҳияи муаллифи диссертатсия

*SWOT* – таҳлили гузаронидашуда ошкор намуд, ки ба рушди бозори хизматрасонии сайёҳӣ чиҳо таъсир мерасонанд: имкониятҳо хеле зиёданд вале монеаҳо мушкилот эҷод мекунанд. Бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои дуру наздик рушди бозори сайёҳӣ имконпазир аст, агар дар ин соҳа аз тамоми имкониятҳо мақсаднок истифода карда шаванд.

Дар замони муосир гузаронидани SWOT таҳлил хеле муҳим аст. Инро бояд ҳар як маъмур ва корманди ширкати сайёҳӣ мунтазам ба роҳ монад. Ҳадафи асосӣ дар чист? Пеш аз ҳама ширкати сайёҳӣ тавассути ин усул ба худбаҳодиҳӣ ва худидоракунӣ муяссар мегардад. Дан натиҷа омилҳои мусбию манфиро ба инобат гирифта, бо назардошти имкониятҳои рушд ва хавфу хатарҳои таҳдидкунанда фаъолияти худро одилона арзёбӣ менамоянд. Истифодаи ин усул ҳукми анъанавӣ даромадааст ва бархе аз ширкатҳои бонуфуз ва рақабаттавон аз усулҳои дигар ба мисли SNW-таҳлил, REST-таҳлил ва STEEP-таҳлил истифода менамоянд, ки ҳадаф аз истифодаи онҳо низ ба таъмини стратегияи рушди сайёҳӣ  нигаронида шудааст.

Пас аз таҳлили вазъи бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бо назардошти омилҳои ба рушди он таъсиррасон ва арзёбии сатҳи сифати хизматрсониҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳоло бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар ҳолати рӯ ба рушд қарор дорад. Ҳамин тариқ вазъи бозори хизматрасонии сайёҳиро арзёбӣ намуда, мо ба самтҳои асосии такмили механизми рушди бозори хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ диққати худро равона месозем.

## Хулосаи боби дуюм:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои сайёҳӣ олам дар шароити имрӯза буда, дорои мероси бузурги маданӣ, таърихӣ, маданияти бою рангини қадима, мавқеи ҷуғрофӣ, табиати бою рангин, манотиқи гуногуни рекреатсионӣ ва олами набототу ҳайвонот мебошад. Объектҳои табии ҷойдошта унсури муҳими рушди сайёҳӣ ва ҷаҳонгардӣ ба ҳисоб рафта хусусияту имкониятҳои ҷойдоштаи табии дар пайдоиш ва инкишофи объектхо ва комплексҳои туристию рекреатсиони таъсири мусбӣ мерасонад. Сарватҳои табии мавҷудбуда бояд дар солҳои наздик ба сифати омилии асосии ҷалби сайёҳон бошад. Сайёҳон дар бисёр маврид хосиятҳои иқлим: ландшафт, имкониятҳои сайёҳӣ, кӯҳӣ, лежаронӣ, дороиҳои табиӣ, шикор ва ғайраро омӯхта ба ин минтақаҳо сафар мекунанд.

2. Ба ақидаи мо минтақаҳои туристии кишварҳои Осиёи марказӣ хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои обҳои шифобахш, беморхонаҳои гиёҳдармонии табии, дарахтони шифобахши субтропикӣ дошта мебошанд. Аксарияти минтақаҳо дорои имкониятҳои рушдкарда дар самти сайёҳӣ буда дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамто надоранд. Тарҳрезии комплекси туристии хусусияти табобатӣ дошта омили асосии ҷалби сайёҳон ва ташаккули соҳаи иқтисодиёт гардида боиси рушд ва тараққиёти кишвар мегардад.

3. Таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дар миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки тамоюли рушд ҳархела ба назар мерасад. Рушди босуръати соҳа ба минтақаҳои Суғд ва шаҳри Душанбе рост меояд. Таҳлили маҷмӯи раванд шаҳодат медиҳад, ки дар рушди минбаъдаи соҳа омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ, ҳудуд ва ташрифи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин маданияти аҳолии мизбон, инфрасохтори сайёҳӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин як қатор омилҳои муқаррар карда шудааст, ки дар натиҷаи таҳлили соҳа ба даст омадааст. Бартараф намудани монеаҳои ҷойдошта дар марҳилаи аввали ташаккули соҳаи сайёҳӣ зарур буда бештар ба хубтару беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ вобаста мебошад.

4. Захираҳои табиӣ-рекреатсионии ҷумҳурӣ, мавҷуд будани ёдгориҳои таърихӣ ва маданӣ хусусиятҳои маҳсулоти сайёҳии ташаккулёфтаи сайёҳӣ, пешбурдан ва фурӯши дар бозорҳои ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷараёни воридишавии сайёҳонро ба Тоҷикистон таъмин мекунад. Дар ин асно самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар мамлакат намудҳои: алпинизм, сайёҳии экологӣ, кӯҳӣ-варзишӣ; рафтинг, парапланеризм, варзиши лижаронии кӯҳӣ; шикори дохилӣ; сайёҳии таърихӣ-маърифатӣ ва этнографӣ; табобат ва истироҳати санаторӣ-курортӣ;

5. Мақсаду мароми асосии ташкилоти ҷамъиятии маҳаллӣ ин ҷалби аҳолӣ ба кори муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиию фарҳангӣ, ташаккули афкори ҷомеа дар ин самт ва сайёҳӣ, мусоидат намудан ба

инкишофи қобилияти роҳбарӣ ва ташаккули шахсияти аъзоён (марду зан), бо воситаи чорабиниҳои хурд дар ҳаҷми варзишию фарҳангӣ, тавлиди даромад, эҳё ва фурӯши маҳсулоти худӣ, муаррифии табиати биҳиштосо, таъриху тамаддун, фарҳанги миллӣ, меҳмоннавозӣ ва пешкаши таомҳои миллӣ ба сайёҳон мебошад.

6. Инфрасохтори сайёҳӣ – ин комплекси дорои се зина мебошад, ки аз инфрасохтори истеҳсолӣ, корхона ва ташкилотҳои дар таъмини фаъолияти сайёҳӣ ва корхонаҳои индустрияи сайёҳӣ иштироккунанда мебошанд: Инфрасохтори меҳмонхонавӣ, инфрасохтори туроперейтинг, инфрасохтори махсусгардонидашудаи нақлиёт, инфрасохтори таълимӣ, инфрасохтори иттилоотӣ, инфрасохтори илмӣ, корхонаҳои истеҳсоли молҳои талаботии сайёҳӣ, инфрасохтори махсусгардонидашудаи тиҷоратӣ. Таснифоти инфрасохтори сайёҳӣ вобаста ба се зинаи номбаршуда дар адабиёти илмӣ васеъ тавзеҳ ёфтааст.

7.Зарур ҳисобида мешавад, то маҷмӯи чораҳои ҳавасмандгардонии имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули комплекси муосири таъсирнок ва рақобатпазири сайёҳӣ кор карда бароварда шавад. Вобаста аз махсусгардонии корхонаҳо интихоби воситаҳои ҳамкории Ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатдар барқарор кардани ҳамкории давлат ва тиҷорат ҳангоми ташкили объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ аз муносибати мухталифи истифодаи шаклҳои ҳамкорӣ иборат мебошад.

8.Аз методикаи пешниҳоднамуда бармеояд, ки шаклҳои гуногуни ШДБХ ҳангоми ташкил ва рушди инфрасохтори нақлиёт, сохтмон, азнавбарқароркунӣ ва баланд бардоштани дастрасии объектҳои сайёҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрҳо мегардад. Шаклҳои имконпазири ҳуқуқии ШДБХ ҳангоми ташкили объектҳои инфрасохтор метавонанд: шартномаи ширкати оддӣ, созишномаи консcесионӣ, шартномаи киро, шартномаи пудратӣ, шартномаи инвеститсионӣ, ташкили корхонаи тиҷоратӣ, ташкили ширкати роҳбарикунанда, ширкатҳои хоҷагидорӣ ва ҷамъиятҳои дорои ҳиссаи баланди капитали давлатӣ ё бо ҳиссаи баланди капитали хусусӣ

мебошад.

9. Дар ҷараёни назарсанҷӣ оид ба мавҷудияти мушкилот дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ пурсидашудагон чунин ҷавоб доданд гарон будани андозҳо 43 нафар, 37% мушкил будани раванди иҷозатномадиҳӣ 21 нафар, 18%, зиёд будани мақомотҳои назораткунанда 9 нафар, 8%, мавҷуд набудани мизоҷони дохилӣ ва хориҷӣ 7 нафар, 6%, мавҷуд набудани созишномаҳои пешакӣ бо шарикон 10 нафар, 9 фоиз, нокифоя будани мутахассисон 16 нафар, 14%, нокифоя будани техника ва технологияҳои нави соҳаи сайёҳӣ 11 нафар, ба 9 фоиз рост меояд. Натиҷаи таҳлили умумии баҳои коршиносон ва муҳақиқони соҳа, ки дар шакли пурсишнома анҷом дода шудааст нишон медиҳад, ки рушди соҳа бештар ба вазъи ташкили инфрасохторӣ соҳа, ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ ва сайёҳони дохилӣ алоқаманд буда дар ҳамин давра поён овардани меъёрҳои андозбандии ширкатҳои саёҳӣ назорати беасоси мақомоти давлатӣ боиси рушди ин навъи ширкатҳо дар миқёси иқтисодиёти миллӣ мегардад.

10. Дар раванди таҳқиқот масоили амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ дар шароити имрӯза мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳангоми тарҳрезии амсила муқаррар гардидааст, ки мавқеи соҳаи сайёҳӣ ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нақши назаррас дорад. Натиҷаи таҳлили воқеии раванд ошкор сохт, ки дар рушди минбаъдаи соҳа омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти омилҳои мутаасир амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ тарҳрезӣ карда шудааст. Аз нигоҳи муаллифон зарур шуморида шудааст, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои зикргардида истифодаи натиҷаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мушаххаси илмӣ рӯйи кор омадааст ва ба тарҳрезии стратегияи мушаххаси соҳаи мазкур таъсир мерасонад, зарур шуморида мешавад.

11. Мавриди зикр аст, ки барои таҳлил ва ояндабинии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ аз амсилаҳои иқтисодӣ-математикии истифода намудан зарур аст. Таҳлилҳои дисперсионалӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои қиммати регрессия барои тағйири рушди соҳа имконпазир мебошанд. Интихоби омилҳо

дар асоси таҳқиқи воқеии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ амалӣ шудааст. Хусусияти зеринро ба назар гирифта қайд намудан мумкин аст, ки амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди сайёҳӣ имконият медиҳад, ки бо дарназардошти натиҷаҳои амсилаи тарҳрезишуда стратегияи рушди соҳа дар оянда коркард карда шуда чораҳои имконпазир ҷиҳати боз ҳам рушд намудани соҳа андешида шавад. Рушди устувори сайёҳӣ дар кишвар ба омилҳои таҳқиқшуда вобастагии зич дорад. Инчунин дар оянда бояд ба ташкили шакли нави ширкатҳои сайёҳӣ, ҷалби сарчашмаҳои молиявӣ, бунёди инфрасохтори соҳа ва дар раванди идора ба назар гирифтани ҷанбаҳои методологӣ ва тавсияҳои илмию амали зарур мебошад. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои зикргардида истифодаи натиҷаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мушаххаси илмӣ рӯйи кор омадааст ва ба тарҳрезии стратегияи мушаххаси соҳаи мазкур таъсир мерасонад, зарур шуморида мешавад.

# БОБИ III. ДУРНАМОИ РУШДИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

## 3.1. Таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ

Такмили механизми низоми идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ яке аз масъалаи баҳсталаби илми иқтисодиёт ба ҳисоб рафта баррасии паҳлӯҳои гуногуни он масъалаи муҳим мебошад. Ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ, фаъолияти самараноки ширкатҳои сайёҳӣ бо мутобиқсозии шаклҳо ва усулҳои ташкилии фаъолияти идоракунӣ, бо истифодаи механизмҳои гуногун имконпазир мегардад. Бинобар сабаби зудтағйирёбандаи ҳолати сайёҳӣ (ташрифи сайёҳони хориҷӣ) идораи раванд то андозае мушкил гардида боиси камшавии даромади соҳа ва амалишавии ҳадафҳое, ки ба рушди сайёҳӣ нигаронида шудааст, бозмедорад. Маҳз мушкилоти ҷойдоштаро бо истифодаи такмили механизми раванд бартараф намудан мумкин аст, ки меҳвари таҳқиқоти мазкур ба такмили механизмҳои ташаккулдиҳандаи соҳа бахшида шудааст.

Дар таҷрибаи пешоҳанги ҷаҳонӣ механизми такмилдиҳӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, равандҳо ва инструменте, ки ба рушди объект нигаронидашудаст ба омӯзиши категорияҳои муҳими иқтисодӣ: бозорҳо, муайян кардани ғояҳо, ниёзҳои нави муштариён (дар шакли молу хизматрасониҳои нав татбиқ шудани онҳо), воситаи такмили низоми истеҳсол ва фурӯши молҳо, маркетинг (гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ) равона гардида, инъикос ёфта барои тағйири ҳолати ширкатҳои сайёҳии зарур мебошанд.

Ба ақидаи мо дар шароити имрӯзаи муҳити рақобатнок ташкил ва идораи фаъолитяи ширкатҳои сайёҳӣ дар асоси принсипҳо ва механизмҳои ягона амал наменамояд. Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд сохтори ягонаи ташкили самарабахши раванд барои ширкатҳои сайёҳӣ вобаста ба шароити имрӯза вуҷуд надорад. Шаклҳо ва сохтори мушаххаси чунин фаъолиятҳо вобаста ба

хусусияти фаъолияти корхона ва шароити берунии муттафовит мебошад.

Мақсади асосии такмили механизми соҳаи сайёҳӣ ҳамҷоясозии ҳадафҳо фаъолиятҳо, муттаҳидсозӣ ба раванди ягонаи технологӣ, таҳқиқи мушкилоти ҷойдошта, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ё пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Ин шакли амалкард афзоиши самаранокии соҳаро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин мекунад. Аз ин рӯ, ширкатҳои сайёҳӣ бояд принсипҳо, унсурҳо ва механизмҳои муосирро дар ҷараёни идоракунӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо истифода баранд.

Истифодаи механизмҳои роҳандозигардида ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар бозор дар сурате имконпазир мегардад, ки агар вай дар фаъолияти худ озодии кофии иқтисодӣ дошта бошад ва ба он имконият диҳад, ки ба тағйирёбии шароити бозор ба зудӣ мувофиқ гардонида шуда имкониятҳо ва захираҳои мавҷударо бо мақсадҳои муайян  истифода намояд.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозори ширкатҳои сайёҳӣ, аз як тараф, озодиҳои васеъ ба даст овардаанд ва аз тарафи дигар, маҷбуранд, ки роҳҳои тавсеабахшии фаъолияти худро вобаста ба шароити имрӯза мувофиқ намоянд. Барои амалӣ намудани мақсадҳо дар чунин шароит, такмили механизмҳои рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ҳатмӣ мебошад. Аммо, бояд гуфт, ки истифодаи оқилонаи механизм ва усулҳои он бо мушкилиҳои зиёд на танҳо раванди ташкилӣ, балки ҳолати сармоягузорӣ, иттилоотию таҳлилӣ, идоракунӣ, психологияи муосири иштирокчиёни раванд низ алоқаманд аст. Ҷиҳати ноил шудан ба мақсади мазкур мантиқи тафаккур ва психологияи рафтори ҳам роҳбарияти ширкатҳои сайёҳӣ ва ҳам коллективҳои меҳнатиро бояд ба шароити имрӯза мувофиқ гардонид.

Таҳқиқи амалияи фаъолияти ширкатҳои сайёҳии ватанӣ аз норасоии барномаҳои мушаххас, хусусан консепсияи муосири идоракунии механизми рушди соҳа шаҳодат медиҳад. Аммо, аксар маврид, он ширкатҳои миллие, ки ба мушкилоти низоми идоракунӣ рӯ ба рӯ ҳастанд ба такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушд

мароқ зоҳир мекунанд.

Омилҳои болозикрро ба инобат гирифта гуфтан мумкин аст, ки дар тафаккури аксарияти роҳбарон, менеҷерон, маъмурони ширкатҳои сайёҳӣ мафҳуми «механизм», «такмили механизми раванди идоракунӣ ва такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ» ба вуҷуд омадааст, ки бо фаъолияти имрӯзаи рушди дигар низомҳои иқтисодӣ алоқаманд буда бояд дар натиҷаи амалкардҳо дар баробари идоракунии самараноки ширкатҳои сайёҳӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои сифатнок низ диққат дода шавад. Хусусиятҳои зикргардидаро ба инобат гирифта қайд намуда метавонем, ки механизми раванди идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ бояд ба ду самт нигаронида шавад: якум, такмили раванди низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ ва дуюм, такмили механизми пешниҳоди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, ки ғоя, сарчашма, манбаъ ва асоси рушди ширкатҳо пазируфта шудааст, диққат дода шавад.

Шароити феълии такмили раванди мазкур дар кишварамон собит месозад, ки барномаҳои қабулшуда, норасоии сарчашмаҳои молиявӣ, норасоии мутахассисони соҳавӣ, сатҳи баланди низоми муомила бо корррупсия, ки боиси аз раванди такмил бозодоштани на танҳо соҳаҳои дигари иқтисодиёт, алалхусус соҳаи сайёҳӣ, хусусан ширкатҳои сайёҳӣ мегардад ва дигар амалҳо, ки ба рушди соҳаи мазкур таъсир мерасонанд ва амалисозии дигар ҳадафҳои мақсадноку судманд номувофиқ мебошанд. Ин равиш дар навбати худ нодуруст истифодашудани мафҳуми механизми идоракунии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳиро дар пай дошта ҳамчун восита барои ҳалли мушкилоти фаврӣ ба вуҷуд омада мувофиқ меояд ва барои идораи самаранок ва ояндадор номувофиқ мебошад.

Ба андешаи мо, такмили механизми раванди идракунии ширкатҳои сайёҳӣ ҷиҳати пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии сифатнок пеш аз ҳама дар асоси принсипи зерин: сифати маҳсулот, хосиятҳои истеъмолӣ, нарх, миқдор ва ташкили истеҳсолот ё фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ амал карда метавонад. Дар ҳолати зикргардида, ширкат дар фаъолияти худ ба тавлиди

маҳсулоте диққат диҳад, ки талабот ба он зиёд аст.

Аммо, талабот на танҳо ниёз ба қонеъ гардонидани талаботи муштарии ширкати сайёҳӣ ё ниёз баҳри ҳалли ҳама мушкилоти ҷойдошта аст, балки бо ба инобат гирифтани ҳамаи нозукиҳо, таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасонӣ барои сайёҳони гуногмиҷоз мебошад. Ҳамин тариқ, бояд ширкатҳо бо ба инобат гирифтани ҷузъҳои таркибии раванди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ маҳсулот ва хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд. Дар ин маврид маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ на танҳо ҳамчун категорияҳои иқтисодии шахшудамонда, балки воситаи ҳалли мушкилоти ниёзмандон ва аҳолӣ мебошанд.

Принсипи зикргардида дар низоми хизматрасониҳои сайёҳӣ дар муқоиса бо усулҳои анъанавии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, хусусан вақте, ки ширкатҳо маҳсулот ва хизматрасониҳоро истеҳсол намуда фоидаи калон мегирифтанд ва самаранокии фаъолияти худро ба гунаи хуб пеш мебурданд ва дар сурати пеш омадани монеаҳо аз баратарфсозии онҳо даст мекашиданд. Дар низоми сайёҳии имрӯза ин тарзи амалкард на танҳо ба зарари муштарӣ ё ташрифовардагон, балки боиси камшудани ҷойҳои корӣ, кӯч бастани мутахассисони соҳавӣ мегардад. Таҳқиқоти анҷомдодаи мо ҷой доштани ҳолати зикргардидаро дар аксарияти нуқтаҳои сайёҳи, истисно намекунад, ва барои бартарафнамоии он бояд чораҳои имконпазир андешида шавад.

Афзалияти механизмҳои муосири идоракунӣ дар он аст, ки ба иштирокчиёни раванд имкон медиҳад, ки тағйироти талаботро пешгӯӣ намоянд, ва маҳсулоти туристии ояндаро бо ба инобат гирифтани талаботи минбаъда таҳия намуда, дар тафаккури ниёзмандон робитаи мустақимро баҳри ҳалли мушкилоти онҳо ва маҳсулоти пешниҳодкардаи ширкат такмил диҳанд.

Роҳбарӣ ба бозори фурӯш хусусияти асосии стратегияи махсусгардонидашудаи менеҷменти ширкати сайёҳӣ буда, пеш аз ҳама дар такмил ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва фурӯш бояд ба таври ҳатмӣ ифода ёбад. Объектҳои асосии соҳа бояд ба истифодаи усулҳои махсусгардонидашуда зери таҳқиқи ҳаматарафа қарор дода шавад ва қонеъ

гардонидани талаботи истеъмолкунанда, рақибон дар шароити бозор, ки ба хусусиятҳои маҳсулоти сайёҳӣ такя мемоянд, мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Вазифаи асосӣ баррасии ҳолати чандирии доимӣ ба тағйирёбии фазои пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити муҳити рақобатнок мебошад.

Механизми идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун қисми таркибии системаи идоракунии стратегияи ширкат як қатор марҳилаҳо ва шаклҳои фаъолияти идоракуниро дар бар мегирад, ки бояд зери назари шахсони масъул, хусусан роҳбарони ширкатҳо қарор гиранд. Ҷанбаи асосии такмили механизми идоракунии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ интихоб, татбиқи усулҳо ва ташаккули стратегияи маркетингӣ мебошанд.

Ин ду ҷиҳат, аз як тараф, ҳамчун марҳилаҳои амалишавӣ ё такмили механизмҳо ва усулҳои пешрафта, ё худ намуди фаъолияти институтҳо, ширкатҳо ва намояндагиҳои онҳо мебошанд, ки на танҳо ҳамдигарро пайравӣ мекунанд, балки ҳамзамон манфиатҳои умумии ширкат амалӣ карда мешаванд: ширкат стратегияи қабулшударо ба барномаҳо ва санадҳои қабулшуда асоснок менамояд ва ҳамзамон гузаронидани таҳқиқотро барои дарёб намудани роҳҳои ҳалли нави стратегӣ, усулҳои стратегии ҷустуҷӯ ё васеъ кардани доираи фаъолияти минбаъдаи ширкат идома медиҳад.

Дар назария ва амалияи таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ дар бораи муқаддима ва пайдарҳамии татбиқи консепсияи рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ ягонагӣ вуҷуд надорад. Дар робита ба фаъолияти якчанд ширкатҳои сайёҳӣ, ба назар мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои пайдарпайи фаъолияти онҳоро ҷудо кунем:

- муайян кардани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- такмили раванди идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва муайян кардани чорабиниҳое, ки татбиқи онҳо бояд боиси рушди ширкат гардад.

Ба такмили равандҳои зикргардида ҷиҳати рушди ширкатҳои сайёҳӣ бандҳои зерин:

- таҳияи маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати пешниҳоди он бо хусусиятҳои фарққунандаи дигар маҳсулоти дар бозор буда, ки ба интихоби гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон мувофиқ оянд ва ба тағйири ҳолати рушди ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ таъсир расонанд;

- такмил додани механизми пешниҳоди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бо истифодаи усулҳои маркетингии маъмул бо мақсади рақобатпазир гардидан дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- интихоб ва ташкили воситаҳои муосири таблиғ бо истифодаи шабакаҳои ҳамгироишудаи маркетингӣ;

- татбиқи воқеии назорати маркетингӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ, дохил мешаванд

Ҳамин тариқ, бо мақсади амали намудани ҳадафҳои дар боло овардашуда бояд маълумот тариқи пойгоҳҳои объектҳои ширкатҳои сайёҳӣ ҷамъоварӣ карда шавад. Дар натиҷаи таҳлили иттилооти ҷамъовардашуда қарорҳои мушаххаси идоракунӣ бо мақсади такмили равандҳо қабул карда мешавад. Дигар паҳлӯи масоил баррасии вазъи ширкат ва дурнамои рушди он барои давраи дарозмуддат мебошад, ки хулосаҳо ва тавсияҳо танҳо дар сурати таҳлили иттилоотҳои мавҷуда имконпазир мегардад. Яке аз вазифаҳои асосӣ ин зинаи идоракунӣ майян кардани дақиқии таъминоти иттилоот ва арзёбии холисонаи омилҳои мутассир ба он мебошад.

Нишондиҳандаҳое, ки ҳолати рушди ширкати сайёҳиро тавсиф мекунанд, инҳоянд:

- ташрифи сайёҳон;

- сатҳи қаноатмандии сайёҳон;

- давомнокии миёнаи будубоши сайёҳон бо ба инобат гирифтани фазои мусоиди ширкат;

- оптималикунонии сохтори хароҷоти ширкат, ки ба максималикунонии даромад ва минималикунонии хароҷот имконият медиҳад ва ғайраҳо.

Оид ба фаъолияти ширкат бояд аз сайёҳоне, ки ба ширкати сайёҳӣ

ташриф меоранд, хусусан сайёҳони хориҷӣ пурсишнома гузаронида бо мақсади мутобиқ гардонидани фаъолияти он ба стандартҳои ҷаҳонии сифат ISO, Management Total Qvolity таҳлили маҷмӯии сифат анҷом дода шавад. Иҷроиши амалҳои пешниҳодгардида яке аз самтҳои такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизмарасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ буда усули пурсишномавӣ ва таҳлили илман асоноки натиҷаҳои он аз роҳҳои маъмули ташаккули корхонаҳои дар соҳа амалкунанда мебошад. Таҳлили тағйирёбии ҳолати бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ва тамоюлҳои пешомадаро дар тӯли солҳо ба инобат гирифта, имкониятҳои ширкатҳои сайёҳиро барои беҳтар кардани фазои пешниҳоди хизматрасонӣ дар марҳилаҳои оянда ва дарозмуддат мусбат арзёбӣ намудан мумкин аст.

Зимни таҳлил ва андешидани чораҳои имконпазир бо ҳамин роҳ сурат гирифта, ширкат барои муқоиса маҳсулоти заруриро барои пешниҳод таҳия менамояд. Дар амалия, бояд барои муқоиса маҳсулот ва хизматрасониҳои якчанд ширкатро интихоб намудан зарур аст. Ҳангоми муқоиса муқаррар кардан муҳим аст, ки таносуби нарх ва сифати хизматрасонӣ барои сайёҳ мусоид бошад.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши оддии нархҳои фурӯши тамоми хизматрасониҳо ё хизматрасонии инфиродӣ талаботи сайёҳро ба таври кофӣ таъмин карда метавонад ё баръакс, зеро бинобар набудани гурӯҳбандии иншооти ҷойгиронӣ, ки барои ҳама кишварҳо ва минтақаҳо амал мекунанд, категорияи баробар муқарраршудаи баъзеҳо аз онҳо фарқиятҳои назаррасро дар шароити фароғат инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, бояд таҳлили маҳсулоти сайёҳӣ, яъне кадом намуди хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд ва дар кадом сатҳ бояд санҷида ва баҳодиҳӣ карда шаванд. Раванди мазкурро амалишуда метавон ҳисобид, агар таҳлили ҳолати пешниҳоди хизматрасонӣ ба муайян кардани маҳз кадом ширкате, ки ба миқдори муайян дар буҷаи сафари сайёҳ пешбинӣ шудааст, хизматрасони беҳтарро пешниҳод намоянд.

Таҳқиқоти талабот бояд дар дохили бозорҳои муайяни гузаронида шаванд. Барои тавсиф кардани талабот нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ

истифода мешаванд. Пойгоҳи аввалия шумораи аҳолии қаламрав мебошад. Таъсири омилҳои гуногун ба ҳаракати туристии аҳолӣ дар асоси нишондиҳандаи сафархат мушаххас карда мешавад. Ин нишондиҳанда бо фоиз ифода карда мешавад ва нишон медиҳад, ки кадом қисми аҳолии ин ё он қаламрав дар соли муайян сафарро ба нақша гирифтаанд. Нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки талаботро тавсиф мекунанд, инчунин инҳоро дар бар мегиранд: шумораи сайёҳон ва саёҳатҳо аз рӯи кишварҳо, моҳҳо, намудҳои воситаҳои нақлиёт, истифодаи иншооти ҷойгиршуда, давомнокии миёнаи сафар, хароҷоти сафар барои як нафар ва ғайра.

Нишондиҳандаҳои сифатӣ барои тақсимоти талабот ба сайёҳӣ дар байни гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии дорои эҳтиёҷот заруранд. Дар байни онҳо ду гурӯҳро ҷудо кардан мумкин аст: рафтори сотсиологӣ ва тавсифӣ дурусти он ҳангоми сафар. Талаботи аввалиро аз рӯи чунин меъёрҳо тавсиф мекунанд: синну сол, ҷинс, вазъи иҷтимоӣ, касб, даромад ва ғайра, ва дуюмӣ бошад, мувофиқи меъёрҳои сайёҳии сайёҳӣ – намуд, ҳадафи сафар, маконҳои сафар, фасл ва ғайра.

Дарёфти ҳолати талабот ва тақозои шахс дар бозори сайёҳӣ нуқтаи ибтидоӣ барои қабули қарорҳо дар бораи амалҳоиояндаи ширкат мебошад. Ин қарорҳо бояд ҳамчун ҳадафҳо бо мақсади ҳамоҳангсозии тамоми корҳо ва таъмини консентратсияи захираҳо дар самтҳои афзалиятноки интихобшудаи фаъолият таҳия карда шаванд. Бидуни муайян кардани ҳадафҳо, дар дохили ширкати сайёҳӣ амалҳои ҳамоҳангшуда ва нигоҳ доштани афзалият инчунин баъзе соҳаҳои фаъолият бидуни зарар ба дигарон душвор аст. Ҳадафҳо ба таври возеҳ таҳия шудаанд ва мӯҳлатҳое нишон дода шудаанд, ки дар доираи онҳо бояд амалӣ шаванд.




**Сарчашма:** таҳияи муаллифи диссертатсия

**Расми 14. -** Стратегияи маркетинги рушди сифати ширкатҳои сайёҳӣ

Дар идомаи таҳқиқот стратегияи рушди механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ таҳия карда мешавад,

ки бо ёрии он ҳадафҳои пешбинишуда ба даст оварда мешаванд. Стратегияи ширкат самтҳои асосии фаъолиятро барои давраи дарозмуддат (5-10 сол) муайян намуда унсурҳои зеринро дар бар мегирад: идеяи таҳияи маҳсулоти нави сайёҳӣ, фарқ кардани бозор ва муайян кардани гурӯҳҳои мақсаднок, ташаккули стратегияи таблиғотӣ, ҷамъоварии молҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ барои истифодабарандагони гуногун. Марҳилаҳои асосии таҳияи стратегияи мазкур барои ширкатҳои сайёҳӣ дар расми 14 пешниҳод карда мешавад

Дар таҳқиқот ба тарҳрезии стратегияи рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ расми 14. диққат дода шуда қайд гардидааст, ки бо дарназардошти тақвият бахшидани омилҳои муқарраргардида баландбардории сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ яке аз ҷузъҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Вобаста ба ҳолати рушд таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ барои афзоиши таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагони он нақши муҳим мебозад. Ин раванд муддати дуру дарозро дар бар мегирад. Ҳангоми таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ талаботҳои доимо тағирёбанда ва пайваста афзоянда бояд ба назар гирифта шаванд. Афзалият ба маҳсулоти туристиро на танҳо сатҳи баланди хизматрасонӣ бо нархи ҳадди ақали бозорӣ, балки хусусияти инфиродии пешниҳод, намуди зоҳирии маҳсулоти сайёҳӣ, ки такрор намешавад ва мавқеи рақибони пешсаф таъмин менамояд.

Шароити имрӯзаи рушди соҳаи сайёҳӣ гувоҳи он аст, ки барои эҷоди як намуди маҳсулоти сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ба ширкатҳои сайёҳӣ зарур аст, ки тамоми имконоти зерсистемаҳои иҷтимоиро истифода баранд: истеҳсолӣ, дохилии меҳмонхонаҳо, ҷойҳои истироҳатӣ ва ғайра. Бо дарназардошти бандҳои зикргардида эҷоди усули мушаххаси идоракунии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ аз ҷониби ширкатҳо муҳим мебошад. Дар амалияи идоракунии объектҳои ширкатҳои сайёҳӣ: омода намудани хӯрокҳои миллӣ, эҳёи анъанаҳои қадимӣ, анъанавӣ (кулолӣ, коркарди металл ва ғ.) бо мақсади омода кардани тӯҳфаҳои хотиравии ҷолиб, беназир, табиӣ ва биологӣ - ба

пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ дохил кардани падидаҳои табиӣ аз қабили расмҳои доманакӯҳҳои муъҷизаофари Помир, қаторкӯҳҳои Ҳисору-Олой, Зарафшон, Шоҳон – зи – Ғар, Ҳазорчашма, Ҳафткул, Қайроқумум, Сарез, Зоркул, Рангинкул, Муғ, Искандаркул, Боғи миллӣ ва дигар ҷойҳои муқаддас ва ғайра зарур мебошад. Бо дарназардошти хусусиятҳои этнографӣ - ҷиҳати эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, маросимҳои фолклорӣ омода ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ ба сайёҳон ҳаловати дигаре зам менамояд. Симои эҷодшудаи маҳсулоти туристии пешниҳодшуда ва муносибати мусбӣ ба он бояд тавассути маъракаҳои таблиғотии фаъол дастгирӣ карда шаванд. Ин раванди пешниҳод имконият медиҳад, ки маҳсулот дар бозоре, ки истеъмолкунандагонаш ашхоси гуногунандеш ҳастанд бештар муаррифӣ карда шаванд.

Тафовути бозор ё тақсимоти маҳсулоти он ба бозорҳои алоҳида маънои аслии интихоби истеъмолкунандагонро дорад, ки эҳтиёҷоти онҳоро тавассути пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии мавҷуда қонеъ гардонидан мумкин аст. Пешниҳоди ҳама гуна хизматрасониҳои имконпазири сайёҳӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷ, хоҳиш ва завқи инфиродӣ аз ҷиҳати ташкилӣ душвор татбиқ карда мешавад. Ширкатҳои сайёҳӣ, ки мехоҳанд хизматрасониҳои гуногунро пешниҳод кунанд, бидуни усули илман асоснокшуда фаъолият намуда одатан муштариёнро аз даст медиҳанд. Тамоюли рушди ширкатҳои сайёҳӣ ба гурӯҳҳои муайяни истеъмолкунандагон имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолият ва сифати хизматрасониҳоро баланд бардоранд.

Интихоби амалҳои мақсаднок аз ҷузъҳои асосии таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ буда мебошад. Хатогиҳо дар раванди такмили маҳсулоти пешниҳодшуда боиси камистеъмоли ва сифати пасти хизматрасонӣ шуда метавонанд.

Дар марҳилаи дигар, пешниҳод ба роҳи усули дастёбии маркетингӣ анҷом дода мешавад. Барои гурӯҳҳои мавриди ҳадаф, ки ниёзҳои шабеҳ доранд, молҳо ва хизматрасониҳои сайёҳӣ интихоб карда мешаванд, ки қодиранд талаботи худро ба маҳсулоти сайёҳӣ пурра қонеъ мегардонанд.

Интихоби дурусти хизматрасониҳо бо усули дастёбӣ таҷассумгари хусусияти минтақа буда аз ҷиҳати миқдор ва сифат ба сайёҳ имкон медиҳад, ки пеш аз оғози сафар дар бораи хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва нархи онҳо маълумот дастрас намоянд. Чунин тарзи бархурди интихоб барои сайёҳ дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳоро то андозае осон мекунад ва аз ин рӯ, диққати ӯро бештар ба ширкат ҷалб мекунад. Дар ҳолати ташкили фароғат дар соҳили кӯлу, баҳрҳо метавонад нақлиётро (ҳавопаймо ва автобус) ба истироҳатгоҳ, ҷойгиркунии меҳмонхонаҳо, хӯрокхӯрӣ, хизматрасонии экскурсионӣ, иштирок дар якчанд экскурсияҳо, дар чорабиниҳои хусусияти миллидошта гирифтани тӯҳфаҳо (дастурҳо, тӯҳфаҳо, кортҳо бо манзараи истироҳатгоҳ ва ғ.) бештар таваҷҷӯҳи ташрифоварандагонро ҷалб намояд.

Дар чунин шароит вазифаи навбатии ширкатҳои сайёҳӣ муайян кардани шакли самарабахши пешниҳоди хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ мебошад.

Дар шароити муосири бозори сайёҳӣ, вақте ки заминаи нави моддӣ босуръат меафзояд ва рушд мекунад, пешниҳод босуръат меафзояд ва ғанӣ мегардад, барои истеъмолкунандагон ҷараёни иттилооти соҳавиро муқаррар кардан душвор аст. Барои ташаккули раванд оптималликунонии фаъолияти ширкати сайёҳӣ ниҳоят зарур мебошад. Аз ин рӯ, шакли иштироки ғайримустақими ширкатҳои сайёҳӣ дар фурӯш осонтар мегардад, ки дар он миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ эътибор пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, марҳилаҳои навбатии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба истифодаи стратегияи ширкат алоқаманд буда аз бандҳои зерин: интихоби маҷмӯи усулҳои таҳлили барои таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ; назорати доими ҷиҳати амалишавии стратегияи рушди ширкат ва татбиқи ҳадафҳои пешгузошташуда ва .ғ. Дар қисми хотимавии параграфи мазкур муаллиф зарурияти таҳияи стратегияи хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳиро дар фароҳам овардани муҳити рушди мутавозини соҳаи сайёҳӣ алоқаманд шуморида барои пурра гардидани он таҳқиқи самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди онро муҳим арзёбӣ менамояд.

## 3.2. Такмили механизми дастгирии давлатии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ ва таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бахшидашуда шаҳодат медиҳад, ки механизми ташикилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ барои истифодаи пурраи захираҳо, инчунин ташкили фаъолият ва татбиқи маҷмӯии механизми соҳаи сайёҳӣ ва фарохам овардани шароити зарурӣ муҳим мебошад.

Такмили механизми ташикилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бояд ҳамчун воситаи асосии идоракунии соҳаи зикргардида ба инобат гирифта шавад. Аз ин рӯ, он бояд ба принсипҳои асосии такмили низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ пазируфта шуда, мояи ташаккул ва рушд ба технологияи идоракунии фаъолияти иқтисодӣ мувофиқат кунад. Дар амалияи идоракунӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи низомҳои муташаккили идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ, бояд зерсистемаи идоракунии он бо истифодаи технологияи электронӣ бунёд карда шавад. Таҳлили раванди мазкур шаҳодат медиҳад, ки то кунун низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ бидуни истифодаи технологияҳои рақамӣ анҷом дода мешуд.

Аксарияти ширкатҳои дар соҳа амалкунанда диққати асосиро ба зиёд намудани даромад диққат додаанд, ки он бидуни истифодаи усулҳо ва механизмҳои ташкилӣ ба роҳ монда шуда боиси эҷоди монеаҳо дар фаъолияти идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ гардидааст. Истифодаи усулҳо ва механизмҳо раванди идоракуниро ба бовари асоснок намуда имконият медиҳад, ки ширкат фаъолияташро барои давраи дарозмуддат ба роҳ монад. Ҳангоми ташкили низоми идоракунии сифати хизматрасонии сайёҳӣ ин тарзи корбурд бояд ҳаматарафа истифода шавад. Дар чунин шароит бояд аввал диққати асосӣ ба инобат гирифтани иқтидори ширкати сайёҳӣ ва soniян дар бораи менеҷмент, ва сифати маҳсулоти таҳиягашта, хизматрасониҳои дигар: нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, ҳолати маишӣ ва фаъолияти идоракунии кормандоне, ки

хизматрасониҳои сайёҳӣ ва дигар хизматрасониҳоро ба шохаи сеюми истеъмолкунандагон пешниҳод менамоянд, равона карда шавад.

Низоми ҳамгироишудаи идоракунии сифати хизматрасонии сайёҳӣ маҷмӯи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманди техникӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки бо меъёрҳо ва стандартҳои таҳиякардаи ширкати сайёҳӣ, инчунин воситаҳои техникӣ ва ташкилӣ алоқаманд мебошад.

Дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияти субъектҳо на танҳо дар доираи қонунҳои амалкунандаи иқтисодӣ, балки аз омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, рафтори кормандоне, ки ба пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ машғуланд, бояд ба амалишавии ин омилҳо, ки ба шуури онҳо бо андӯхтани дониши иқтисодӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ ҳосил мешавад, мутобиқ карда шавад.

Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бояд бо дарназардошти таҷрибаи пешрафати хориҷӣ таҳия гардад, инчунин истифодаи усулҳои маъмули илмӣ ва таҷрибаи ширкатҳои фаромиллие, ки ба сатҳи баланди рушд ноил гардидаанд, алоқаманд мебошад.

Рушди минбаъдаи хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ аз як қатор унсурҳое иборат аст, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Тибқи арзёбиҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар соҳа қабулшуда, самтҳои асоси такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди ширкатҳои сайёҳӣ: минтақаҳои сайёҳӣ, воситаҳои маишӣ, равандҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ғ. мебошанд. Дар соҳаи сайёҳӣ ин унсурҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: унсурҳои марбут ба сифати молҳо, маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии сайёҳӣ; унсурҳое, ки назорати амалиётиро аз болои сифати маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ бо тамоми имкониятҳояшон ташкил медиҳанд;

- унсурҳои марбут ба ҳайати маъмурӣ, технологии раванд, дастгирии иттилоотӣ;

- стандартҳо ва қоидаҳои амалкунии ширкатҳои сайёҳӣ, стандартҳои давлатӣ, талаботи техникӣ, ҳуҷҷатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ғайра.

Вазифаҳои асосии идоракунии сифати хизматрасонии сайёҳӣ ба таҳияи

санадҳои меъёрию ҳуқуқии тавсеабахшандаи фаъолияти соҳа ё маҷмааи сайёҳӣ маҳсуб мебошанд. Ба рушди онҳо расман ташкили чорабиниҳои ташкилӣ, маданӣ, савдо ва механизми ташкилию ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Раванди мазкур бояд бо дарназардошти хусусиятҳои соҳа: ташакили маҷмааи сайёҳӣ ва шуғли инфиродии аҳолӣ, ки пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳиро ба роҳ мемонанд зарур мебошад. Таҳияи чорабиниҳои иловагӣ фаъолияти низоми ширкатҳои сайёҳиро мушкил мегардонад.

Барои маҷмааи сайёҳӣ андешидани чорабиниҳои зерин:

- ташкил ва назорати сифати маҳсулоти сайёҳӣ ва молҳое, ки дар мағозаҳои ширкатҳои сайёҳӣ фурӯхта мешаванд;
- ҳиссаи бештари кормандони ширкатҳои сайёҳӣ ба ин корҳо ҷалб карда шудааст, ки аз ҳисоби онҳо зиёда аз 50% гардиши мол ба амал меояд;
- назорати сифати хизматрасонӣ дар асоси чорабиниҳои махсусгардонидашуда, мувофиқ мебошанд.

Самтҳои зикргардида бояд тибқи тартиби муайяншуда ба роҳ монда шавад ва мониторинги сифати хизматрасониро дар фаъолияти ширкатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ва дар он тартиби пешниҳоди маҳсулот дар бандҳои мушаххас дарҷ гардидааст, мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ нишон медиҳанд, ки баҳодиҳии сифати хизматрасонии сайёҳӣ дар шароити идоракунии ширкат аҳамияти ниҳоят калон дорад. Ин нишондиҳандаҳо, тартиб, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои роҳбарони шуъбаҳо, гурӯҳҳо, инчунин тарзи баҳодиҳии сифати кори кормандони алоҳида, объектҳо ва намудҳои фаъолиятро муқаррар мекунад: интихоби меъёрҳо, тахассуси кадрҳо, танзими талабот оид ба таъини роҳбарони сохторҳои ширкат ва ташаккули идоракунии он, сатҳи маълумотнокии онҳо, такмили низоми идоракунӣ ва ғайраҳо. Самтҳои мазкур ба фаъолияти ҳамаи равандҳои идоракунии ширкат алоқаманд буда ба такмили ихтисоси кормандон майл менамояд ва ба пурзӯр шудани нақши меҳнати фикрӣ дар ташаккули ширкатҳои сайёҳӣ мусоидат менамояд. Дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафти илмӣ-

техникӣ мувофиқ ба талаботи замони имрӯза мебошад. Ҳадафи он ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳо ва воситаҳои техникӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои бештар ва минималикунонии хароҷоти ширкат мебошад.

Ташкили зернизоми идоракунӣ бояд дар сатҳҳои мухталиф ба роҳ монда шаванд: идоракунии иншооти сайёҳӣ ҳамчун пайванди фаъолияти иқтисодӣ, дирексия ё аз рӯи намуди фаъолият (хӯрок, манзил, нақлиёт ва ғ.), ки аз ҷузъи асосии ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд, ки тамоми фаъолиятҳои марбут ба пешниҳоди хизматрасонии сайёҳии ширкатро идора менамоянд. Ҳайати идоракунии ширкатро, ки минбаъд сардорони раёсатҳо, мудирони шуъбаҳо, намояндагони бахшҳоро ташкил медиҳанд бояд мутахассисони баландихтисос бошанд.

Дар ширкатҳои сайёҳӣ созмон додании бахши таъмини бехатарӣ, истеҳсолӣ ҷиҳати баҳодиҳии натиҷаҳои роҳбарӣ ва назорат аз болои бехатарии фаъолияти ширкат зарур мебошад.

Таҳлили талаботи истеъмолкунандагон нишон дод, ки пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ дар бисёре аз ширкатҳои сайёҳӣ бидуни назардошти талаботи истеъмолкунандагон ба роҳ монда мешавад. Дар натиҷа, маҳсулоти сайёҳӣ, ба бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ барои истифода номувофиқ мебошанд. Мутаносибан, дар шароити бозор чунин маҳсулот рақобатпазир буда наметавонад. Дар натиҷа маҳсулот ва хизматрасонии ширкати сайёҳӣ рақобатпазириашро аз даст медиҳад.

Таҳлили сатҳи қаноатмандии истеъмолкунандагони ширкатҳои сайёҳии миллӣ нишон доданд, ки дар маҷмӯъ посухдиҳандагон аз сифати маҳсулоти туристии истеъмолшуда қаноатманд мебошанд. Аммо, истеъмолкунандагон сатҳи пасти захираҳои иттилоотиро доир ба фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ қайд карданд, ки ин, бешубҳа, ба такмили самтҳои механизми хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки тамоюлҳои зерин, ки ба рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ таъсир мерасонанд, ба низом

даровардa шаванд:

1. ***Тағйирёбии талабот.*** Фаъолияти ширкатҳои сайёҳие, дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ амал менамоянд ба тағйироти куллӣ ниёз доранд. Тағйирёбии раванди фаъолият талаботҳои навро ба миён меорад. Аз ин рӯ, ба ширкатҳои сайёҳӣ лозим аст, ки фаъолияти худро мутобиқи шароити бозор танзим намуда, ба сифати маҳсулоти туристии худ кафолат диҳанд.

2. ***Таъмини сифат.*** Дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ афзоиши рақобат ба назар мерасад. Имрӯзҳо ширкатҳои сайёҳӣ бояд маҳсулоти баландсифат истеҳсол кунанд. Фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар таъмини сифати баланди маҳсулоти тайёр ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ рақобатпазирии онро дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ муайян мекунад.

Дар робита ба ин, бо бовари метавон гуфт, ки бояд самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ҷиҳати таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ ташаккул дода шавад, ки ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон, истеҳсоли маҳсулоти туристии ба талаботи бозор мувофиқ равона карда шуда, имкон диҳад то мавқеи пешсаф дар афзоиши рақобат дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ ба роҳ монда шавад.

Низоми мазкур бояд тамоми марҳилаҳои давраи ҳаётии маҳсулоти сайёҳиро фаро гирад: маркетинг ва таҳқиқоти бозор, таҳлили талабот ба сифати маҳсулоти сайёҳӣ, банақшагирии маҳсулоти сайёҳӣ, раванди пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, раванди назорат, сифати маҳсулоти сайёҳӣ, раванди омӯзиши қаноатмандии муштариён ва монанди инҳо.

Механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бояд ҳамчун воситаи такмили фаъолияти идоракунии ширкат қабул карда шавад. Аз ин рӯ, он бояд ба принсипҳои асосии менеҷмент, сохтори ташкилӣ ва технологияи идоракунии фаъолияти иқтисодӣ мувофиқат кунад. Ҳангоми таҳия ва татбиқи системаи идоракунии ширкати сайёҳӣ, бояд зерсистемаи идоракунии сифати хизматрасонии сайёҳӣ таъсис дода шавад.

Системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ маҷмӯи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманди техникӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки бо

меъёрҳо ва стандартҳои аз ҷониби ширкати сайёҳӣ таҳияшуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии танзимсозандаи фаъолияти соҳа ба роҳ монда шаванд. Дар раванди таҳия ба низар гирифтани хусусиятҳои техникӣ ва иқтисодию ташкилии ширкатҳои саёҳӣ зарур мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиш мо ба хулосае омадем, ки системаи идоракунии сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд ба такмил додани раванди пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ равона карда шавад, ки сифати он иқтидори агентии сайёҳиро барои расонидани хизматрасониҳое, ки талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонад, мувофиқи мақсад мебошад.

Механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бояд хусусиятҳои хоси маҳсулоти сайёҳӣ ва хусусияти фаъолияти корхонаҳои туристиро ба назар гирад:

- пешнҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- робитаи мустақими пешҳодкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ.

Дар раванди пешниҳоди хизматрасонӣ, истеъмолкунанда сатҳ, дониши касбӣ, малакаҳои иҷтимоии кормандони ташкилоти сайёҳиро дарк мекунад ва баҳо медиҳад. Вобаста ба ин чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки доираи фаъолияти пешниҳодкунандагони маҳсулои сайёҳӣ гуногун буда метавонад.

1. Онҳо метавонанд дар асоси барномаҳо ва стандартҳои қабулшудаи соҳаи сайёҳӣ татбиқ карда шаванд.
2. Онҳо дар асоси созишномаи байни ташкилоти сайёҳӣ ва истеъмолкунанда пешниҳод карда мешаванд.

Аз ҳамин хотир идоракунии раванди пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ хусусияти монанд ба идоракунии равандро дорад. Дар ин шароит бояд марҳилаҳои ба даст овардан ва арзёбии натиҷаҳои мобайнӣ ва ниҳоӣ муайян карда шаванд.

Ин хусусиятҳои умумии раванди пешниҳоди хизматрасониро ба таври куллӣ фарқ мекунанд ва ба зарурати тафсири махсуси системаи идоракунии

сифати хизматрасниҳои ширкати сайёҳӣ оварда мерасонанд.

Системаи идоракунии сифати хизматрасонии сайёҳӣ аз якчанд унсурҳое иборат аст, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Тибқи истилоҳоти дар ин соҳа қабулшуда, унсурҳои системаи идоракунии сифат инҳоянд: чораҳо, воситаҳои техникӣ, равандҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки татбиқ ва фаъолияти онҳоро ташкил медиҳанд ва таъмин мекунанд. Дар соҳаи сайёҳӣ ин унсурҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- унсурҳои марбут ба сифати молҳо, маҳсулоти ва хизматрасонии сайёҳӣ;
- унсурҳое, ки назорати амалиётиро аз болои сифати маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ бо тамоми навъҳояшон ташкил медиҳанд;
- унсурҳои марбут ба ҳайати маъмурӣ, технологии раванд, дастгирии иттилоотӣ.

Хусусиятҳои раванди пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ ва системаи идоракунии сифат сатҳи воқеӣ ё дилхоҳи хизматрасониҳо аз ҷониби ширкати сайёҳӣ тавсифшавандаро ифода мекунанд. Талабот ба хизматрасонии сайёҳӣ дар системаи идоракунии сифат муҳимтар аст, зеро онҳо бояд ҳамасола таҷдид ва танзим карда шаванд.

Ҳангоми ҷорӣ кардани системаи идоракунии сифат барои маҳсулоти сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ афзалиятҳои зеринро ба даст меоранд:

***1. Барои ширкатҳои сайёҳӣ дар маҷмӯъ:***

- бартараф кардани монеаҳои байнисоҳавӣ;
- ташкилии гурӯҳҳои корӣ оид ба баланд бардоштани сифат ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба бахшҳои гуногуни ширкат;
- муносибатҳои байни субъектҳо аз рӯи принсипи «Молрасон истеъмолкунанда».

Дар сурати ба назар гирифтани бандҳои болозикр самаранокии ширкати сайёҳӣ дуруст танзим карда мешавад. Дар ин миён натиҷаи раванди такмили мол, такрористеҳсол ва самти фаъолияти ширкати сайёҳӣ баромад намуда рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ меафзояд.

***2. Барои роҳбарияти ширкатҳои сайёҳӣ:***

- сиёсати сифат, стратегияи рушд ва ҳадафҳои ширкати сайёҳӣ ба сатҳҳои поёнии менеҷмент пешбинӣ карда мешаванд, ки ба эҷоди системаи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳогузории самаранокии равандҳо, воҳидҳои сохторӣ, фаъолияти менеҷерон ва кормандон таъсир мерасонанд;

- масъулият ва салоҳият раванди муштараканд, онҳо дар асоси ҳамкорӣ такмил дода мешавад;

- аудити дохилӣ барои муайян кардани самтҳои баланд бардоштани сифати раванди технологӣ ва фаъолгардонии фаъолияти роҳбарони шӯъбаҳо ва кормандон гузаронида мешаванд.

3. Чорабиниҳо барои кормандони ширкатҳои сайёҳӣ:

- самаранокии ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳоро меафзояд;

- фаъолияти ҳар як корманд такмил меёбад;

- имконияти иштирок дар такмили раванди фаъолияти худ ва дар маҷмӯъ ширкати сайёҳӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба аудиторони дохилӣ ба вуҷуд омада сатҳи қаноатмандии кормандон меафзояд.

4. Барои истеъмолкунандагон:

- кафолати ба даст овардани маҳсулоти босифати сайёҳӣ, ки ба ниёзҳои сайёҳон ҷавобгӯ аст.

- тартиби ташкилии системаи идоракунии сифати маҳсулоти туристии ширкати сайёҳӣ, аз ҷумла марҳилаҳои таҳия ва татбиқи он пешниҳод карда мешавад.

Марҳилаҳои асосии самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ аз зербандҳо иборат мебошанд.

Марҳилаи аввал ин аз ҷониби роҳбарияти ширкати сайёҳӣ қабул кардани қарори нав оид ба таҳияи маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Раванди идоракунии самаранок барои маҳсулоти сайёҳӣ ва таъини корманди ихтисосманд, ки ба ӯҳдадориҳояшон таҳия, татбиқ ва нигоҳдории равандҳое, ки системаи идоракунии сифати маҳсулоти сайёҳӣ талаб мекунад, дохил мешаванд.

Марҳилаи дуввум ташкили гурӯҳи корӣ барои таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ мебошад

Такмили раванд ба танзими саривақтии эҳтиёҷдошта тасдиқи ҷадвали татбиқи системаи идоракунии сифат аз ҷониби ҳайати кормандон зарур мебошад. Ба гурӯҳи корӣ на танҳо кормандони масъули идоракунии раванд, балки сардорони шӯъбаҳо низ шомил бояд бошанд.

Дар марҳилаҳои дуюм зербандҳое муқаррар карда шудааст, ки ба ташкили раванди идоракунии сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонанд:

1. Қабули қарор дар бораи ташкили системаи идоракунии раванд барои маҳсулоти сайёҳӣ, таъин кардани намояндаи менеҷменти сифат.

2. Таъсиси гурӯҳи корӣ ва таъини роҳбари он. Тасдиқи «Низомнома дар бораи гурӯҳи корӣ».

3. Таъмини сатҳи зарурии огоҳии кормандони ташкилоти сайёҳӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ.

4. Банақшагирии фаъолият оид ба татбиқи системаи идоракунии сифати маҳсулоти сайёҳӣ. Муайян кардани талаботи истеъмолкунандагон ба сифати маҳсулот.

5. Муайян кардани тартиби ҳуҷҷатҳои зарурӣ. Муайян кардани омилҳое, ки раванди идоракунии сифати хизматрасониҳои ширкати туристиро метезонанд.

6. Таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои бо мақсади назорати қатъи аз болои истеҳсолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ.

7. Татбиқи фаврии дастурҳо ва амалҳое, ки боиси рушди ширкат мегардад.

8. Ташкили аудити дохилӣ бо мақсади  ба таври шаффоф ба роҳ мондани раванди идоракунӣ дар ҳама зинаҳои роҳбарӣ.

Самтҳои фаъолияти ширкати сайёҳӣ ба кормандони соҳавӣ, сармуҳосиб, сардорони шӯъбаҳо, ки аз рӯйи ҳуҷҷати тасдиқшуда «Вазифаҳои функсионалӣ» аз ҷумла роҳбари ширкат амал менамояд, зарур аст.

Марҳилаи сеюм ташкили сатҳи зарурии огоҳии кормандони ташкилоти

сайёҳӣ дар бораи манфиатҳои раванди такмили идоракунӣ мебошад.

Марҳилаи чорум - банақшагирии чорабиниҳо оид ба татбиқи технологияфҳои пешрафта ва муайян намудани талаботи истеъмолкунандагон ба сифати маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Ҳангоми банақшагирии маҳсулоти сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки аз нақшаҳо, ҳадафҳо, ки тақсимоти масъулият ва ваколатҳо, захираҳои зарурӣ, мӯҳлатҳои таҳия, афзорҳои махсусгарднидашудаи истифодашаванда, нуқтаҳои назорат дар марҳилаи рушд, рӯйхати усулҳо ва ҳуҷҷатҳои истинодии истифодашуда, усулҳои тасҳеҳи нақшаи ширкат, усулҳои тафтиши ва ҳадафҳо гузошташуда муайян карда шавад.

Марҳилаи панҷум - таҳлили ҳолати воқеии ҳуҷҷатҳои ҷорӣ, таркиб ва мундариҷаи он ва шабакаҳои махсусгардонидашудаи ширкати сайёҳӣ мебошад. Ҳангоми тавсифи равандҳо, гурӯҳи корӣ бояд муайян намоянд, ки чӣ гуна онҳо воқеан иҷро мешаванд, дар онҳо кадом монеаҳо мавҷуданд, кадоме аз онҳоро сарфи назар кардан мумкин аст ва он бояд дар лоиҳаи қарорҳои қабулмешудаи такмили раванди идоракунӣ ба назар гирифта шавад.

Дар марҳилаи шашум ҳуҷҷатҳои ҷиҳати тақвият бахшидани раванди идоракунии маҳсулоти сайёҳӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ширкати сайёҳиро «Сиёсати бисёрсамта», «Дастурҳои ҳадафманд», оинномаҳо дар бораи бахшҳои сохторӣ, тавсифи вазифавии кормандон, дастурҳои кориро дар бар мегиранд.

Ҳуҷҷатҳои нав «Сиёсати бисёрсамта», «Дастури ҳадафманд», мебошанд. Ба назари мо сиёсат дар соҳаи такмили механимзҳои идоракунии ширкати сайёҳӣ - ҳуҷҷатест, ки самтҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии ширкати сайёҳиро дар соҳаи сифат муайян менамояд. Дастури ҳадафманд ҳуҷҷати асосии низоми идоракунии на танҳо сифат балки такмили усулҳо ва механизмҳо мебошад, ки барои нигоҳ доштани система дар ҳолати корӣ ҳамчун маводи арзишманд хизмат мекунад. Дастури ҳадафманд дорои доираи системаи идоракунии сифати маҳсулоти сайёҳӣ, расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ барои системаи сифат таҳияшуда ё ишораҳо ба онҳо, тавсифи ҳамкории равандҳо дар системаи

идоракунии сифат мебошад.

Марҳилаи ҳафтум татбиқи амалии равандҳои идоракунӣ мебошад. Ин вазифа ба зиммаи гурӯҳи корӣ гузошта шудааст ё хизматрасонии он мақоми кории системаи идоракунии салоҳиятноки маҳсулоти сайёҳиро дар бар мегирад.

Дар чунин шароит самтҳои асосии такмили равандҳо инҳо буда метавонанд:

- иштирок дар таҳия ва тасҳеҳи сиёсати шимркатҳои сайёҳӣт;
- роҳбарии методӣ оид ба татбиқ, истифода ва такмили низоми идоракунии ҳадафманд;
- ҳамоҳангсозии корҳои таъмини раванди идоракунӣ;
- таҳия ва назорати доимии иҷрои барномаҳои мақсаднок оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулоти сайёҳӣ;
- муайян кардани мушкилоти воқеӣ ва эҳтимолии ширкат;
- муайян кардани ҳаҷми корҳои зарурӣ оид ба таъмин, идора ва баланд бардоштани сифат;
- назорати заминаи моддию техникӣ, таъмини маҳсулоти сайёҳӣ бо сифати хизматрасонӣ;
- таҳияи усулҳои махсуси таъмини сифати маҳсулоти сайёҳӣ;
- ҷамъоварӣ, ба низом даровардан, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти иттилоот дар бораи маҳсулоти ширкат;
- ташаккул ва нигоҳдории фонди ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, методӣ оид ба сифати маҳсулоти сайёҳӣ;

Марҳилаи ҳаштум ташкили аудити дохилии системаи идоракунии сифати махсулоти сайёҳӣ мебошад. Дар ширкатҳои сайёҳӣ, ки таъсиси хизматрасонии аудити дохилӣ дар шакли воҳиди сохтории алоҳида мушкил аст, аудити системаи идоракунии сифати маҳсулоти туристиро гурӯҳҳои муваққатии барои ин мақсад ташкилшуда гузаронида метавонанд. Ҳамзамон, вазифаҳои аудиторҳо (бидуни озодӣ аз кори асосӣ) ба зиммаи мутахассисони бахшҳои дигари ширкати сайёҳӣ гузошта мешаванд, ки бо таҳия ва фаъолияти

низоми сифат алоқаманданд.

Ҳамин тариқ, самтҳои асоси  такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ марҳилаҳои асосии зеринро пешбинӣ мекунад: банақшагирӣ, омодагӣ ва татбиқи аудит, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, таҳияи санадҳои зарурӣ, назорат ва пешниҳоди шаклҳои муосири хизматрасонӣ мебошад.

Дар сохторҳои инфиродии сайёҳӣ, воҳидҳо ва зертобеони онҳо бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ ба сатҳи кишварҳои пешрафтаи ин соҳа, метавон аз истифодаи системаи баҳодиҳии сифати хизматрасонии сайёҳӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои инфиродӣ оғоз кард ва пас тадриҷан ба ташкили системаи ҳамгирошуда ва такмилёфтаи низоми идоракунии хизматрасонии сайёҳӣ оғоз намуд. Барои ҳамин ҳам зинаи муҳими таҳқиқоти мазкур ба татбиқи механизмҳои асосии ташкилию иқтисодии рушди иқтидори хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ доман густурда баррасии он дар шароити имрӯза муҳим мебошад.

## 3.3. Роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ

Шароити муосир, ки бо афзоиши муносибатҳои рақобат хос аст, субъектҳои бозори хизматрасониро вазифадор мекунад, ки ба ҳалли мушкилоти соҳаи хизматрасонӣ дуруст ва мақсаднок муносибат наоянд. Дар шароити ҷаҳонишавии бозори хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти баланд бардоштани такмли механизмҳои раванди пешниҳоди хизматрасонӣ дар корхонаҳои меҳмонхонаҳо, ки дар муҳити рақобат фаъолият мекунанд, мубрам мебошад. Бунёди ширкатҳои сайёҳӣ ҷузъи асосӣ ва муҳими инфрасохтори саноати сайёҳӣ мебошад.

Низоми идоракунии хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ бисёрфунксионалӣ ва мураккаб буда, кормандони ин бахшро вазифадор мекунад, ки бо дарназардошти омӯзиши гуногунии ниёзҳои меҳмононе, ки ба интихоби беҳтарин шароити зист дар иншоотҳои сайёҳӣ майл доранд, шароити бароҳати зиндагӣ фароҳам оранд. Рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба афзоиши шумораи бештари ширкатҳои сайёҳӣ оварда расонид, балки такмили фаъолияти онҳоро, ки дар рақобати шадиди бозори хизматрасонии сайёҳӣ қарор дорад, пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия такмили асосҳои ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзоиши муштариён мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки рушди ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун як раванди мураккаб ва дар давраи тӯлонӣ амалишаванда дар асоси омӯзиши мунтазами омилҳои муҳити беруна ва дохилии тиҷорат мебошад.

Аз нуқтаи назари методологӣ зарурати пайваста гузаронидани тадқиқотҳои гуногун, ки ба муайян кардани омилҳои муҳимтарин, ки ба афзоиши муштариён таъсири мусбӣ мерасонанд, таъкид шудааст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои ворид намудани тағйироти сохтори ташкилию

иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ кӯмак раоснанд.

Дар аксарияти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон модели мушаххаси идоракунии ширкуатҳои сайёҳӣ амал менамояд. Моделҳои тарҳрезишуда дар худ бо ҷорӣ намудани усулҳои нави таҳқиқоти маркетингӣ, ташкили системаҳои самараноки назорат, инчунин ба роҳ мондани робита қувваи пешбарандаи модели мазкур мебошад, зеро тамоми амалҳо дар самти такмили низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ оғоз меёбад. Нуқтаи ибтидоии модел муқаррар кардани талаботҳои истеъмолкунандагон ва муқаррар кардани мавқеи онҳо дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ мебошад.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ дар рушди бозори хизматрасонии меҳмонхонаҳо нишон медиҳад, ширктаҳои сайёҳӣ дар даҳсолаи охир саъй доранд, ки ҳама гуна воситаҳоро барои ҷалби истеъмолкунандагон истифода баранд ва онҳоро ба муштарии доимӣ табдил диҳанд. Ва ин воситаҳо дар навбати худ ҳамчун унсури механизми боэътимоди таъмини рақобатпазирии созмон ва рушди устувори онҳо амал мекунанд.

Дар шароити рақобати шадид дар назди ширкатҳои меҳмонхонаҳо вазифа гузошта шудааст, ки усулҳои пешрафтаи рушди устувори корхонаҳоро татбиқ кунанд. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлил ва вазъи бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд қайд кард, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ташаккули раванд тавони рақобатпазирии ширкатҳо бо истифодаи механизми пешниҳоди хизматрасониҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, ташаккули раванди зикргардида наметавонад ба анҷом расад, агар иқтидори кадрии меҳмонхона ба талаботи муосири роҳбарияти корхонаҳои меҳмонхона мувофиқат накунад. Дар асоси ин, мо қайд мекунем, ки рушди ширкатҳои сайёҳӣ бевосита аз таъмини қаноатмандии дилхоҳи муштариён аз хизматрасониҳо вобаста аст. Кафолати қаноатмандии муштариён ин сифати баланди хизматрасонӣ мебошад, ки дар навбати худ аз омодагии кормандон бо истифода аз таҷрибаи ширкатҳои пешқадам ва хизматрасониҳои пешрафтаи онҳо вобаста аст.

Дар асоси ин самтҳои муҳим ва афзалиятноки рушди корхонаҳои

меҳмонхонаҳо нишон додани самтҳои асосии такмили низоми таълими дохилии кадрҳои ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонии ширкатҳо мебошад. Дарвоқеъ, самтҳои зикршудаи рушди ширкатҳои сайёҳӣ хусусияти стратегӣ доранд, ки дар доираи ҳар кадоми онҳо чорабиниҳои алоҳидаи стратегиро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои муайян нигаронида шудаанд, ҷудо кардан мумкин аст.

Сарфи назар аз он, ки давлат барои рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ заминаи меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам овардааст, аммо имрӯз зарур аст, ки ба механизми татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, махсусан дар самти идоракунии сайёҳии кишвар таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Ҳамин тариқ, то кунун масъалаҳои таъмини иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ ва иттилоотии сайёҳӣ, сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ташаккули манбаъҳои маблағгузории сайёҳӣ, рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ба таври амиқ тасниф карда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, танзими фаъолияти сайёҳӣ аз ҷониби давлат дар доираи фароҳам овардани шароити доимӣ барои фаъолияти босамари тиҷорати сайёҳӣ таъсир мерасонад. Қоидаҳои гуногуни идоракунии сайёҳӣ, намудҳои назорат ва назорат аз болои иҷрои он таҳия ва мунтазам такмил дода мешаванд. Илова ба ташаккули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои гуногун оид ба дастгирии соҳаи сайёҳӣ, қоидаҳои азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ширкатҳои сайёҳӣ, стандартҳои бехатарӣ дар пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, бахусус онҳое, ки ба саломатии сайёҳон ва фароғатгарон таъсир мерасонанд, дар бандҳои алоҳидаи қонунгузорӣ моддаҳои махсус бахшида шудааст. Инчунин, давлат пайваста лоиҳаҳои сармоягузориро ҷиҳати рушди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар кмшвар ва минтақаҳои он ҷиҳати ташаккули соҳа ва танзими тиҷорати сайёҳӣ таҳия ва дар сомонаҳо ҷойгир мекунад.

Танзими андозӣ ва пулию қарзӣ яке аз самтҳои муҳими танзими фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Давлат барои пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва қарзӣ барномаҳои гуногун таҳия намуда, фаъолияти асъории ширкатҳои сайёҳиро бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди рақобат барои рушд ва такмили хизматрасонии сайёҳӣ дар кишварро танзим

менамояд. Яке аз самтҳои асосии танзими давлатӣ ин омода намудан ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисос барои соҳаи сайёҳӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, танзими омоданамоии мутахассисон, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани савияи дониши онҳо дар соҳаи тиҷорати сайёҳӣ вазифаи муҳими давлат ва мақомоти он мебошад. Бо мақсади ҳифзи саломатии сайёҳон ва дигар иштирокчиёни раванд мақомоти давлатии хадамоти санитарию эпидемиологӣ қоидаҳои будубоши сайёҳони хориҷӣ ва дохилиро дар ҷойҳои муносиб мунтазам таҳия ва такмил медиҳанд.

Ба фикри мо, дар миқёси минтақаҳо ва дигар ҳудудҳои сайёҳӣ ташкил кардани ширкатҳои сайёҳӣ бо мақсади баланд бардоштари иқтидори иқтисодии ширкатҳои дар соҳаи мазкур махсусгардонидашуда талаби замон мебошад. Инкишофи равандҳои зикргардида ва ташкили ширкатҳои сайёҳӣ ба таҳияи барномаҳо ва стандартҳои махсус такя намуда дар заминаи он фазои мусоиди идоракунии ширкат ба миён меояд. Дар минтақаҳо бошад, худи минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ҳамчун марказҳои рушди минбаъда ва ободонии минтақаҳои сайёҳӣ баромад хоҳанд кард. Ин имкон медиҳад, ки мушкилоти минтақаҳои сайёҳӣ барои рушд ва беҳбуди соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ сари вақт ва самараноктар баррасӣ ва ҳал карда шаванд:

- ҷалби сармоя ба як минтақаи мушаххас, фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ бо назардошти хусусиятҳо ва хусусиятҳои ҳар як минтақа;
- таъмини ҳифзи мухити зист;
- шаклхои нави хизматрасонии саёҳатро инкишоф диханд;
- бо назардошти хусусиятхои маданию таърихии минтақа мутахассис омода намоянд;
- низоми имтиёзноки додани андозҳои маҳаллӣ ва ғайра муқаррар карда шаванд.

Чорабиниҳои пешбинишуда рушди ширкати сайёҳиро таъмин намуда самарнокии иқтисодии онро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон фароҳам меорад. Барои ин зарурияти механизми ягона ва тарҳрезии амсилаҳои

мувофиқ бо ба инобат гирифтани таҷрибаи пешоҳанги кишварҳо ва ширктаҳои дар самти мазкур пешсаф зарур мебошад. Таҳлили саривақти ва баланд бардоштани раванди пешниҳоди хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ имкон медиҳад самаранокии тамоми система ва сохторҳои ширкатҳои сайёҳӣ таъмин карда шавад. Барои амали намудани ин рӯй овардан ба иқтидори ширкатҳои сайёҳӣ зарур буда дар амалия ба ҳалли масъалаҳои мушаххас такя менамояд расми 1.




**Расми 15. -** Мавқеи иқтидори иқтисодӣ дар ташаккули ширкатҳои сайёҳӣ (таҳияи муаллифи диссертатсия)

Аз расми 1. аён аст, ки мавқеи иқтидори иқтисодӣ дар ташаккули ширкатҳои сайёҳӣ ниҳоят калон буда яке аз роҳҳои асосии рушди он ба ҳисоб меравад. Новобаста аз ин фаъолияти минбаъдаи ширкатҳои сайёҳӣ ба чанд омили дигар вобаста мебошад:

- иттилооте, ки талабот ва интизориҳои истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳиро тавсиф мекунад;

- маълумот дар бораи он, ки чӣ гуна хизматрасониҳои сайёҳӣ ба талаботи онҳо ҷавобгӯ аст;
- маълумот дар бораи фаъолияти равандҳое, ки тавассути он хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳод карда мешаванд.

Бандҳои зикргардида дар баробари ба даст овардани маълумоти умумии фаъолияти ширкати сайёҳӣ оид ба пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба такмили равандҳои идоракунии ширкат ва ҷузъҳои зернизоми он алоқаманд аст.

Дар ин росто масъулияти менеҷменти ширкати сайёҳӣ инчунин ба барои муайян кардани сиёсати идоракунӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои ташкилот бояд ҳамоҳанг карда шавад. Маҳз механизм ва функсияҳои идоракунӣ бояд ба амалишавии чунин ҳадафҳо ва такмили фаъолияти ширкати сайёҳӣ дар заминаи истифодаи иқтидорҳои иқтисодӣ асос ёбад.

Блоки «захираҳои сайёҳӣ» дорои захираҳое мебошанд, ки барои таъмини фаъолияти ширкат ва раванди пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ заруранд.

Натиҷаҳои таҳлили маълумот шохаи «Раванди андозагирӣ, таҳлил ва баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ» бояд ҳамчун асос барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили худи низоми идоракунӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти сайёҳӣ дар заминаи иқтидори иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ истифода карда шавад. Ин дар шохаи «Мунтазам такмил додани низоми идоракунии сифат ва раванди пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ» идома меёбад.

Ба андешаи мо, муайян кардани талабот ба маҳсулоти сайёҳӣ ва таҳлили сатҳи қаноатмандии муштариён бо ёрии усулҳои таҳлили иқтисодӣ, сотсиологӣ, коршиносӣ (пурсиш, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо, пурсишҳои гурӯҳи) бояд ба роҳ монда шавад.

Такмили механизми ташкилию иқтисодии истифодаи иқтидори ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин таъмини сифати хизматрасонии сайёҳӣ бо истифодаи ду омил (маҳсулот ва хизматрасонӣ) ва бо ду шакли муносибат

(моддӣ ва ғайримоддӣ) алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, дуруст муайян кардани меъёр ва нишондиҳандаҳои такмили пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ унсурест, ки баррасии он нисбат ба дигар соҳаҳои хизматрасонии маҷмааҳои хусусияти ҷамъиятӣ дошта (савдои чакана, хӯроки умумӣ ва ғ.) хеле мушкил ба назар мерасад.

Андозагирии меъёрҳои зикрагрида дар раванди такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ метавонад якхела ва бо тарафҳо судманд амали карда шавад. Бояд таъкид кард, ки чунин меъёр дар муносибат ба арзёбии сифати хизматрасонии сайёҳӣ ягонагии аз ҳама бештарро фароҳам меорад. Ба андешаи мо, барои рушди сайёҳии фаъоли байналмилалӣ дар мамлакат ба назар гирифтани таҷрибаи ширкатҳои пешрафта, ки ба пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ дар кишвар машғуланд зарур буда дар ин росто такмили меъёрҳо боиси таъмини сифати баланди хизматрасонии сайёҳӣ мегардад. Нуқтаи назари мо низ дар он асоснок карда мешавад, ки шиддатнокии пайвастаи рақобат дар бозори хизматрасониҳои сайёҳии кишварҳои пешрафта ва дар натиҷаи он босуръат боло рафтани сатҳи умумии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ ва аз тарафи дигар, бомуваффақият ба анҷом расонидани уҳдадориҳои байналмилалӣ, мавҷудияти сайёҳии саноатиро ба миён оварда, онро яке аз сарчашмаҳои муҳими рушди кишвар табдил медиҳад.

Барои амалишудани гуфтаҳои дар боло қайдгардида ба воқеият, зарур аст:

- аввалан, истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои сайёҳиро дар кишвар пайваста рушд ва тавсеа диҳем, то онҳо ба талаботи пардохтпазирии сайёҳӣ ҳарчи бештар мувофиқат намоянд;

дуввум, бунёди пойгоҳи нави моддию техникии сайёҳӣ, навсозӣ ва таҷдиди мавҷудаи он, то он дараҷае, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳо пешсаф бошанд;

- сеюм, такмил додани шаклҳои ташкилии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои

тараққикардатарини сайёҳӣ.

Такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии меъёрҳои раванди пешниҳоди хизматрасонии сайёҳии дохилӣ метавонад нисбат ба сатҳи байналмилалӣ то андозае тафовут дошта бошад, аммо дар айни замон, ҳолати пешниҳоди хизматрасонӣ дар низоми сайёҳии дохилӣ бояд зуд ба сатҳи талаботҳои байналмилалӣ расад ва ба талаботи босуръат афзояндаи сайёҳони ватанию хориҷӣ ҷавобгӯ бошад. Барои амалишавии гуфтаҳои дар боло овардашуда минбаъд такмили механизмҳои рушди ширкатҳои сайёҳӣ ба гунаи зерин ба роҳ монда шавад (расми 2).


СТРАТЕГИЯИ ИДОРАКУНИИ ШИРКАТИ САЙЁҲӢ
Ҳадафҳо ширкати сайёҳӣ
Амалишавии ҳадафҳои ширкати сайёҳӣ
Рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ
2
1
Таҳлили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ
Таъсири принсипҳо ва усулҳои идоракунӣ
Натиҷагирии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ
Татбиқи механизми рушди иқтидори хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ
Арзёбии фаъолияти ширкати сайёҳӣ
Омилҳои таъсиррасони мустақим
Рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ
Омилҳои таъсиррасони ғайримустақим
3
4
Механизми ташкилию иқтисодӣ

**Расми 16. -** Такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ (таҳияи муаллифи диссертатсия)

1. Аз лиҳози қонуни фароҳам овардани шароит ҷиҳати такмили меъёрҳои механизмҳои ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ: якум барои сайёҳони хориҷӣ ва дуюм барои сайёҳони дохилӣ зарур мебошад.

Ба андешаи мо, дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ, мо бояд тавре амал кунем, ки ҳангоми истеҳсоли молҳо ва содирот таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро аз худ намоем. Маълум аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои олӣ танзими меъёрҳои хеле баланд зарур шуморида мешаванд. Маҳсулоте, ки ба кишварҳои дигар содир карда мешаванд, бояд ба меъёрҳои бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд, то онҳо барои ҷойгоҳи худ дар бозор бомуваффақият рақобат кунанд. Чунин равиш бояд дар истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳое, ки дар доираи содирот тавассути меъёрҳои сайёҳии байналмилалӣ содир карда мешавад, низ амалӣ карда шавад.

Дар шароити имрӯза мафҳумҳои меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии хизматрасонии сайёҳиро фарқ кардан лозим аст. Хусусияти умумиҷаҳонӣ касб намудани сифати хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ бо меъёрҳои мушаххас алоқаманд аст. Меъёрро тавассути системаи нишондиҳандаҳои ба сатҳҳои гуногуни идоракунӣ мутобиқшуда, шаклҳои фаъолияти сайёҳӣ, робитаҳои инфиродии сайёҳӣ, ки хизматрасонии туристиро пешниҳод менамояд, ифода кардан мумкин аст. Инҳо бояд нишондиҳандаҳое бошанд, ки имкон диҳанд раванди идоракунии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ дар нуқтаҳои алоҳидаи сайёҳӣ ё ба таври инфиродӣ муқаррар карда шаванд. Бо ёрии ин нишондиҳандаҳо ва муқоисаи онҳо, сифати *хизматрасонии* туристиро аз рӯи комплексҳо, намудҳои фаъолият ва дигар хусусиятҳо муқоиса кардан мумкин аст.

Пажуҳишгарон ва коршиносони масоили иқтисодии хориҷию ватанӣ муътақиданд, ки имрӯз дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ маҳз раванди

пешниҳоди хизматрасонӣ ба мизоҷон муваффақияти рақобатро пешакӣ муайян мекунад. Аммо, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ кам тавсияҳое мавҷуданд, ки бо истифодаи иқтидори иқтисодӣ раванди пешниҳоди хизматрасонӣ ва маҳсулоти сайёҳиро тақвият бахшидан мумкин бошад. Қисми зиёди корҳои илмии анҷомдодашуда оид ба такмили меъёрҳои сифат, ки рушди ширкатҳои сайёҳиро ба мушкилоти сифати мол ё истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ алоқаманд шуморидаанд, бахшида шудаанд.

Шакли мураккаб гирифтани фаъолияти сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки маълумоти дуруст ҷиҳати коркарди низоми нишондиҳандаҳои арзёбии сифати хизматрасониии сайёҳӣ мушкил мебошад. Таъсири як қатор омилҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ ва ғайра дошта имкон намедиҳад, ки ҳолати пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ дар шаклҳои гуногун баҳогузорӣ карда шавад. Омилил дигари мутаассир ташкили чорабиниҳои фароғатӣ аст, ки то кунун атрофи он таҳқиқоти ҷидди ба сомон расонида нашудааст. Хусусияти гуногунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ татбиқи меъёрҳои дар боло овардашуда ҳолати бозорро чандирӣ нишон дода баррасии монеаҳои ҷойдошта то андозае мушкил мебошад.

2. Тибқи таъкиди бисёре аз муҳаққиқон, хусусияти гуногунҷанба касб намудани пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ ва мушкилоти андозагирию идоракунии он истифодаи методологияи баҳогузории ҳолати пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳиро ба миён меорад. Аммо, бояд қайд кард, ки усули мазкур то андозае мушкилоти мавҷуддаро ошкор наменамояд. Усулҳои зикргардида дар ҳоле амал менамоянд, ки:

- ❖ аввал, фарқияти чашмрас дар тиҷорати маҳсулоти сайёҳӣ ба миён ояд;
- ❖ дуюм, таъсири манфӣ ва мусбати омилҳои субъективӣ ва объективӣ ҷиҳати баҳогузории ҳолати рушди ширкат ба миён ояд;
- ❖ сеюм, омодагии равонӣ ва сифатҳои шахсии кормандоне, ки ба пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ машғуланд.

Бо вуҷуди ин, зарур мешуморем, ки айни замон истифодаи усули баҳодиҳии раванди идоракунии пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи

мақсад мебошад.

Ба андешаи муҳақиқони соҳаи сайёҳӣ такмили механизмҳои пешниҳоди хизматрсониҳои сайёҳӣ, инчунин равандҳои функсионалӣ ва техникии сифати маҳсулоти сайёҳӣ ба як навъ алоқамандии бефосила асос ёфтааст.

Марҳилаи аввал ин тафовути байни интизориҳои истеъмолкунандагон нисбати хизматрасонӣ ва маҳсулоти ширкати сайёҳӣ ва бархурди дурусти роҳаброни ширкат ба онҳо мебошад.

Марҳилаи дуюм тафовути байни фаҳмиши роҳбарияти ширкати сайёҳӣ дар бораи интизориҳои истеъмолкунанда ва раванди татбиқи механизмҳо ва усулҳои маъмули тақвиятбахшандаи он мебошад.

Марҳилаи сеюм тафовути байни низоми идоракунӣ мебошад, ки онро роҳбарияти ширкати сайёҳӣ амалӣ мекунад ва паст будани қобилияти омодагии касбии кормандони ширкати сайёҳӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Марҳилаи чорум тафовути байни низоми идоракунии сифат, ки дар аксарияти ширкатҳои сайёҳӣ мавҷуданд ва таблиғи маҳсулоту хизматрасонӣ дар васоити ахбори омма.

Марҳилаи панҷум, фарқияти байни интизориҳои истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ ва раванди пешниҳоди ин маҳсулот аз ҷониби як ширкати сайёҳӣ мебошад.

Интизориҳои истеъмолкунандагон ҷиҳати дастрасии маҳсулоти сайёҳӣ мумкин аст то як андоза мавқеи ширкати сайёҳиро боло бардорад. Сабаби тағйир ёфтани рафтани истеъмолкунандагон бо ширкатҳои сайёҳӣ - рақибон ва хароҷоти баланди ширкат барои ҷалби истеъмолкунандагони нав ба ҷои шахсони дигар мегардад. Тасдиқи интизориҳо боиси ҷалби муштариёни ҳамешагӣ ба ширкати сайёҳӣ мегардад, ки баъзан онро «бархурди муносибатҳо» меноманд. Бархурди муносибатҳо муваффақияти дарозмуддати ширкати сайёҳиро тавассути даромаднокии устувор дар асоси майлу рағбати муштариён ва кам кардани хароҷоти ширкат барои ҷалби муштариёни нав таъмин менамояд.

Ба андешаи мо  нишондиҳандаҳо барои ҷойгирнамоии иншооти сайёҳӣ ба омилҳои зерин вобаста мебошанд:

- зуд ҷой додани сайёҳон дар меҳмонхонаҳо, мотелҳо, кемпингҳо, манзилҳои шахсӣ;
- пешниҳоди хизматрасонӣ ба сайёҳоне, ки қаблан аз он истифода менамуданд;
- риоя намудани меъёрҳои зарурӣ дар ҷойҳои истирлҳати сайёҳон, истифодаи дурусти захираҳои мавҷуда.
- сатҳи хизматрасоние, ки барои таъмини талаботи сайёҳон ҷавобгӯ мебошад,
- пешниҳоди хизматрасонии интиқоли бағоҷ ҳангоми омадан ва рафтани сайёҳ,
- пешниҳоди маълумоти зарурӣ доир ба минтақаи ҷойгиршавии иншооти сайёҳӣ;
- муқаррар намудани талаботи санитарию гигиенӣ дар иншооти сайёҳӣ мутобиқи талаботи сайёҳ, ки хусусиятҳои меъёрҳои зикргардидаро инъикос менамояд;
- сатҳи баланди тахассуси кормандони ширкати сайёҳӣ;
- пешниҳоди (ройгон ё бепул) доираи васеи хизматрасониҳои иловагии сайёҳӣ вобаста ба будубоши меҳмон (телефон, почта, телекс);
- фароҳам овардани шароит барои фароғат бо назардошти миллат, вазъи иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳои сайёҳ;
- таъмини дигар чорабиниҳои гуногуни фарҳангию варзишӣ, экскурсияҳо ва ғ.

Самти дуюми фаъолият, ки барои хизматрасонии сайёҳӣ аҳамияти калон дорад, хӯрокворӣ мебошад. Ин қисми хизматрасонии сайёҳӣ аз ду ҷузъ иборат аст: якум сифат ва номгӯи маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар молҳои ба истилоҳ харидорӣ ва мавриди истифода қарор гирифтаанд, дуюм сифати ташкили раванди фурӯш маҳсулот ва хусусияти истеъмоли доштани маҳсулоти хурокворӣ.

Сифат ва номгӯи маҳсулот барои хизматрасонӣ дар тамоми муассисаҳои хӯроки умумӣ, новобаста аз намуд ё фарқияти онҳо, аҳамияти якхела доранд. Дар хусуси шароити фурӯши маҳсулот ва ташкили истеҳсолот бошад, дар баъзе намудҳои муассисаҳои хӯроки умумӣ, ки сайёҳон ташриф меоранд, вақти фурӯши маҳсулот аҳамияти ҳалкунанда дорад ва дар баъзеи дигар қонеъ намудани ҳама талаботи хизматрасонӣ зарур мебошад. Масалан, *дар* нуқтаҳои хӯроквории тезпаз (снэкф, экспресс-кафе ва ғ.), Суръати қабул ва пешниҳоди хӯрокҳо аҳамияти ҳалкунанда дорад, зеро ороиши дастархонро худи муштарӣ ва ё корбари ширкати сайёҳӣ анҷом медиҳад. Дар тарабхонаҳо сифати хизматрасонӣ ба сифати кор ва сатҳи хизматрасонии маъмур, пешхизматҳо, кормандони ширкатҳо ва ғайра асосан ҳархела мебошад.

Нишондиҳандаҳои андозагирии сифати хизматрасонӣ дар фаъолияти бахши хӯроки умумӣ метавонанд инҳо бошанд:

- дараҷаи ороиши хӯрокҳои пешниҳодшаванда, ҳарорат, таъми онҳо; навъҳои гуногуни маҳсулот, нӯшокиҳо ва дигар молҳо, ки дар корхонаи хӯроки умумӣ мувофиқи намуд, хусусиятҳои муштариёнаш дастрасанд.

- суръат ва хушмуомилагии кормандони бахши хизматрасонӣ ҳангоми мулоқот ва гусел кардани меҳмонон, суръати пешниҳоди варақаи номгӯи маҳсулот барои муштарӣ ;

- суръати иҷрои фармоиш ва усули пардохти фармоиш пас аз наҳорӣ, хӯроки нисфирӯзӣ ё шом;

- пешниҳоди хизматрасонӣ барои меҳмон ҳангоми истеъмоли ғизо;

- дараҷаи нигоҳдории тозагӣ ва бароҳатӣ дар толор, ки ба талаботи шахси бомаданият мувофиқ аст, аз ҷумла шамолдиҳии даврии толор ва дигар биноҳои ёрирасони марбут ба хизматрасонӣ ба мизоҷон;

- дараҷаи гигиенаи шахсӣ, тозаву озодагии намуди зоҳирии ҳуҷраҳо, фарҳанги рафтор, либоси ҳатмии тамғавӣ, ки ба намуд ва категорияи муассисаи хӯроки умумӣ мувофиқанд;

- хӯрдани хӯрок ва нӯшокиҳо маҳз мувофиқи андоза, вазн ва таркиби дар ҳисобнома пешниҳодшуда бо нархҳои ҷорӣ.

Барои тарабхонаҳо, муассисаҳои маишӣ ва фарҳангию фароғатӣ арзиши хизматрасониҳои иловагии сайёҳӣ, ки ба фароҳам овардани шароити ҳамроҳӣ, истироҳат ва фароғат мусоидат мекунанд (барномаҳои ҳунарӣ, ҳунарнамоии сарояндагон, оркестрҳо, ташкили рақсҳо ва ғ.) афзоиш меёбад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар тарабхонаҳои боҳашамат (люкс ва синфи изофӣ) танҳо 25% даромад бо хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ (ба истисноi арзиши ашёи хом) ва 75% бо хизматрасониҳои гуногуни иловагии бо мақсади ташкили истироҳат ва вақтхушӣ алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот дар таҳия ва асосноккунии қоидаҳои методологӣ ва амалӣ оид ба такмили раванди пешниҳоди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ хулосаи аниқ ва мантиқии худро дарёб намуданд.

Ба андешаи мо, усулҳои дар боло овардашуда барои муайян кардани сифати маҳсулоти сайёҳӣ имкониятҳои назаррас дорад. Ин тартиби соддатарин ва амалии таҳқиқи сифати маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти гуногуни ба ташхиси ҷанбаҳои гуногуни ба мавзӯъ бахшидашуда иҷро карда шуда чунин асоснок мегардад, ки дар сурати истифодаи тавсияҳо ва механизмҳои пешниҳодгардида такмили равандҳои идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ имконият дорад.

## Хулосаи боби сеюм:

1. Дар таҷрибаи пешоҳанги ҷаҳонӣ механизми такмилдиҳӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо, воситаҳо, равандҳо ва инструменте, ки ба рушди объект нигаронидашудаст ба омӯзиши категорияҳои муҳими иқтисодӣ: бозорҳо, муайян кардани ғояҳо, ниёзҳои нави муштариён (дар шакли молу хизматрасониҳои нав татбиқ шудани онҳо), воситаи такмили низоми истеҳсол ва фурӯши молҳо, маркетинг (гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ) равона гардида, инъикос ёфта барои тағйири ҳолати ширкатҳои сайёҳии зарур мебошанд.

2. Мақсади асосии такмили механизми соҳаи сайёҳӣ ҳамҷоясозии ҳадафҳо фаъолиятҳо, муттаҳидсозӣ ба раванди ягонаи технологӣ, таҳқиқи мушкилоти ҷойдошта, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ё пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Ин шакли амалкард афзоиши самаранокии соҳаро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин мекунад. Аз ин рӯ, ширкатҳои сайёҳӣ бояд принсипҳо, унсурҳо ва механизмҳои муосирро дар ҷараёни идоракунӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо истифода баранд.

3. Такмили механизми раванди идракунии ширкатҳои сайёҳӣ ҷиҳати пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасонии сифатнок пеш аз ҳама дар асоси принсипи зерин: сифати маҳсулот, хосиятҳои истеъмолӣ, нарх, миқдор ва ташкили истеҳсолот ё фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ амал карда метавонад. Дар ҳолати зикргардида, ширкат дар фаъолияти худ ба тавлиди маҳсулоте диққат диҳад, ки талабот ба он зиёд аст.

4. Афзалияти механизмҳои муосири идоракунӣ дар он аст, ки ба иштирокчиёни раванд имкон медиҳад, ки тағйироти талаботро пешгӯӣ намоянд, ва маҳсулоти туристии ояндаро бо ба инобат гирифтани талаботи минбаъда тахия намуда, дар тафаккури ниёзмандон робитаи мустақимро бахри ҳалли мушкилоти онҳо ва маҳсулоти пешниҳодкардаи ширкат такмил диҳанд.

5. Механизми идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун қисми

таркибии системаи идоракунии стратегияи ширкат як қатор марҳилаҳо ва шаклҳои фаъолияти идоракуниро дар бар мегирад, ки бояд зери назари шахсони масъул, хусусан роҳбарони ширкатҳо қарор гиранд. Ҷанбаи асосии такмили механизми идоракунии раванди пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ интихоб, татбиқи усулҳо ва ташаккули стратегияи маркетингӣ мебошанд.

6. Дар таҳқиқот ба тарҳрезии стратегияи рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бо дарназардошти тақвият бахшидани омилҳои муқаррааргардида баландбардории сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ яке аз ҷузъҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ мебошад, диққати махсус дода шудааст. Вобаста ба ҳолати рушд таҳия ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ барои афзоиши таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагони он нақши муҳим мебозад.

7. Такмили механизми ташикилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ бояд ҳамчун воситаи асосии идоракунии соҳаи зикргардида ба инобат гирифта шавад. Аз ин рӯ, он бояд ба принсипҳои асосии такмили низоми идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ пазируфта шуда, мояи ташаккул ва рушд ба технологияи идоракунии фаъолияти иқтисодӣ мувофиқат кунад.

8. Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ба истифодаи стратегияи ширкат алоқаманд буда аз бандҳои зерин: интихоби маҷмӯи усулҳои таҳлили барои таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ; назорати доими ҷиҳати амалишавии стратегияи рушди ширкат ва татбиқи ҳадафҳои пешгузошташуда ва .ғ. Дар қисми хотимавии параграфи мазкур муаллиф зарурияти таҳияи стратегияи хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳиро дар фароҳам овардани муҳити рушди мутавозини соҳаи сайёҳӣ алоқаманд шуморида барои пурра гардидани он таҳқиқи самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди онро муҳим арзёбӣ менамояд.

9. Самтҳои асоси такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ марҳилаҳои асосии зеринро пешбинӣ мекунад: банақшагирӣ, омодагӣ ва татбиқи аудит, таҳлил ва ҷамъбасти

натиҷаҳои бадастомада, таҳияи санадҳои зарурӣ, назорат ва пешниҳоди шаклҳои муосири хизматрасонӣ мебошад.

10. Ҳамин тариқ, дар диссертатсия такмили асосҳои ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзоиши муштариён мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки рушди ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун як раванди мураккаб ва дар давраи тӯлонӣ амалишаванда дар асоси омӯзиши мунтазами омилҳои муҳити беруна ва дохилии тиҷорат мебошад.

11. Такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии меъёрҳои раванди пешниҳоди хизматрасонии сайёҳии дохилӣ метавонад нисбат ба сатҳи байналмилалӣ то андозае тафовут дошта бошад, аммо дар айни замон, ҳолати пешниҳоди хизматрасонӣ дар низоми сайёҳии дохилӣ бояд зуд ба сатҳи талаботҳои байналмилалӣ расад ва ба талаботи босуръат афзояндаи сайёҳони ватанию хориҷӣ ҷавобгӯ бошад. Барои амалишавии гуфтаҳои дар боло овардашуда минбаъд такмили механизмҳои рушди ширкатҳои сайёҳӣ ба гунаи зерин ба роҳ монда шавад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии диссертатсия

1. Масоили ташаккули сайёҳӣ дар шароити имрӯза ҳамеша madди назари муҳақиқони соҳаи иқтисодиёт қарор гирифта, дар раванди ташаккули ҷомеаи ҷаҳонӣ он аз омилҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ бахрабардорӣ менамояд. Дар диссертатсия нуктаҳои муҳимми мавзӯи мазкур, ба таври комплексӣ омӯхта шуда, таҷрибаи кишварҳои пешқадам бароирушди босуботи сайёҳӣ, кластерикунонии онҳо дар доираи маҳалҳо таҳлил карда шуда, омилҳои асосӣ бо дарназардошти иқтидори сайёҳии кишвар, муҳити ҷуғрофии маҳалҳои он, арзишҳои маънавӣ, ёдгориҳои таърихӣ, урфу одати онҳо бори аввал ба таври васеъ мавриди тадқиқ қарор гирифт. Раванди ҷаҳонии фаъолияти сайёҳӣ дар ҷаҳон, афзоиши шумораи сайёҳон дар Тоҷикистон, иқтидори бузурги сайёҳии кишвари мо аз он далолат мекунад, ки соҳаи сайёҳӣ дар даҳсолаҳои охир ба яке аз сердаромадтарин бахшҳои иқтисодӣ табдил ёфта, дар ин замина сатҳи зиндагии мардум беҳ мегардад, масъалаи таъминоти мардум бо ҷойи кори доимӣ то андозаи кофӣ ҳалли худро меёбад.

2. Таҳлил карда шуда, ки инфрасохтори сайёҳӣ ба таври комплексӣ рушд намуда, дар ин ҷо принсипи ягонагии банақшагирии стратегӣ, минтақавӣ ва тақсимбандии ҷуғрофӣ бояд риоя карда шавад. Омилҳои асосии ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар кишвар монеашаванда, ба мисли сатҳи пасти дастрасӣ ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон, кам будани ҳаҷми сармоягузорӣ, риоя нагардидани принсипи ягонагии амал дар сатҳи маҳалҳо, ташаккул наёфтани ниҳодҳои ҷомеавӣ дар раванди идоракунии соҳа ва дигарҳо таҳқиқ гардиданд.

3. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ дар замони муосир дар адабиёти илмӣ гарчанде ба таври васеъ мариди тадқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, вале вобаста ба табиату имконоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар як кишвар он хусусиятҳои хоссаро касб менамояд. Дар ин замина метавон гуфт, ки дар раванди ҷараёни роҳандозии фаъолияти

сайёҳӣ масоили баҳсталаби дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ дар инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ зиёд буда, роҳҳои ҳалли онҳо ба таври мукаммал баррасӣ шудааст.

